МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД
БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 070 (575. 3) (76.12)

**ЗАЙНИДИНӢ МУАТТАРХОН ЗАЙНИДИН**

# МАХСУСИЯТИ МУНДАРИҶАВӢ ВА ЖАНРИИ ГӮШАИ «АНБӮР»-И НАШРИЯИ «ҲАҚИҚАТИ ЛЕНИНОБОД» («ҲАҚИҚАТИ СУҒД»)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Самадова Дилбар Ҳасановна

ДУШАНБЕ – 2026

**М У Н Д А Р И Ҷ А**

**МУҚАДДИМА……………………………………………………………...........3-13**

**БОБИ I. ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ҲАҶВӢ ДАР РӮЗНОМАИ «ҲАҚИҚАТИ ЛЕНИНОБОД»……………………………………………….........................14-46**

1.1. Заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)…………………………………………...............................14-35

1.2. Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия...……………………………………………………..................35-46

**БОБИ II. ГӮШАИ ҲАҶВИИ «АНБӮР» ВА МУНДАРИҶАИ ОН...........................................................................................................................47-91**

2.1. Омилҳои таъсис ва ташаккули гӯшаи «Анбӯр» ………….................47-63

2.2. Таҳлили мундариҷавии матолиби гӯшаи «Анбӯр»……….................64-91

**БОБИ III. ТАНОСУБИ ЖАНРИИ МАВОДДИ ГӮШАИ «АНБӮР».....................................................................................................92-145**

3.1. Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ…………………..........................92-126

3.2. Таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистии нашрия…………………………..................................126-145

**ХУЛОСА........................................................................................................146-150**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ......................................................................................................151**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.............................................................................152-168**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Матбуоти даврӣ дар ҳама марҳалаҳои мавҷудияти худ, чун ойинаи зиндагӣ ва инъикосгари ҳаводиси рӯз пайваста муваффақияту комёбиҳо ва ҳамзамон мушкилоту камбудиҳои иҷтимоиро инъикос намудаву менамояд. Инъикоси холисонаи муваффақияту камбудиҳои ҷомеа, ки бо сабку шеваҳои мухталиф сурат мегирад, дар густариши афкору ҷаҳонбинии мардум нақши барҷаста мегузорад. Яке аз шеваи писандидае, ки дар инъикосу тасвири камбудиҳои иҷтимоӣ нақши сазовор дорад, ҳаҷв аст.

Ҳаҷв дар марҳалаҳои рушди матбуоти даврии тоҷик ҳамчун ҷузъи таркибии контенти рӯзномаву маҷаллаҳо арзи ҳастӣ намуда, на танҳо дар ифшои норасоиҳо ва ислоҳи онҳо нақш бозидааст, балки барои насли имрӯзу оянда сабақҳои касбиву инсониро боқӣ гузоштааст. Дар ин радиф таҷрибаи гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») истисно буда наметавонад.

Дар замони истиқлоли комили кишвар, ки шинохту арҷгузории падидаҳои маънавии худиву умумибашариро бештар тақозо дорад, омӯзиш ва пажуҳиши осори ҳаҷвӣ, бавежа гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бо шеваҳои комилан тоза ва равишҳои ҳаҷви пешрафта, аҳаммияти зиёдтар пайдо кардааст.

Дар ин замина, омӯзиш ва таҳқиқи маводи ин гӯшаи маъруфи ҳаҷвӣ бо назардошти омилҳои таърихӣ ва анъанавӣ суннатҳои эҷоди матолиби ҳаҷвӣ, вежагиҳои шакливу мундариҷавии осори адабӣ-ҳаҷвӣ, сабку шеваи баёни матолиб, раванди инкишофи ҳаҷви матбуотӣ дар робита бо таъсири амиқи сиёсат ва вазъи воқеии марҳалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муҳим ва аҳаммиятнок аст.

Таҳқиқи ҳаҷв ва унсурҳои ҳаҷвӣ дар асоси маводди гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Суғд», пеш аз ҳама, барои муайян намудани ҷойгоҳи ҳаҷв дар ин рӯзнома муҳим аст. Зеро маводди ҳаҷвии ин гӯша, ки фарогири нукоти муҳим мебошанд, далели муътамаде дар шинохтани вазъи ҳаҷви он

замон ба шумор рафта, ба таҳқиқи мукаммал, бо назардошти тақозои замон ва дидгоҳи тозаи илмӣ ниёз дорад.

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳаҷв ва унсурҳои он дар ҷомеаи муосир аз мавқеи муҳим публитсистикашиносӣ ба шумор меравад, зеро дар журналистикаи муосир, ки ҳаҷв дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дорад, омӯхтани таҷрибаи ҳаҷвнигории як нашрия ва муайян намудани вежагиҳои мавзуиву жанрии он, барои эҳёи анъанаи неки мубориза алайҳи амалҳои номатлуби шахсони алоҳида ва ба ин роҳ таъмини тантанаи адолат ба маротиб афзудааст. Таърихи ташаккул ва рушди ҳаҷви публитсистӣ, нақши анвои ҳаҷвӣ дар бозтоби масоили муҳимми ҷомеа аз зумраи мавзуъҳое ба шумор меравand, ки ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддӣ доранд.

Дар рушди ҳаҷви публитсистӣ матбуоти даврӣ бо гӯшаҳои ҳаҷвии худ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аз ҷумла, гӯшаи «Анбӯр» чун маҷаллаи бонуфузи «Хорпуштак» анъанаҳои ҳаҷвиёти зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикро идома бахшида, барои таҳаввул ва рушди ҳаҷви публитсистӣ нақши созгор гузоштааст. Аз ин лиҳоз, имрӯз, бо гузашти беш аз ним аср, зарурати омӯзиши масъалаи анъана ва навовариҳои ин гӯшаи ҳаҷвӣ ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, рушд ва таҳаввули ҳаҷви публитсистӣ зарурати омӯзиш ва пажуҳиши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и «Ҳақиқати Ленинобод»-ро бо назардошти заминаҳои иҷтимоиву касбии таъсис, вежагиҳои шакливу мундариҷавии маводиб, муаллифони доимӣ, дараҷаи малака ва маҳорати ҳаҷвнигории онҳо, нақши ҳаҷвнигорони маъруф дар ташаккули жанрҳои ҳаҷвӣ ва ба ин васила рушди публитсистикаи ҳаҷвӣ ба миён гузоштааст, ки аз муҳиммияти таҳқиқи он дарак медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доир ба ҳаҷв ва паҳлуҳои мухталифи он муҳаққиқони тоҷик В. Асрорӣ [55], Х. Мирзозода [149], М. Шукуров [133], С. Солеҳов [117], А. Мавлонов [81], С. Маҳдиев [187], И. Усмонов [123], М. Муродов [87] ва дигарон таҳқиқҳои судманде анҷом додаанд.

Пажуҳишҳои ин ва дигар муҳаққиқонро аз нигоҳи муносибат ба маводди ҳаҷвӣ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи аввал таҳқиқоти В. Асрорӣ, Х. Мирзозода , М. Шукуров, С. Солеҳов, С. Маҳдиев ва дигарон, ки дар онҳо, бо вуҷуди ба мушоҳида расидани ҳақиқати воқеӣ, майли адабиётшиносӣ ва фолклор бартарӣ дорад. Дар баъзе аз пажуҳишҳои ин муҳаққиқон чун С. Солеҳов ва М. Мавлонов объекти таҳқиқ матбуоти даврӣ бошад ҳам, муносибат адабиётшиносӣ аст.

Ба гурӯҳи дуюм пажуҳишҳои Қ. Баҳлулзода, А. Саъдуллоев, И. Усмонов ва М. Муродиро шомил намудан мукин аст. Ба шарофати омӯзишҳои ин муҳаққиқон публитсистикаи ҳаҷвӣ, жанр ва анвои он шинохта шуда, ҳаҷви матбуоти даврӣ аз нигоҳи публитсистикашиносӣ ба таҳқиқ кашида шудааст.

Дуруст аст, ки яке аз воситаҳои асосие, ки ба рушду ташаккули ҳаҷв асос гузоштааст, ин матбуоти даврӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аввалин назарҳои танқидӣ доир ба ҳаҷви публитсистӣ низ дар заминаи маводди матбуоти даврӣ ба вуҷуд омадааст. Мақолаҳои Б. Азизӣ аз нахустин назарҳои муҳаққиқона доир ба ҳаҷви матбуоти даврӣ ба шумор меравaнд.

Агар дар рисолаи С. Солеҳов «Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 1920-1930» пайдоиш ва инкишофи ҳаҷв дар матбуоти даврӣ ва ҷойгоҳи ҳаҷв дар маҷаллаи ҳаҷвии «Мушфиқӣ» таҳқиқ шуда бошад, дар рисолаи муҳаққиқ М. Мавлонов маҷаллаи «Хорпуштак» мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, масъалаҳои таъсири жанрҳои ҳаҷвии халқӣ, адабиёти классикӣ ба маҷаллаи «Хорпуштак», робитаи ҳаҷви советии тоҷик бо ҳаҷвияҳои адабиёти рус ва халқҳои дигарро таҳқиқ намудааст.

Донишманди тоҷик И. Усмонов дар асари хеш «Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ» осори ин адиби ҳаҷвнигорро таҳқиқ намудааст. Ин муҳаққиқ, чунончи М. Муродов дарёфтааст: «дар таҳқиқи ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ аз рӯйи принсипи назари публитсистӣ муносибат намуда, ба тарзи илмӣ ва мӯшикофона на танҳо ҷанбаи публитсистӣ, балки публитсистика будани асарҳои «Ахлоқ-ул-ашроф», «Рисолаи дилкушо», «Садпанд» ва «Муш ва гурба»-и Убайди Зоконӣ собит месозад» [95, с. 10].

Муҳаққиқ М. Муродов публитсистикаи ҳаҷвиро мавриди омӯзиш қарор дода, мақола ва асарҳои зиёде таълиф намудааст. Ин ҷо метавон аз асарҳои «Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ», «Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик» ва «Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул)» зикр намуд. Дар пажуҳишҳои ин муҳаққиқ, асосан, матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ ҳамчун объекти таҳқиқ интихоб шуда, масъалаи пайдоиш, ташаккул ва инкишофу таҳаввули ҳаҷви публитсистии тоҷик, ба вежа ташаккули жанрҳои асосии он, мундариҷаи осори ҳаҷвӣ, ҷиҳатҳои ғоявӣ-бадеӣ ва амсоли ин таҳқиқу таҳлил гардидааст. Дар осори ин муҳаққиқ ба ҳаҷви матбуоти вилоятиву ноҳиявӣ таваҷҷуҳ нашудааст.

Ҳарчанд, муҳаққиқон Д. Самадова ва З. Сатторова нашрияи «Ҳақиқати Суғд»-ро объекти таҳқиқ қарор дода, масъалаҳои корбурди жанрҳои публитсистӣ ва мавқеи ин нашрияро дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ таҳқиқ намуда бошанд ҳам, ба гӯшаи ҳаҷвии ин нашрия таваҷҷуҳ накардаанд.

Дар баробари ин, доир ба ҳаҷву ханда мақолаҳои зиёди матбуотӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, мақолаи Ш. Мӯсоев «Бурду бохти ҳаҷв» [151], М. Тӯраев «Ханда дар фарҳанги мардум»-ро метавон номбар намуд [169]. Агар дар мақолаи аввал моҳият ва аҳаммияти ханда ва мақому мавқеи он дар ҳаёти инсон баррасӣ шуда бошад, дар мақолаи дуюм паҳлуҳои мухталифи ҳаҷв мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ П. Рустамова дар мақолааш «Ҳаҷв дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»» дар бораи мавқеи ин гӯша маълумот дода, аз ҷумла таъкид намудааст, ки «Пайдоиши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» барои такомулу ривоҷи ҳаҷви тоҷик аҳаммияти муҳимме дошт» [132]. Бо вуҷуди ин, дар мақолаи мазкур мавзуъ ба таври пурра баррасӣ нашудаааст.

Аз ин лиҳоз, мо дар ин рисола кӯшиш менамоем, гӯшаи «Анбӯр»-ро, ки аз солҳои 50-уми асри гузашта инҷониб нашр мешавад, таҳқиқ намуда, вежагиҳои мундариҷавию жанрии онро муайян намоем.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳое, ки мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд, бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ накши муҳим бозида метавонанд. Мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмиву таҳқиқии кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қарор дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Омӯзиш ва баррасии омилҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи гӯшаи ҳаҷвии «Анбур»-и рӯзномаи вилояти ба назардошти вежагиҳои мундариҷавию жанрӣ, рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло нашрияи Мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд – «Ҳақиқати Суғд») гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» бо назардошти вежагиҳои мундариҷавию жанрӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Барои ноил гардидан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонем:

– муайян намудани заминаҳои зуҳури маводди ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод»;

– таҳлил ва баррасии маводди ҳаҷвии «Ҳақиқати Ленинобод» дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи он;

– мушаххас сохтани замина ва омилҳои пайдоиши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»;

– таҳлили мундариҷавӣ ва жанрии маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»;

– муайян намудани таносуби воқеият ва бадеият дар ҳаҷвияҳои нашрия;

– муайян намудани мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Суғд».

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи нашрияи даврии вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»), бахусус, гӯшаҳои ҳаҷвии он мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ.** Предмети таҳқиқ омилҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули гӯшаҳои ҳаҷвӣ, хосса гӯшаи «Анбӯр» бо назардошти хусусиятҳои шакливу ороишӣ ва мундариҷавию жанрии матолиб маҳсуб меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дастовардҳои илмии олимони ватанӣ И. Усмонов [122; 123; 125; 126], А. Нуралиев [99], А. Саъдуллоев [105; 111; 113; 115], П. Гулмуродзода [63], А. Азимов [36; 40], М. Муродӣ [88; 89; 92; 95], М. Абдуллозода [32], Ш. Муллоев [85], Б. Қутбиддинов [79; 80] ва хориҷӣ И. Гусарева [67], М. Касумов [72], Д.П. Николаев [98], Е. Покусева [100], Я.Е. Элсберг [134], А. Тертичний [121] ва дигарон асосҳои назариявии таҳқиқро фароҳам овардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Дар омӯзиш ва пажуҳиши гӯшаи ҳаҷвии нашрия, хусусиятҳои сохториву шаклӣ, ороиш, мавзуву жанр аз усулҳои таърихӣ ва муқоисавӣ истифода шуд. Ҳамчунин, барои таҳқиқи маводди ҳаҷвии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» аз методҳои таҳлилӣ, қиёсӣ, контентӣ кор гирифтем.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии диссертатсия нашрияи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» бавежа, гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар солҳои 1955-1960 мебошад. Ҳамчунин, маҷаллаи «Хорпуштак» ва маводди ба мавзуи таҳқиқи алоқаманд, низ ба сифати сарчашма истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгониҳои илмии диссертатсия дар нукоти зерин зоҳир шудаанд:

– дар рисола бори нахуст заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули маводди ҳаҷвӣ дар нашрияи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод», («Ҳақиқати Суғд») таҳқиқ ва арзёбӣ шудаанд;

– замина ва омилҳои пайдоиши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» мушаххас гардидааст;

– хусусиятҳои мундариҷавии маводди ҳаҷвӣ дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр таҳқиқ шуда, дар ҳамин замина маводди дар солҳои гуногун бачопрасида аз рӯйи мавзуъ тасниф ва дастабандӣ гардидааст;

– бо таснифи жанрии маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» мухтассот ва таносуби жанрҳои публитсистӣ дар заминаи воқеиятҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа таҳлил ва арзёбӣ шуда, дараҷаи корбурд ва фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ муайян ва мушаххас карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Ҳаҷв ҳамчун навъи адабиёти бадеиву публитсистӣ таърихи дерина дошта, дар ҳар давру замон ҳамчун шакли ифшои камбудиҳои иҷтимоӣ, феълу рафтори номатлуби ашхоси алоҳида, аслиҳаи буррои мубориза бо бадиҳо аз худ дарак додааст. Ҳарчанд дар пайдоиш ва ташаккули ҳаҷви публитсистӣ осори фолклориву адабиёти классикӣ бетаъсир нест, аммо барои инкишофи ин навъи ҳаҷв матбуоти даврӣ нақши муҳим доштааст.

2. Дар ташкил ва таъсиси гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи Мақомоти давлатии ҳокимияти маҳаллии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва касбӣ таъсир гузоштааст. Маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» рангоранг бошад ҳам, таносубан мавзуъ ва масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маишӣ дар он бартарӣ доранд. Ин ва дигар масъалаҳо бо маҳорати баланди ҳаҷвнигорӣ тасвир гардида, бештар аҳаммияти тарбиявӣ доранд.

Маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» инъикоси камбудиву норасоиҳои як давраи муайяни ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, барои мо на танҳо вазъи он давронро ба гунаҳои мухталиф пеши назар ҷилвагар месозад, балки бо сабақҳои касбии худ дар рушди ҳаҷви матбуотӣ таъсир метавонад гузорад.

3. Маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро аз нигоҳи жанрӣ ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: ҳаҷви бадеиву публитсистӣ ва ҳаҷви публитсистиву бадеӣ. Навъи аввал бештар дар шакли манзум буда, навъи дуюм дар

қолаби жанрҳои луқма, фелетон, памфлет, нақиза ва эпиграмма шакл гирифтааст.

4. Тахайюлоти бадеӣ, ки дар матолиби гӯшаи «Анбӯр» истифода гардидааст, бешак, дар рангину ҷолиб таълиф гардидани нигоштаҳои ҳаҷвӣ заминаи мусоиде гузоштааст. Бад-ин шева таҳия намудани матолиби ҳаҷвӣ чанд омиле дошта метавонад. Аввалан, набояд фаромӯш намуд, ки ҳар ҳаҷв дар пайи худ ҳақиқате дорад, яъне маншаи таълифи ҳама гуна навиштаҳои ҳаҷвӣ ин воқеияти зиндагӣ мебошад. Дар ин самт аҳли эҷод, хосса рӯзноманигорон, воқеияту ҳаҷву тахайюлоти бадеиро ба ҳам пайванд намуда, матолиби ҳаҷвии хуберо таълиф намудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Ҷустуҷӯҳои назариявӣ ва амалии анҷомшуда имкон дод, то дониш ва фаҳмишҳои назариявӣ доир ба моҳияти ҳаҷв, хосса ҳаҷви публитсистӣ, жанр ва анвои он васеъ ва роҳу тариқаҳои илмиву эҷодии ифшои камбудиву норасоиҳои ҷомеа ва танқиду мазаммати онҳо дар асарҳои гуногуни ҳаҷвӣ муайян гардад. Натиҷаҳои пажуҳиш метавонад зимни таълифи таърихи журналистикаи тоҷик, жанрҳои публитсистика, таҳияи маводди таълимӣ, дастурҳои назарию амалӣ, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз фанҳои таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, модулу семинарҳо дар факултету кафедраҳои рӯзноманигории макотиби олии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шавад.

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта бармеояд, ки доир ба гӯшаи ҳаҷвии рӯзномаи Мақомоти давлатии ҳокимияти маҳаллии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) баъзе мақолаҳо чоп шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол маводди он бо дарназардошти вежагиҳои мундариҷавию жанрӣ ба тариқи ҷомеъ мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст. Албатта, доираи баҳси ин мавзуъ васеъ буда, дар атрофи он метавон таҳқиқоти алоҳидаро низ анҷом дод. Бо дарназардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки омилҳои пайдош ва ташаккули гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр», вежагиҳои ороиш ва дизайн, мавзуву масъалаҳои инъикосшуда ва таҷрибаи ин гӯша дар истифодаи жанрҳои ҳаҷвии адабиву

публитсистӣ муайян шаванд. Дар баробари ин, дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия барои унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони таърихи матбуоти даврии тоҷик, асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ дар омӯзиш ва арзёбии вежагиҳои гӯшаҳои ҳаҷвӣ, публитсистикаи ҳаҷвӣ ҷараёни инкишофи ҳаҷв дар матбуоти даврӣ, баррасии ҷанбаҳои мундариҷавию жанрӣ ва амсоли ин, ҳамчун таҷрибаи амалӣ, ёрии бевосита расонда метавонад.

2. Дар таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор додани таъсири гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба гӯшаҳои ҳаҷвии нашрияҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд арзишнок мебошад.

3. Барои ба таври васеъ истифода намудани маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» намунаи матолиби онро дар шакли маҷмуаи алоҳида чоп намудан ба миён меояд.

4. Ба таври алоҳида омӯхтани сохтори дизайнии ҳар нашрия бо ҳадафи муайян ва мушаххас намудани мухтассоти зебоишиносӣ муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

5. Маводди диссертатсия барои омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории тоҷик, назарияю амалияи он, ҳаҷви публитсистӣ, фаъолияти ҳаҷвнигорони варзида, жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ ва монанди инҳо заминаи амалӣ ва мусоид фароҳам меоварад.

Маводди диссертатсия ҳамчунин метавонад ҳам ба мутахассисон ва ҳам доираи васеи хонандагон ба сифати раҳнамо дар шинохти дигаргуниҳои соҳаи матбуот, аз ҷумла фаъолияти нашрияи «Ҳақиқати Суғд» ҳамчун раҳнамо хизмат кунад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи гӯшаи ҳаҷвии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» қобили мулоҳиза буда, ин диссертатсия ибтидои пажуҳиши илмии мушаххас дар ин самт мебошад ва ин таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвонҷӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми инфиродии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Суғд» дар ҷамъоварии маводди сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти донишмандони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти донишмандони ватаниву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомгирифта маҳсули заҳмати ҳаштсолаи муаллиф буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расид.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар суханрониҳо ва мубоҳисаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷаласа, семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз қабили коференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуот дар мавзуи «Нақши Қ. Баҳлулзода дар рушди ҳаҷви публитсистӣ» (Хуҷанд, 2021) ва дар Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии «Инновационные подходы в современной науке» дар мавзуи «Нақши рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» дар рушди равобити адабӣ» (Москва, 2025) ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (суратмаҷлиси №4 аз 25.11.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I
# ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ҲАҶВӢ ДАР РӮЗНОМАИ «ҲАҚИҚАТИ ЛЕНИНОБОД»

## 1.1. Заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳама давру замон ҳаҷв чун яке аз василаҳои муассири баёни дарду иллатҳои ҷомеа мавқеи муҳим дошта, анвои ҳаҷвӣ дар бозтоби мушкилоту муаммои ҷомеа нақши сазовор гузоштаанд. Дар ин замина матбуоти даврӣ чун василаи муҳимми таъсиррасон дар ташаккулу рушди ҳаҷви публитсистӣ ва анвои он нақши муҳим дорад. Агар ба заминаҳои пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик таваҷҷуҳ намоем, метавон гуфт, ки дар ин самт нақши маҷаллаи «Мулло Насриддин», ки аз хориҷа ба Осиёи Марказӣ дохил мешуд, калон аст. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони тоҷик чун В. Асрорӣ [55], С. Солеҳов [117], И. Усмонов [123] В. Самад [162] М. Муродов [87] ва чанди дигар дар мавриди ташаккулу рушди ҳаҷв дар адабиёту публитсистикаи тоҷик пажуҳишҳо ба анҷом расонидаанд.

Ба андешаи профессор В. Асрорӣ ҳаҷви тоҷик, асосан, аз асри IX оғоз ёфта, аслан се марҳалаи рушдро паси сар намудааст. Ӯ пайдо шудани маҷаллаҳои «Ширинкор», «Мулло Мушфиқӣ» ва гӯшаҳои ҳаҷвии рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Тозиёна» ва «Гӯшмол»-ро марҳалаи ибтидои рушди ҳаҷви тоҷик шуморидааст.

Дар заминаи гуфтаҳои профессор В. Асрорӣ метавон боз чунин илова намуд, ки чанд омили дигаре низ боис гардиданд, ки ҳаҷви публитсистӣ рушд намояд. Тавре С. Солеҳов дар асараш «Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 1920-1930» таъкид менамояд, барои рушду нумуи ҳаҷви тоҷик «пеш аз ҳама воқеияти пурошӯби солҳои 20-30 шароит фароҳам оварда бошад ҳам, омили дигаре мавҷуд буд, ки суръати ривоҷу такомули онро афзуд. Чунин омил мавҷудияти таҷрибаи бойи ҳаҷвнависони Озарбойҷон, аз

қабили Ҷалил Мамадқулизода, Алиакбари Собир ва маҷаллаи «Мулло Насриддин» инчунин, асарҳои ҳаҷвии матбуоти тоторӣ буд» [117, с. 6].

Дар оғози садаи XX дар қатори чанд нашрияҳои даврӣ чун рӯзномаи «Тарҷумон» аз Боғчасаройи Қрим, «Вақт» аз Оренбург, маҷаллаи «Шуро» аз Уфа, маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» низ ба аморати Бухоро аз Озарбойҷон ворид мешуд, ки дар вусъати андешаи мардум такон мебахшиданд.

Дар ин замина, метавон чунин таъкид намуд, ки ба ин ҷаҳиш ва ҷилваи афкор матолиби ҳаҷвии маҷаллаи «Мулло Насриддин» низ таъсири бештар мерасонид, зеро маҳз дар сафҳаҳои ин маҷалла камбудиҳо ва мушкилоти иҷтимоӣ ба таври тезу тунд ҳаҷв карда мешуданд. Чунончи, тибқи шаҳодати устод С. Айнӣ пас аз он ки «мактаби бухороиён баста ва бухороибачагон аз мактаби тоторҳо ҳам ронда шуданд, газета ва маҷаллаҳои мусулмонони Русия мақолаҳои дароз навишта, ба танқиди муҳиқонаи ҳукумат ва уламои Бухоро пардохтанд. Билхосса, журнали мазҳакавии «Мулло Насриддин» ба муносибати ин воқеа расмҳои маънидор кашида, дар бораи уламои Бухоро мақолаҳо ё ки дар саҳифа як китоб маънӣ ифода мекунанд, навишта, манзури назари саводнок ва бесаводон гардонид» [49, с. 53].

Боиси зикр аст, ки С. Айнӣ дар баробари он ки ба маҷалла баҳои баланд додааст, ҳамчунон яке аз навиштаҳои хешро зери унвони «Ахбори Бухорои қадим» (1910, №23, 14 июн) дар сафҳаҳои он нашр намудааст, ки аз хусуси баста шудани мактабҳои усули ҷадидӣ бо ҳасрати сӯзон иттилоъ медиҳад.

Нахустин шумораи «Мулло Насриддин» санаи 7 апрели соли 1906 дар шаҳри Тифлис аз чоп баромадааст. Муассис ва муҳаррири он яке аз асосгузорони адабиёти нави демократии Озарбойҷон Ҷалил Мамадқулизода (1869-1932) буд. Ходимони фаъоли он Собир, Алӣ Назмӣ, Мамадсаид Ӯрдубодӣ, Алӣ Қулӣ Ғамгусор (Наҷафов) ва дигарон буданд. «Мулло Насриддин» бо баъзе фосилаҳо то соли 1931 дар шаҳри Боку нашр шуд.

Дар бобати маъруфияту маҳбубияти ин маҷалла дар Осиёи Миёна муҳаққиқ В. Самад низ маълумоти ҷолиб пешниҳод намудааст. Тибқи шаҳодати мавсуф маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд хеле шухрат ёфта буд.

Аз маъруфияти ин маҷалла ҳамчунон матбуоти даврии замон чун «Ойина» (1914, №15, 1 феврал), «Ҳуррият» (1917, №23, 18 июл), «Садои Фарғона» (1914, №41, 11 июл), ва чанди дигар иттилоъ додаанд. Дар маҷаллаи «Ойина» он чун маҷмуаи нешдори гирёнанда, танқидӣ муаррифӣ намудааст.

Ин маҷалла ҳамчунон дар Бухоро низ васеъ паҳн гашта, хонандагони худро доштааст, чунончи бино ба шаҳодати академик З. Раҷабов баробари пайдо шудани шумораҳои нави маҷалла «амир ва дарбориёни вайро девона мекунад. Амир ин журналро, ки дид, гӯё тамоман бемор мешавад» [104, с. 96].

Нолидани амир аз ин маҷалла низ сабаби худро дошт, зеро маҳз дар он амир ва он ҳама хислату рафтори ношоистаи ӯ зери тозиёнаи танқид гирифта мешуд. Маҷалла аз карикатура ва расмҳо ба таври зарурӣ истифода бурдааст. Масалан, дар яке аз шумораҳои маҷалла (1909, №18, 3 май) манзараи зерин тасвир ёфтааст: гӯсфанде хобидааст, ки дар рӯйи он «Бухорои шариф» навишта шудааст, аз сараш амир ва аз пояш саллакалоне, ки дар саллаи ӯ «қозикалон» навишта шудааст, маҳкам нигоҳ медоранд, як марди рус, ки дар либоси амалдорони подшоҳист, бо қайчии дароз пашми гӯсфандро метарошад [162, с. 99].

Ҳамзамон, ба гуфтаи муҳаққиқон дар маҷаллаи «Мулло Насриддин» бисёр карикатура ва диалогҳое чоп шудаанд, ки ақибмондагии Бухоро, ҷаҳолатпарастии амир, амалдорон, руҳониёнро моҳирона ва бераҳмона фош карда, ба муқобили маорифу маданият мубориза бурдани онҳо, таъқиб шудани рӯзномаҳо, ба муқобили мактабҳои нав мубориза бурдан ва масъалаҳои дигарро сахт танқид мекунад.

Ҳаҷви тезу тунд ҳамчунон тариқи назм низ мушоҳида мегардад. Масалан, дар маҷалла шеъре бо унвони «Амир» нашр гардидааст, ки хусусияти танқидӣ дорад. Дар он аз ҷумла омадааст:

Қувватам бода, қутам ёр аст,
Ҳонро ин ду амр даркор аст.
...Эй ки гӯӣ: мабин сурати хуб,
Қимати ин сухан ду динор аст.
Нашнавад гар амир, суҳбати ёр,
Чӣ амир аст, марди бекор аст....
Дарди ман, эй фақир, бисёрзанӣ,
«Мулло Насриддин», ин чӣ озор аст?
Маслакат айни мардумозорист,
З-ин газет ҷумла «халқ безор» аст

(Мулло Насриддин. – 1914. – №7. – 19 октябр. – С. 3).

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин шеър кинояҳои зиёд ба назар мерасад. Чунончи, дар мисраи охирин ибораи халқ безор дар нохунак оварда шудааст, ки ин маънии баръаксашро дорад. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки нақшу мавқеи маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар пайдоиш ва зуҳури нахустин намунаҳои ҳаҷвии матбуоти даврии тоҷик басо назаррас мебошад. Маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар сафҳаҳои хеш пеш аз ҳама он дарду иллатҳои иҷтимоии халқро дар ибтидои асри ХХ хеле нишонрас баён намудааст.

Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки матолиби ҷолибу рангини ин маҷалла дар ташаккули афкору густариши ҷаҳонбинии омма саҳми муассир гузоштанд. Шояд таъсири муассири ин маҷалла буд, ки андешаи таъсиси матбуот дар зеҳни равшанфикрони тоҷик пайдо шуд. Аз ин ҳама метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки ин таъсиррасонӣ, пеш аз ҳама, бо василаи анвои ҳаҷвӣ сурат гирифтааст.

Дар оғози садаи ХХ бо ҳар гуна роҳҳо матбуот ва асарҳои ҷолиб ворид мешуданд, ки дар вусъати афкори омма нақши мондагоре гузоштаанд. Яке аз ин асарҳои маъруфи сеҷилдаи публитсистӣ-ҳаҷвии

Зайнулобиддини Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек» (с.1888) мебошад, ки дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд паҳн шуда буд. Дар «Саёҳатномаи Иброҳимбек» вазъи кишвари Эрон мавриди танқид ва улуми дунявӣ мавриди тарғиб қарор гирифта шуда буд, ки ба бедории фикрии омма бетаъсир намемонд. Таъсиру нуфузи ин асарро муҳаққиқон А. Азимов ва М. Муродӣ низ алоҳида таъкид намудаанд, ки он ва дигар асарҳои аз хориҷа меомада, чун танқиди урфу одатҳои ҷоҳилонаро фаро гирифта, хусусияти маорифпарварӣ доштанд, дар байни зиёиёни эҷодкори Осиёи Марказӣ, хосса Бухоро зуд қабул ва маъруф мегардиданд. Он, аз як тараф, ба ташаккули насри нави тоҷик таъсир мерасонд, аз ҷониби дигар, боиси шакл гирифтани ҳаҷви реалистии иҷтимоӣ мегардид.

Суоле пеш меояд, ки чаро маҳз бо василаи анвои ҳаҷвӣ инъикоси мушкилоту муаммои ҷойдошта сурат гирифтааст? Ин ҷо метавон чунин гуфт, ки, аслан, аз азал мардуми тоҷик ба ҳаҷв ва ҳаҷвнигорӣ таваҷҷуҳ дошт. Бино ба шаҳодати муҳаққиқон сарчашмаҳои қадимаи суғдӣ, адабиёти паҳлавӣ ва дигар манобеъ унсурҳои ҳаҷву танзи халқӣ дар адабиёти шифоҳӣ ҳанӯз дар асрҳои II-III вуҷуд доштааст. Ин ҳама бозгӯи он аст, ки таваҷҷуҳ ба ҳаҷв аллакай дар марҳалаҳои ибтидоии рушди ҷомеа мавҷуд будааст.

Яке аз заминаҳои асосии пайдоиши ҳаҷв эҷодиёти даҳанакии халқ ба шумор меравад, ки ин нуктаро муҳаққиқон зиёд таъкид намудаанд. Мо ба хотири такрор накардани он ҳама танҳо бо гуфтаи нависандаи маъруфи рус А.М. Горкий иктифо менамоем, ки ӯ ибтидои санъати суханро дар фолклор дониста таъкид намудааст, ки фолклори худро гирд оварда, аз он таълим гирифта ва онро сайқал додан лозим аст. Зеро он маводди гаронбаҳо медиҳад.

Масалан, дар марҳалаи қабл аз журналистӣ аз тарафи У. Зоконӣ намунаҳои асарҳои ҳаҷвӣ навишта шуда буданд. Аз нигоҳи дигар баёну шеваи ҳаҷвӣ ба омма зуд таъсир мерасонад. Ҳамчунон, ин шева як навъ василаи рӯйпӯш намудани матлабу ҳадафи асосӣ ба шумор меравад, зеро на дар ҳама давру замон шароиту имконияти мусоиде барои баёни иллату

норасоиҳо ва ҳақгӯӣ буд. Шояд бо дарназардошти ин гуна шароит бошад, ки дар оғози садаи XX Сиддиқии Аҷзӣ чунин ишора намудааст:

Аз ҳақгӯӣ сухан кашидан куфр аст,
То ҷон дорам, каломи Ҳақ мехонам

(Оина. – 1914. –№ 16. – 8-феврал. – С. 276).

Мо ба хотири ҳарчи бештар омӯхтани заминаҳои пайдоиши ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ ин ҷо ба нахустин нашрияҳои тоҷикӣ, ки дар даҳаи дуюми садаи XX нашр гардида буданд, назари иҷмолӣ меандозем.

Моҳи марти соли 1912 нахустин нашрияи тоҷикӣ бо номи «Бухорои шариф» нашр гардид, ки дар сафҳаҳои он осори адибони хориҷӣ низ бо василаи тарҷума чоп гардиданд. Дар ин нашрия бештар асарҳои нависандаи машҳури рус Л. Толстой чун «Асири Қафқозӣ», «Илёс», «Яздонро ё шайтонро» ва чанди дигар дар чил шумораи он нашр гардидаанд. Ҳарчанд ин асарҳои тарҷумашуда пурра ҳаҷвӣ нестанд, аммо ҷавҳари асарҳои «Худо ҳақро мебинад, лекин зуд кашф намекунад», «Яздонро ё шайтонро» ҳаҷвианд. Тавре аз мутолиаи асари «Худо ҳақро мебинад, лекин зуд кашф намекунад» бармеояд, қаҳрамони асар Оксанов нафаре, ки ҳамеша май менӯшид, мехоҳад ба сафар барояд, аммо завҷааш ба ӯ мегӯяд, ки ба сафар набарояд. Чунки ӯ хобҳои баде дидааст, аммо мард ба суханҳои ҳамсараш гӯш накарда ба сафар мебарояд. Дар ин сафар ҳодисае рӯй медиҳад, ки зиндагии ӯ тамоман ранги дигар мегирад. Ӯро бо айби куштани одам ба ҳабс мегиранд. Ҳол он ки ӯ, тамоман, беайб буд ва аз он куштор хабаре ҳам надошт, аммо дар назди он нафари фавтида баъзе чизҳои ӯ ёфт шуда буданд ва аз ин хотир ӯро ба муддати чандин сол зиндонӣ мекунанд. Ҳамсараш бо фарзандонаш ба аёдаташ меоянд ва зан аз ӯ суол мекунад, ки росташро бигӯй он одамро ту куштӣ ё на? Мард хеле ғазабӣ мешавад, ки ҳатто ҳамсараш ба ӯ боварӣ надорад ва аз ин хеле ғамгин мешавад. Баъдан, аз ҳама умеди худро канда, ба Худо умед мебандад. Рӯзе мебинад, ки яке аз маҳбусон Семенов ном шахс аз зери замин хок бароварда мерезад ва он мард аз ӯ хоҳиш менамояд, ки ба касе аз ин ҳодиса хабар надиҳад. Он гоҳ онҳо ҳамроҳ рӯзе аз маҳбас мегурезанд,

аммо масъулини зиндон аз ҳодиса хабардор шуда, аз ҳамаи маҳбусон кӣ кардани ин корро пурсон мешаванд. Сарвари зиндон чун медонист, ки Оксанов марди ҳақгӯву ростгӯст, аз ӯ суол мекунад, ки ин корро кӣ анҷом додааст. Оксанов низ аз ин воқеа хабар надоштани худро ба сарвари зиндон мегӯяд. Он шаб Семенов назди ӯ омада, аз ӯ узрхоҳӣ менамояд. Мард ҳайрон мешавад, ки Семенов чаро аз ӯ узр мехоҳад? Маълум мешавад, ки он марди тоҷирро ӯ куштаасту Оксанов бегуноҳ аст. Мард аз ин гуна ранг гирифтани ҳодиса дар ҳайрат мемонаду хомӯш мегиряд. Семенов ба ӯ мегӯяд, ки барои хотири он ки маро нафӯрухтӣ, ман пагоҳ рафта он айбро ба гардан мегирам ва туро озод менамоянд. Аммо, фардо вақте ки фармони озодии Оксанов мебарояд, ӯ аллакай мурда буд.

Ин қисса фоҷиавӣ буда, воқеан, ҳар хонандаро ба андеша кардан водор менамояд. Дар ин замина, муҳаққиқ М. Муродов низ андешаҳои ҷолиб баён намуда, аз унсурҳои ҳаҷву юмор холӣ набудани ин ва чанд асари дигарро таъкид намудааст. Чунончи, ба андешаи мавсуф асари «Кампири Изергил» ва «Ҳикояҳои чинӣ» низ дорои унсурҳои ҳаҷв мебошанд.

Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба ин масъала мо ҳамзамон чанд навиштаҳои ин нашрияи нахустинро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додем. Нуктаи ҷолиб он аст, ки ҳар нафаре, ки ин нашрияро варақ мезанад, бархе навиштаҳоро дучор мешавад, ки дар онҳо номи яке аз жанрҳои ҳаҷвӣ-фелетон мавҷуд аст. Чун ин ҷо сухан аз фелетон рафт, лозим медонем, ки роҷеъ ба вежагиҳои хоси фелетон чанд нуктае иброз намоем. Аслан, фелетон жанри ҳаҷвии публитсистиест, ки ҳадафаш ошкор, фош ва маҳкум кардани норасоиҳо ва хиёнати шахсони алоҳида мебошад.

Мафҳуми «фелетон» аз вожаи фаронсавӣ гирифта шуда, маънояш варақ, варақа мебошад. Фелетон ба сифати жанр, аслан, дар матбуоти шуравӣ ба вуҷуд омадааст. Тибқи баъзе сарчашмаҳо мафҳуми фелетон ҳанӯз барвақт пайдо шуда буд. Ҳанӯз санаи 28 январи соли 1800 рӯзномаи фаронсавии «Журнал де Деба» ба шакли илова варақаеро нашр намуд. Ва дар ин варақа, ки «Фелетон» ном мебурданд, ягон маводде, ки ба фелетони

имруза монандӣ дошта бошад, вуҷуд надошт. Дар варақаи мазкур ҳар гуна эълонҳо, хабарҳо, ҳаҷвияҳо, кроссвордҳо ва маводди дигар ҷой доштанд. Он замон зери гӯшаи «Фелетон» публитсистони фаронсавӣ бештар тақризҳои худро чоп менамуданд.

Дар солҳои сиюми асри Х1Х мафҳуми фелетон ба матбуоти рус ворид шуд ва публитсистони машҳури рус ба рушди минбаъдаи ин жанр мусоидат намуданд. Дар ибтидои асри ХХ дар рӯзномаи «Искра» низ гӯшаи «Фелетон» мавҷуд буд, ки дар он очеркҳои таърихӣ, шарҳҳои иқтисодӣ ва маводди гуногун нашр мегардиданд. Пас, аз ин бармеояд, ки дар сафҳаҳои «Бухорои шариф» вожаи фелетон бесабаб пайдо нашудааст. Дар баъзе навиштаҳои ин нашрия танқиду мазамматро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар мақолаи «Оинаи ибрат ё асри тамаддун» чунин омадааст: «Имрӯз офтоби оламтоб маданияти қитъаи Аврупоро ба шуои нури худ ончунон равшан намуда, ки партави он нур фаёз ба тамоми қитъаот.... тохтааст. Ҳатто ваҳшиёни биёбони Африқо ҳам аз баракати он бебаҳра намонда, нафъе бурдаанд. Агарчи аввалин дафъа тулуи ин нури аъзам аз уфуқи Осиё буда ва дар як ҳазору сесад сол қабл аз хоки поки пурфайзи Ҳиҷоз тулуъ карда, ламаотии нури худро ба шарқу ғарби олам биафканду ағлаб аз милали ваҳширо аз қайзи худ мунаввар сохта... Вале рафта-рафта аз касрати танбаливу бемубталоӣ ба мо мардуми машриқзамин, ки бо лаккаҳои абри ҷаҳолату ғубору ваҳшати ҷирм ноқиси офтоби фаёзро пӯшонида, ба куллӣ аз ламъаи нури он маҳрум гаштем ва ин офтоби ҷаҳонтоб ҳам аз мо қаҳру ғазаб карда, рӯйи таваҷҷуҳи худро ба самти мағриб намуда, назари марҳаматро ба мағрибиён афканд. То ин ки рӯз ба рӯзгори онҳо боло гирифта, илму санъаташон оламеро муҳтоҷи худ сохт...

Масалан дар як шумораи «Бухорои шариф» матнеро пайдо кардан мумкин аст, ки хусусияти танқидӣ дошта, унсурҳои ҳаҷвӣ, чун кинояву пичинг дар он бартарият доранд. «Ҳоло кори аврупоиён ба ҷое расидааст, ки аз мошинҳои роҳи оҳан сареулҳаракат ва киштиҳои бухории суръатӣ ва

дучархаҳои (электрикӣ) барқӣ гузашта, бо тайёраҳо осмоннавардӣ мекунанд ва мо ҳанӯз машғули харсаворӣ ҳастем» [22, с. 2].

Навиштаи мазкур бештар ба жанри луқма шабоҳат дошта, муаллиф аз вазъи нобасомони кишвар изҳори норизоӣ менамояду бо баёни мушкилоту муаммои ҷомеа бори дигар таваҷҷуҳи мардумро ба ин масъалаи бисёр муҳим ҷалб намудааст. Дар ҷумлаи охирин муаллиф аз вазъи замона норизоӣ намуда, шикоят менамояд, ки аврупоиён рӯз ба рӯз тараққӣ намуда истодаанд, аммо мо ҳанӯз дар харсаворием. Ин таъкиди муаллиф басо нигаронкунанда мебошад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки нашрияи «Бухорои шариф» ҳарчанд, ки матолиби, комилан, ҳаҷвӣ надорад, аммо бо истифода аз сабку баёни рангину ҷолиб мушкилиҳо ва норасоиҳои замонаро бо диду нигоҳи дигар то андозае инъикос намудаанд. Ба андешаи мо, дар бештари матолиби танқидии ин нашрия оҳанги хитобу даъват бо истифода аз унсурҳои ҳаҷвӣ, чун пичингу киноя сурат гирифтаанд. Дар мавриди нақши ин нашрия муҳаққиқ М. Муродов чунин иброз менамояд, ки «таъсири нахустрӯзномаи миллии «Бухорои шариф» на танҳо дар ташаккули публитсистикаи муосири тоҷик асос гузошт, балки дар шаклгирии навъҳои эҷоди адабиву публитсистӣ, хосса ҳаҷви публитсистӣ замина ба вуҷуд овард» [87, с. 98].

Пас, дар заминаи гуфтаҳои мавсуф метавон чунин илова намуд, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» мардумро дар ибтидо бо маводди танқидиву таҳлилӣ ошно намуда, дар бедории фикрии омма заминаи мусоид гузошт ва ҳамзамон барои таълифи матолиби ҳаҷвӣ равзанаи фарохеро боз намуд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ яке аз чеҳраҳои мондагори публитсистикаи тоҷик бо таъсиси нашрияи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» дар рушду ташаккули публитсистикаи тоҷик нақши сазоворе гузоштааст. Пас аз он ки нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» қатъ гардид, баъд аз як сол моҳи апрели соли 1913 дар шаҳри Самарқанд нашрияе бо унвони «Самарқанд» ба чоп оғоз намуд. Ин рӯзнома низ умри зиёд надид, он ҳамагӣ 45 шумора чоп гардид. Тавре мушоҳида гардид, дар баъзе навиштаҳои ин нашрия унсурҳои ҳаҷв низ мушоҳида карда мешаванд. Масалан, дар яке аз он

навиштаҳо, ки «Шиква аз замон» унвон дорад, нолаву шикваи уламои манфиатҷӯ баён гардидаанд. Чунончи, дар нигошта омадааст: «Худоё, ин чӣ авзоъ аст? Ин чӣ тавр замона аст? Эй замона, хароб шавӣ чархи вайронгард! Маро расво ва гурусна кардӣ? Ку он вақтҳо, ки ба мардум ҳар чи мегуфтам қабул мекарданд? Куҷо он рӯзҳое, ки ба халқ ҳар чи амр мекардам, итоат менамуданд ва суханҳои маро айни шариат медонистанд? Ё раб, аз куҷо ин ҷадидҳо пайдо шуданд?» [19, с. 3].

Бо таваҷҷуҳ ба вежагиҳои ин навишта метавон мушоҳида кард, ки дар нигоштаи мазкур унсурҳои жанри эпиграмма мушоҳида карда мешаванд, зеро дар он муаллиф рӯйрост нодониву бесаводии хешро таъкид менамояд. Дар оғози садаи XX зуҳури ҷадидон ва афкори пешрави онҳо на ба ҳама табақаҳои ҷомеа писанд буд, бархе нафарони мансабпарасту худхоҳ бо ҳар васила мехостанд ба онҳо муқобилият нишон бидиҳанд. Чунончи, яке аз онҳо аз дасти ҷадидҳо ба дод омада, шикоят мекунад, ки дар арзи чаҳор-панҷ сол чи балоҳо, ки инҳо намеоваранд. Ин нест магар аз касофати мактабҳои ҷадид! Агар ин гуна мактабҳоро бидъат ва ҳаром гӯӣ, фавран ҷавоб мешунавӣ, ба чӣ далел? Агар гӯӣ, ки дар замони пайғамбар, саллалоҳу алайҳи васаллам, набуд, хоҳанд гуфт: Магар палавҳои Туркистон, кабобҳои қафқозӣ, чойҳои хитоӣ, қолинҳои эронӣ буданд? Оё докаҳои фарангӣ, моҳутҳои русӣ, чармҳои амрикоӣ буданд, ки шумо ба камоли иштиҳо ва рағбат истеъмол мекунед?.

Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар идомаи навишта муаллиф равшангарон ва афкори онҳоро боиси касод шудани бозори муфтхӯрияш дониста, аз гузаштаи худ бо таассуф ёд намуда, шикоят аз замона менамояду аз Худованд мадад меҷӯяд: «Эй Худо, аз дасти ин замонаи ғаддор куҷо гурезем ва ба кӣ паноҳ барем? Хулоса, бозорам касод ва арзҳоям фасод шуда, аз муфтхӯрӣ ва раёсатталабӣ маҳрум гардидаам. Танҳо ин Боғишамол солим ва холӣ аз ин мактаб буд, онро ҳам чанд нафар ҷадидҳо зоҳир шуда, вайрон ва аҳолияшонро хароб намуданд…» [19, с. 3].

Хулоса, агар ба шеваи баёни нигоштаи мазкур таваҷҷуҳ намоем, метавон гуфт, ки он эпиграмма мебошад. Ба он далел, ки эпиграмма жанри

маҳкуми бадиҳо буда, дар он кинояву пичинг зиёд истифода мешавад, ин ҳамаро мо дар навиштаи мазкур мушоҳида намуда метавонем. Қаҳрамони навишта аз монолог ба хубӣ истифода бурдааст. Пас аз ин бармеояд, ки дар нашрияи «Самарқанд» дар бештари матолиби танқидиву эътирозӣ унсурҳои ҳаҷвӣ низ мушоҳида карда мешавад. Ба андешаи мо, бо истифода аз ин шева аҳли эҷоди нашрия хостори он буданд, ки ҳарчи бештар аҳли ҷомеа ба мушкилоту муаммои ҷомеа ошноӣ дошта бошанду пайи ислоҳи он ҳама талош намоянд. Ин шеваи нигориши матолиб бад-он хотир аст, ки ҳарчи бештар чашми ҳамагонро дар шинохти иллату норасоиҳои ҷомеа кушояд.

Маҷаллаи дигаре, ки дар рушду ташаккули матбуоти тоҷик заминаи мусоид фароҳам овардааст, ин маҷаллаи «Ойина» мебошад. Он санаи 20 августи соли 1913 аз тарафи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ таъсис дода шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ дар фаросӯи Осиёи Марказӣ муштариёни худро пайдо намуд. Ин маҷалла ба миқдори 68 шумора нашр гардида, то соли 1915 чоп шудааст. Дар асару рисолаҳои муҳаққиқон - Пайванди Гулмурод, Н. Ғаффоров, А. Набавӣ, М. Муродов, А. Шехов ва чанди дигар ҷойгоҳи нашрияи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Ойина» мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта шудааст. Ҳамзамон, матолиби арзишманди ин нашрияҳо то андозае мавриди муҳокимаву баррасии муҳаққиқон қарор гирифта шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба сафҳаҳои ин маҷалла метавон мушоҳида намуд, ки тамоми масоили муҳимми ҷомеа дар сафҳаҳои он бозгӯӣ шудаанд. Ҳарчанд, дар ин нашрия ва маҷалла гӯшаи ҳаҷвӣ мавҷуд набуд, аммо тибқи мушоҳидаҳо дар бархе аз навиштаҳои маҷаллаи «Ойина» низ метавон баъзе унсурҳои ҳаҷвиро мушоҳида намуд, ки муаллифон бештар ба хотири тақвияти фикри худ истифода бурдаанд. Дар он даврон яке аз умдатарин мавзуе, ки мавриди таваҷҷуҳи аҳли эҷоди маҷалла қарор гирифтааст, ин масъалаи танзими расму оинҳо мебошад. Ин масъаларо ноширони маҷалла дар осори насрии хеш либоси бадеӣ пӯшонида, онро мунъакис намудаанд. Яке аз чунин қиссаҳо «Уқубати зангирӣ» мебошад, ки ба ин масъала рӯшанӣ мебахшад. Дар он омадааст: «Оначон! Ман ҳеҷ

кас надорам, назди шумо омадам, ки ҷаноби шумо рафта, аз барои ман фалониро хостгорӣ бинамоед, банда боз шуморо хизмат намуда, розӣ менамоям. Он пиразан … қабул намуда меравад. Баъд аз соате омада, мегӯяд: - Бале, ман рафтам, ҳар чи буд гуфтам, онҳо ҳам қабул намуданд, валекин рӯзи ҷумъа чаҳор нафар заиф омада ҳавлӣ, хонаву асбобҳои хона ва худи домодро дида, мулоҳиза намуда мераванд. Ҳамоно ки ин бечора ин калимотро шунид, фавран меравад аз сарои Ҳинду ҳазор танга қарз бояд бигирад. Чаро ки, аз барои ин ки асбоби хона ва аз барои дастурхону иҷрои ҳар кадоми онҳо либосҳои ҳарири фарангӣ, махмал, рӯймол, қанду набот бояд харид бикунад ва ба онҳо бидиҳад. Онҳо ҳам хурсанд шуда, мераванд ба ҳавлӣ. Баъд бибии хостгорро металабанд ва ҷамъияте намуда, аз ҷиҳати келин як чизе қарор дода, рухсат менамоянд. Ва медиҳанд ба дасти хостгор, ин ҳам меёраду ба дасти домоди номурод месупорад. Он бечора рӯйхатро кушода, вақте ки ин маҷмуъро ҳисоб намуд, аз аввал то ба охир 20 ҳазор тангаи нақд масраф мешавад. Фавран як дуди сиёҳ аз оташаки димоғи он бечора сууд намуда, ба фалак-ул-афлок мерасад… Хоҳ-нохоҳ ангушти қабул ба дида мениҳад ва ба хаёлаш мегузорад, ки ин 20 ҳазор ҳам яке аз суннатҳои ҷаноби ҳазрат бошад.

Дар маҷаллаи «Ойина» ҳамчунин баъзе қиссаҳоро мушоҳида намудем, ки басо ҷолиб буданд. Аҳли эҷоди маҷалла ба ҷуз аз назми тамсилӣ аз наср низ ба хубӣ истифода бурдаанд. Ба ин гуфтаҳои мо матлабе таҳти унвони «Ҷавоб ба муш» далел буда метавонад, ки муаллифи он Мискин Гурба буда, ба ҷаноби муш мегӯянд, ки ту одамонро ба танқид кардан чӣ ҳақ дорӣ. Бигзор, мардумон, худашон меҳнат карда ёфтагӣ пулашонро хоҳ ба тӯй исроф кунанд, хоҳ ба базми ҷавон (ҳар ки кунад, ба худ кунад, хоҳ нек кунад, хоҳ бад кунад)-ҳо! Ман донистам: Муш мехоҳад, ки ҳама мисли (мушон) хоини мағрибӣ … бошад, дигарон ба ӯ кордор набошанд. Лекин бояд донист, ки: дар дунё ҷиҳати дафъи фасод ва осоиши халқ қонунҳо вазъ шудааст, ки яке аз онҳо қонуни ҷазо ва танқид мебошад. Агар ҷазо ва танқид намебуд, аз беинтизомӣ ва фасоди мардум зуд олам хароб шуда, инчунин агар мо гурбагон намебудем, мушон дар як рӯз тамоми анбори

дунёро хароб карда, ғаллаи мардумро яғмо мекарданд. … Ва дар ҳаққи моён: Гурбаи мискин, агар пар доштӣ, тухми гунҷишк аз ҷаҳон бардоштӣ, – гӯён ҳаҷв намудани шоирон носазост.

Ба андешаи мо, ин навишта дорои унсурҳои жанри памфлет буда, муаллиф тавониста, ки ҳадафи худро возеҳу равшан ба шакли тамсил баён намояд. Пас аз ин бармеояд, ки нахустин намунаҳои матолиби ҳаҷвиро дар сафҳаҳои маҷаллаи «Ойина» низ дидан мумкин аст. Омӯзишу баррасии ин намунаҳо метавонад бархе вежагиҳои анвои ҳаҷвиро бозгӯӣ намояд. Муҳаққиқ М. Муродов низ ба ақида аст, ки тозакориҳои шакливу мундариҷавӣ ҳам дар адабиёт ва ҳам дар публитсистика баръало мушоҳида мешавад, вале ин тозакориҳо ҳоло ҳам маънои пурра шакл гирифтани ҷинсу навъҳои адабиву публитсистиро надошт.

Таърихи матбуоти тоҷик чун ҷузъе аз таърихи кишвар дар ин даврони истиқлол шоистаи ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додан аст, зеро дирӯзи ҷомеаи мо дар сафҳаҳои матбуот мунъакис гардидаанд. Муҳаққиқони тоҷик чун З. Раҷабов, В. Асрорӣ, И. Усмонов, Ш. Солеҳов, У. Ғаффоров, Н. Ғаффоров, П. Гулмуродзода, А. Мавлонов, М. Муродов, А. Азимов, О. Салимзода ва чанди дигарон дар мавриди таърихи матбуот ва паҳлуҳои мухталифи он асару рисолаҳои арзишманде таълиф намудаанд, ки дар онҳо дар бобати мавқеи ҳаҷв дар матбуот низ андешаҳои ҷолиб баён гардидааст. Агар ба сафҳаҳои таърихи матбуоти тоҷик ва пайдоиши ҳаҷв дар он таваҷҷуҳ намоем, мушоҳида мешавад, ки бори нахуст гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нашр гардидааст. Нахустин шумораи ин маҷалла санаи 10 апрели соли 1919 дар шаҳри Самарқанд нашр гардида, дар ин маврид худи Саидризо Ализода қайд намудааст, ки кумитаи мазкура низ, чун ҳомии ранҷбарони иштирокиюн мебошад, ин дархостро бидуни чуну чаро пазируфта, на ин ки танҳо ёрии ҷузъӣ, балки махориҷи нашри маҷалларо тамоман ба уҳдаи худ гирифта, ӯро ношири афкори худ қарор дод ва идора ва таҳрироти ӯро аз ҳар ҷиҳат ба мо супурд.

Нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва Саидризо Ализода дар вусъату густариши андеша ва афкори мардуми форсзабони минтақа дар охири даҳаи дуюми садаи XX барҷаста мебошад. Дар 22 шумораи аввали маҷалла муаллифи бештари мақолаҳо худи Саидризо Ализода буд, ки донишмандони таърихи матбуот ин нуктаро таъкид намудаанд. Саидризо Ализода сафҳаҳои маҷалларо бо нигоштаҳои зиёди хеш оро дода, бо василаи навиштаҳои арзишманду ҷолиби хеш пайваста ба он талош менамуд, ки бо мунъакис намудани воқеияти зиндагӣ нигоҳи мардумро ба иллату дардҳои ҷойдоштаи миллату кишвар ҷалб намуда, онҳоро ҳушдор бидиҳад, то андешаи фардои кишварро намоянду қабои ғафлатро аз тан бадар созанд. Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар давоми фаъолияти худ замоне (пас аз шумораи №22) аз нашр бозмемонад ва ин ҳолат равшангарони тоҷикро дар он замон бетараф намегузорад. Бо талошу ҷадали зиёди дубораи равшанфикрон маҷалла дубора нашри худро моҳи декабри соли 1919 оғоз менамояд ва дар сафҳаҳои хеш матолиби зиёди ҳаҷвӣ чоп менамояд.

Маҳз дар ҳамин маҷалла нахустин гӯшаи ҳаҷвӣ бо унвони «Тозиёна» чоп мегардад. Матолиби ҳаҷвӣ ва фелетону памфлетҳои ин маҷалла бештар дар ҳамин гӯша дарҷ шудаанд. Ҳадафу мароми ин гӯшаро аҳли эҷоди маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар шумораи №21 аз соли 1919 шарҳ дода, таъкид медоранд, ки тозиёнаи «Шуълаи инқилоб» маҳз барои он касонест, ки хиёнате, бадкирдорие ё ягон ҳаракати ношоистае дар ҳаққи халқу давлату фирқа зоҳир мекунанд, барои ҳушёр кардани ононест, ки «дохили фирқа ва хидмати миллат» шуда, «хонаи миллатро обод» кардаанд.

Имрӯз муҳим аст, ки номи Саидризо Ализода сармуҳаррири ин маҷалларо чун яке аз аввалин ҳаҷвнависони матбуоти тоҷик бишносем. Чунончи, дар ин маврид Раҳим Ҳошим таъкид менамояд: «Ализодаро яке аз аввалин матбуотчиёни ҳаҷвнависи тоҷик ҳисоб кардан мумкин аст» [51, с. 21]. Ё ин ки муҳаққиқ М. Муродов низ нақши С. Ализодаро алоҳида таъкид намуда, навиштааст, ки ӯ яке аз ҷадидони замон, тарғибгарони

ҳаёти нав ва ҳокимияти тозабунёд ба маслаки он боварӣ ва эътимоди комил дошт. Аз ин рӯ, вай бо мақолаҳои худ ба муқобили нобасомониҳои замон, бар зидди дунёи кухна, урфу одатҳои ба иборае зарарноки он мубориза мебурд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин гӯшаи ҳаҷвӣ фелетону памфлетҳо ва мақолаҳои ҳаҷвию танқидии С. Айнӣ, С. Ализода, Б. Азизӣ, Ҳ. Муин ва дигарон бо шаклу услуби гуногун чун суолу ҷавоб, монолог нашр гардидаанд. Ҳамчунин, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аз жанри ҳаҷвии классикии «луғат» ба таври васеъ истифода бурда, бо ин васила ба мавзуъҳои сиёсӣ дахолат намуда, оммаро аз он ҳушдор менамуд, ки аз душманони маккор огоҳ шаванд. Чунончи: «Буржуи пинҳонӣ – касест, ки худро ранҷбар номида, дар як идораи ҳукуматӣ ба 800 сӯм моҳона хидмат кунад ва барои тӯйи писараш 100 ҳазор сӯм харҷ намояд.

Оби ҳаёт – ҳамин обҳои ҳавзи мост, ки аз даҳ ҷузъ як ҷузъаш обу нуҳ ҷузъаш чирк, зибил, ахлот, оби даҳон, оби димоғ, равғани зарфҳо, чирки либосҳо, ҳашароти реза, микробҳои майда ва мисли инҳост, ки хӯрандаи худро ҳаёти ҷовидонӣ мебахшад» [51, с. 67].

Дар мавриди нуфузу мавқеи гӯшаи «Тозиёна» дар рушду ташаккули ҳаҷв дар матбуоти тоҷик профессор И. Усмонов таъкид кардааст, ки «Тозиёна»-и «Шуълаи инқилоб» модари матбуоти ҳаҷвии тоҷик гардид. Матбуоти ҳаҷвие, ки дар солҳои минбаъда бо забони тоҷикӣ интишор мешуданд, албатта, аз таҷрибаи «Тозиёна» истифода мебурданд.

Саидризо Ализода дар маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб», «Ойина» ва рӯзномаҳои «Меҳнаткашлар товуши», «Овози тоҷик», «Зарафшон» ва ғайраҳо «бо имзоҳои мустаори «Коргар», «Нештар», «Муште ғоиб», «Занбӯр», «Муртад» порчаҳои зиёди ҳаҷвии худро дар шакли луғат, муаммо, чистон, ҳикоя ва назм чоп кардааст.

Дар ин замина, бояд афзуд, ки, матолиби ҳаҷвии худро Саидризо Ализода бештар бо номҳои гуногун нашр менамуд. Тавре мушоҳида мешавад, худ тахаллусҳои ин равшанфикри тоҷик боиси ҷалби таваҷҷуҳ буда, далели ба ҳаҷв бештар мароқ зоҳир намудани С. Ализода мебошад.

Дар яке аз навиштаҳои ӯ чунин омадааст: «Инак, мо барои таъдиб ва танбеҳи ин гуна ҳаммаслакон, баъд аз ин тозиёнаи равғанӣ истеъмол хоҳем кард. Тозиёна, чӣ тозиёнае?.. Ба маҳзи хӯрдан, дар як дам ҳар навъ беадабро боадаб ва ҳар навъ мастро ҳушёр месозад. Агар бовар надоред, инак, тозиёна, бифармоед, озмоиш намоед, агар бо як задан дангатон нарм нашуд, бурдаш нест!..

Ин тозиёнаи мо баъзе луғатҳои ғариба ва мушкила дорад, ки сари бечора хонандагонро гиҷ ва гаранг мекунад, ҳарчи китобҳои луғатҳоро ҷустуҷӯ намоянд ва ҳар қадар фикру пиндор кунанд, боз ҳам гиҷ ҳастанд, ки гиҷ!.. Лиҳозо, аз рӯйи дилсӯзӣ ба ҳоли хонандагон, мо ин гуна луғатҳоро баён менамоем: «Давлати барқӣ - хизмати дӯконҳои озуқа аст, ки дар як дақиқа одами бечораи гуруснаю бараҳнаро он қадар ғанӣ, сер ва маст кунад, ки ҳар шаб дар хонаи он ба ҷойи об шароб ва ба ҷойи нон мурғбирён хӯрда шавад ва худаш ҳам ҳаргиз пиёда роҳ наравад, яъне доим фойтуни кироя савор шавад» [51, с. 67].

Муҳаққиқ М. Муродов дар боби нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар бозтоби ҳаводиси иҷтимоиву сиёсӣ ёдовар шуда, аз ҷумла чунин мегӯяд, ки «Шуълаи инқилоб» аз як тараф инъикоскунандаи муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти вақт гардид, аз ҷониби дигар, ба майдони маҳорати адибону публитсистон ва ғун шудани таҷрибаи нигорандагии эшон табдил ёфт. Ба қавли муҳаққиқ М. Муродӣ “Дар навиштаҳои ҳаҷвии С. Айнӣ, Ҳоҷӣ Муин, С. Ализода, Б.Азизӣ ва дигарон, ки дар як рузнома чоп шудаанд, таъсири маҷаллаи мазкур ошкоро мушоҳида мешавад» [88, с. 87].

Дар заминаи гуфтаҳои муҳаққиқ метавон илова намуд, ки дар рушду такомули ҳаҷви публитсистӣ хосса анвои ҳаҷвӣ маҷаллаи Шуълаи инқилоб» нақши сазовор гузоштааст. Бавежа, гӯшаи «Тозиёна»-и маҷалла чун саҳифаи ҳаҷвӣ дар шаклгирии анвои ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Омӯзиш ва баррасии матолиби ҳаҷвии ин гӯша имрӯз аз манфиат холӣ набуда, таҳқиқи махсусро хоҳон аст. Чун дар бархе таҳқиқотҳо ва мақолаҳои зиёд дар бобати нақши ин гӯша маълумот дода шудааст, такрори он ҳамаро муҳим надониста, танҳо ҳаминро илова менамоем, ки

омӯзишу баррасии ин гӯшаи ҳаҷвӣ метавонад боз бештар гиреҳҳоеро бикшояду вежагиҳои хоси анвои ҳаҷвиро бозгӯӣ намояд.

Нашрияи дигаре, ки пас аз маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба рушди ҳаҷви тоҷик заминаи мусоид фароҳам овардааст, ин рӯзномаи «Овози тоҷик» мебошад. Рӯзномаи «Овози тоҷик» чун нахустин нашрияи шуроии тоҷик дар даҳаи сеюми садаи ХХ зуҳур намуда, воқеан барои ҳастии миллати тоҷику забони тоҷикӣ хидмати мондагореро анҷом дод. Муҳаққиқ А. Азимов дар асари худ «Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» таърихи пайдоиш ва марҳалаҳои рушду ташаккули ин нашрияро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши онро дар рушди ҳаҷви публитсистӣ низ алоҳида таъкид менамояд. Бино ба қавли ӯ «намунаҳои аввалини ҳаҷв дар шаклҳо ва жанрҳои гуногун дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ба табъ мерасиданд. Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» гӯшаҳои ҳаҷвӣ ва рубрикаҳои «Тозиёна», «Қисмати ҳаҷвӣ», «Ҳаҷв» ва сарлавҳаҳои умумии «Мубориза бо машрубот ва мастигарӣ», «Тӯрагӣ ва бадахлоқӣ», «Бар зидди дин ва хуруфот» ва ғайраҳо пайдо шуданд. Ҳамчунин, дар рӯзномаи «Бедории тоҷик» гӯшаҳои «Гӯшмол», «Тарсакӣ» ташкил гардид. Ҳамин саҳифаҳо ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ сабаби таъсис ёфтани маҷаллаи нахустини ҳаҷвии Шуроии тоҷикӣ гардиданд» [36, с. 94].

Дар ин замина бояд афзуд, ки маҷаллаи ҳаҷвии «Ширин» корчун иловаи нашрияи «Овози тоҷик» чоп шудааст. Нахустин шумораи маҷалла 27 сентябри соли 1926 аз чоп баромадааст. Он солҳои 1926-1937 мунтазам нашр мешуд ва чанд маротиба номаш низ тағйир ёфтааст. Солҳои 1926-1928 бо номи «Мулло Мушфиқӣ» нашр гардида, солҳои 1929-1930 ва 1937 бо номи «Мушфиқӣ» чоп мешуд. Дар миёни солҳои 1931-1936 номи «Бигиз»-ро гирифт. Маҷаллаи «Мушфиқӣ» дар Самарқанд таъсис ёфта, чанде дар ҳамон ҷо чоп шуда, баъдтар дар шаҳри Тошканд нашр гардид.

Хулоса, ҳаҷв дар ҳама давру замон рисолати худро иҷро намуда, пеш аз ҳама, дар ошкор намудани камбудиву нуқсонҳо, нишон додани норасоиҳо нақши муассир гузоштааст.

Маҷаллаи дигаре, ки дар рушду ташаккули ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ нақши сазоворе гузоштааст, маҷаллаи «Хорпуштак» мебошад. Омилҳои зиёде чун қарорҳои ҳукумати шуравӣ, анҷумани 3-юми нависандагони Тоҷикистон ва чанди дигар дар замони шуравӣ боис гардиданд, ки ба рушди ҳаҷв заминаи мусоид фароҳам ояд. Чунончи, муҳаққиқ А. Мавлонов дар ин бобат хуб таъкид намудааст: «Хулоса карда гӯем, қарорҳо «Дар бораи маҷаллаи «Звезда» ва «Ленинград», «Дар бораи маҷаллаи ҳаҷвии «Крокодил, мақолаи редаксионии «Правда» ба унвони «Масал ва латифа», «Ба ақибмонии драматургия хотима дода шавад», қарорҳои анҷумани умумииттифоқии нависандагон, ки дар солҳои охир шуда гузаштаанд,... барои аз нав пойдору мустаҳкамшавӣ ва ривоҷу равнақи ҳаҷви адабиёти муосири мо роҳи васеъ кушоданд ва шароитҳои эҷодӣ муҳайё карданд» [81, с. 51]. Дар ин маврид метавон боз чунин илова намуд, ки матбуот чун василаи муассири ҷилваи афкор ва майдони сайқали маҳорат дар рушду ташаккули ҳаҷв низ саҳми муассир гузоштааст. Ин аст, ки бо назардошти таъсири ҳаҷв дар инъикоси мушкилоту норасоиҳои ҷомеа матбуоти тоҷик аз замони пайдоиш ба он таваҷҷуҳ намудааст.

Моҳи майи соли 1953 маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» бо теъдоди 1000 нусха аз чоп баромад, аввалин муҳаррири он Самад Ғанӣ буд. Бино ба шаҳодати муҳаррири нахустини маҷалла дар рӯзҳои аввали ба дунё омаданаш «Хорпуштак» ҳатто идорае надошт. Маҷаллаи «Хорпуштак» на ҷой дошт ва на макон, на идора дошт ва на як ҷойи сархалонӣ. Вай ягона коркуни камтаҷрибаи навёдгир дошту халос. Он коркун ба кучое, ки равад, идора дар ҳамон ҷой буд. Тамоми аппарат ва рӯзгори он аз як папка иборат буду бас....

Аммо бо ин ҳама мушкилиҳо маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» тавонист, ки миёни ҷомеа маҳбубият пайдо намояду ҳамзамон дӯсту душмани худро бо ҳар гуна сабку шеваи баён «навозишу силла» созад. Ва ин ҳама «навозишу силла» ба шакли мухталифи ҳаҷвӣ баён гардида, дар рушд ва шаклгирии анвои ҳаҷвӣ нақши сазоворе гузошт.

Ҳадафу мақсади маҷалла дар маромнома ва ё худ сармақолае, ки бо унвони «Хушхабар» дар шумораи нахустини «Хорпуштак» нашр гардидааст, чунин баён гардидаанд: «Муждаи тоза, хабари хуш», «Хорпуштак» ба дунё омад. Ин муждаи нав дӯстонамонро, бешубҳа, хандон ва душманонамонро зору гирён мекунад.

«Хорпуштак», табиатан, ҷонвари безиён буда, ба мардум озоре намерасонад, вале вай нисбат ба ҳар як ҳашароти зараррасон чунон бераҳм аст, ки ба онҳо амон намедиҳад, аз онҳо ҷон меситонад, бо нохуни тез, дандони бурро ва хорҳои нештармонандаш хас каму ҷаҳон пок мекунад. «Хорпуштак» дар назди худ вазифаҳои хеле калон мегузорад. Вай миёнро аз чил ҷояш маҳкам баста, монанди паҳлавони сафдару сафшикан бо қаламнайзаи худ ҳар иллатро ошкор мекунад, касонеро, ки ба чархи машинаи мо чӯб халонданӣ мешаванд, фош ва расвои олам мекунад, ба бадани одамоне, ки боқимондаҳои урфу одатҳои куҳна ва хурофотро кашола карда мегарданд, ба молу мулки халқ ва ҷамъият чашми мурдори худро ало менамоянд, танқид ва худтанқидкуниро ба инобат намегиранд, муттасил худписандӣ ва ҳаволабаландӣ карда мегарданд, ба ҳуқуқи занон қасди бад мекунанд, хорҳояшро сахт-сахт мехалонад, бо танбалону муфтхӯрон, исрофкорон, каҷрафторон, лавандҳо, даҳанялаҳо, холабеғамҳо, хушомадгӯён, мусолиҳакорон, муросочиён, бюрократҳо ва ҳама гуна бадкирдорон сару кор дорад.

Дар як муддати кӯтоҳ бо он ҳама матолиби рангину ҷолибаш «Хорпуштак» хонандагони худро пайдо намуд. «Хорпуштак» бо он ҳама нохуни тези худ он ҳама мушкиливу норасоиҳои ҷомеаро гӯиё фош намуда, бо дандону хорҳои нештармонандаш ба ашхоси масъулу айбдор ҳуҷум намуд. Ба қавле «Хорпуштак» ҳамин ки чашм кушода, ба дунё омад, аз тамоми гӯшаю канорҳои Ватани беканори мо дӯстону ҳамроқи вай табрику саломҳои бениҳояти худро равон кардан гирифтанд, ки ин номаҳо шоҳиди изҳори муҳаббат, самимият, дӯстию ҳамдамӣ ва ҷӯрагию улфатии ҳаҷвнависони бурроқалам мебошанд.

Ба таъкиди муҳаққиқони соҳа гузашти вақт собит намуд, ки ба ҳамаи он мушкилиҳо нигоҳ накарда, маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» аз рӯзи чашм кушода ба дунё қадам монданаш дар майдон шерона, далерона ва ҷасурона ҷавлон зада, «ба ҳар ош ҷурғоту ба ҳар нон ҷазза» шуд, зираву пиёзи ҳар иллату нуқсонро бо тагу тӯбаш омӯхта, абраву астари хоҷатақулдоқҳои ҷоғфурӯш, лаққиву даҳанялаҳои андозаи даҳонашон чун калӯш, майзадаҳо, қаллобҳо, фиребгарҳо, ҳаннотҳо, хушомадгӯйҳо, фитнагарҳо ва моҷароҷӯйҳо, каҷравон, каҷдилон, каҷрафторон, холабеғаму холапасфардочиён, коргурезон, танбалон, муфтхӯрон, бюрократҳоро чаппаву роста карда, чашмонашонро мош барин кушода партофт.

Метавон гуфт, ки мақом ва нуфузи маҷаллаи «Хорпуштак» дар ривоҷи ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ ва ҳамчунин дар таъсису нашри саҳифаҳо ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти даврӣ басо калон аст. Дар мавриди нуфузу нақши ин маҷалла муҳаққиқони зиёди тоҷик чун И. Усмонов, А. Мавлонов ва чанди дигар андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Масалан, муҳаққиқ А. Мавлонов дар мавриди нақши маҷаллаи «Хорпуштак» ба чунин хулоса омадааст, ки «баъди ба нашр шуруъ кардани маҷаллаи мазкур дар адабиёти тоҷик ҳаҷв на ин ки аз нав ба пой гузошта шуд, балки боз ривоҷу равнақ ёфт, чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мундариҷа бой, пурмазмун ва пуробуранг гардид... «Хорпуштак» ойинаест, ки дар он ҳаҷви адабиёти нимаи дуюми садаи XX-тоҷик акс ёфтааст. Мо метавонем аз рӯйи ин маҷаллаи ҳаҷвӣ бо ҳаҷви солҳои гуногуни адабиёти муосири тоҷик шинос шавем, онро омӯзем ва ба он баҳо диҳем» [81, с. 56].

Мо, комилан, ба гуфтаҳои мавсуф мувофиқем, дар заминаи ин андешаҳо метавон боз чунин илова намуд, ки матолиби ин маҷалла ҳамчунин дар шинохти анвои ҳаҷвӣ ва рушди ҳаҷви публитсистӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Муҳаққиқ И. Усмонов хизмати «Хорпуштак»-ро на танҳо дар ошкору бартараф намудани камбудию нуқсонҳо, балки дар равнақи ҳаҷви тоҷик хеле калону бузург арзёбӣ кардааст. Ба қавли ӯ «Хорпуштак» дар ташаккули такомули ҳаҷви тоҷик, инкишофи жанрҳои

он ва пешрафти журналистикаи тоҷик роли бағоят калон бозида меояд. Имрӯз ин маҷалла моҳе як маротиба нашр мегардад.

Дар оғози солҳои сиюми асри гузашта, аниқтараш санаи 25 марти соли 1930 дар шимоли Тоҷикистони шуравӣ аввалин рӯзнома бо номи «Роҳи колхозчӣ» нашр гардид. Ин рӯзнома баъдан бо номҳои «Пролетари Хуҷанд», «Стахановчӣ», «Ҳақиқати Ленинобод» ва ҳоло бо унвони «Ҳақиқати Суғд» нашр мегардад. Дар барориши шумораи нахустини нашрия саҳми журналистоне чун М. Ҳасанов, Э. Мӯҳсинзода, А. Паҳлавонзода, М. Саид, Ҳ. Карим, Р. Ҷалил ва чанди дигарон хеле калон аст. Рӯзнома дар ибтидо бо ҳуруфи арабӣ ҳафтае ду маротиба нашр мегардид. Бино ба таъкиди муҳаққиқ Д. Самадова маҳз гӯшаҳои ҳаҷвии «Кӯбак» ва «Анбӯр» ба рушди ҳаҷви публитсистӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» заминаи мусоид гузоштанд. Аз мазмуну мундариҷаи гӯшаи «Анбӯр» ёдовар шуда, мавсуф чунин таъкид менамоянд, ки «Анбӯр» он ҳама танбалону ноуҳдабароён, коргурезону фиребгаронро мавриди мазаммат қарор дода, он ҳама ноадолатиҳои иҷтимоиро сахт маҳкум менамуд» [109, с. 12].

Дар маҷмуъ, ин ҳама заминаи мусоиде фароҳам овард, ки дар даврони шуравӣ ҳамзамон дар бештари нашрияҳои ноҳиявию вилоятӣ низ саҳифа ва ё гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ таъсис дода шуданд. Нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») чун яке аз рӯзномаҳои бонуфузи кишвар низ гӯшаи ҳаҷвиеро бо номи «Анбӯр» таъсис намуд. Гӯшаи «Анбӯр» чун намояндаи «Хорпуштак» дар он замон арзи ҳастӣ намуда, рисолати худро иҷро карда, бешак, дар ривоҷу равнақи ҳаҷви публитсистӣ сарбаландона иҷро намуд. Матолиби ҳаҷвии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бавежа, саҳифаи ҳаҷвии он «Анбӯр» дар бозтоби муаммо ва мушкилоти ҷомеа саҳми муассир гузоштаанд, ки он ҳамаро метавон имрӯз чун сарчашмаи муътамад дар шинохти вазъи иҷтимоии он замон истифода намуд. Бояд гуфт, ки минбаъд дар рисола маводе, ки мо аз гӯшаи «Анбӯр» интихоб кардаем, танҳо ба сол, шумора ва санаи нашри он ҳавола карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ин ҳама нашрияҳо, саҳифаҳо ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ барои зуҳур ва ташаккулу такомули ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик, бахусус, дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» заминаҳои мусоид гузоштаанд. Метавон гуфт, ки маҳз бо таъсири ин авомил ва чанд омилҳои дигар аҳли эҷоди рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» иқдом намуданд, то саҳифаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро таъсис бидиҳанд ва бо матолиби ҳаҷвӣ онро зинати маънавӣ бахшанд. «Анбӯр» ва матолиби ҳаҷвии он, пеш аз ҳама, ба ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ, иллату дардҳои ҷомеа, нуқсу камбудиҳои замона нақши муассире гузошта, бешак, дар рушду ташаккули ҳаҷви публитсистӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

## 1.2. Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия

Дар ҳар давру замон ҳаҷв ҳамчун шакли махсуси фошкунандаи хислату атвори шахсони алоҳида ва ҳодисоти зиндагӣ танҳо як мақсад, аз байн бурдани бадӣ ва тантанаи ғояҳои мусбатро ифода мекардааст. Ва табиист, ки он ҳамчун дигар жанрҳои адабиву публитсистӣ дар ҳар давру замон вобаста ба шароиту айём орзую омоли халқро ифода намуда, молики навъу шаклҳои гуногун гардидааст. Ҳаҷви шифоҳӣ, ҳаҷви адабӣ, ҳаҷви публитсистӣ, ҳаҷви матбуотӣ, ҳаҷви театрӣ, ҳаҷви телевизионӣ ва ғайра навъҳое мебошанд, ки дар ҷараёни дуру дарози ҳаёти инсонӣ вобаста ба талаботи замон, имконоту шароит ва диди одамон пайдо шудаву ташаккул ёфтаанд. Шакли шифоҳии ҳаҷв - афсона, латифа, аксия, қитъа, достон барои ба вуҷуд омадани ҳаҷви адабиёти классикӣ асос гузошт.

Равшан аст, ки, аслан, ханда чун яке аз аломатҳои асосии ҳаҷви публитсистӣ дар фарҳангу тамаддуни мардуми дунё мақоми шоистаеро соҳиб аст. Маҳз ханда чун василаи асосии дарки бештари ҳаёт заминаи мусоиде фароҳам меоварад, ки осори ҳаҷвӣ ё навиштаҳои ҳаҷвӣ таълиф гарданд. Дар мавриди нақши ханда муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Чунончи, ба қавли Арасту ханда танҳо хоси инсонҳо мебошад. Муҳаққиқон В. Асрорӣ ва М. Муродӣ низ дар

мавриди иртиботи ногусастанӣ доштани ҳаҷву ханда таъкид менамоянд, ки ҳаҷви беханда намешавад. Ханда ва ҳаҷв ҳар ду пайвастагии узвӣ дошта, ҳамчун хосияти ҳаҷву танз ба таърихи ташаккули инсоният ва мазҳака сахт алоқаманд аст. Ханда ба қавли М. Тӯраев «барои дарки бештари ҳаёти фарҳангию иҷтимоӣ кумак мекунад... ва он хандае, ки аз танз ҳосил мешавад, табассуме ҳамроҳ бо андеша ва тафаккур аст» [169, с. 5].

Аз он ҳама андешаву назарҳои муҳаққиқон доир ба нақши ханда дар ҳаҷв метавон чунин хулоса баровард, ки хандае, ки дар анвои ҳаҷвӣ вуҷуд дорад, ба табассуме водор менамояд, ки дар он андеша ва панду андарз низ ҳамроҳ мебошанд. Яъне, ҳар як ханда сабабе дорад ва он боис мегардад, ки инсон сари он масъалаи хандидашуда ҷчба таври бояду шояд андеша намояд. Ин ҷо ҳунари нигорандаи матолиби ҳаҷвӣ низ муҳим ва зарур аст, ки малакаву маҳорати хешро истифода намуда, матлабе таълиф намояд, ки хонандаро ба табассум намудан водор созад. Ханда чун ба инсонҳо хос аст, он низ, пеш аз ҳама, ба сатҳи донишу ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи тафаккуру маърифат сахт вобастагӣ дорад. Маҳз дарки воқеа боис мегардад, ки табассуме тавлид гардад. Бо дарназардошти ин ҳама анъанаи ҳаҷвнависӣ ва ҳаҷви публитсистӣ дар марҳалаҳои мухталиф дар алоқамандӣ бо ханда инкишоф ёфтаанд. Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои назарии вежагиҳои анвои ҳаҷвӣ ҳамеша мадди назари ҳаҷвнигорону орифон қарор доштааст.

Муҳаққиқ М. Муродов бо омӯзишу баррасии ҳаҷви публитсистии давраҳои ҷудогонаи матбуоти тоҷик ба чунин хулоса расидааст, ки ханда «Агар дар матбуоти солҳои 1920-1950 хандаи сиёсӣ - тезу тунди маҳвкунанда мавқеи бештар дошт, дар матбуоти солҳои 70-80-ум хандаи танзомез низ маъмул гардид. Дар осори ҳаҷвии ин давра ханда, асосан, барои ислоҳи камбудиҳое равона шудааст, ки аз як тараф моҳияти сиёсӣ, аз ҷониби дигар, решаи амиқ надоштанд ва ислоҳи онҳо имконпазир буд. Яъне, ҳаҷвнависон чун тарбиятгар ҳалли масъалаи мазамматшавандаро на тавассути заҳрханда, балки бо роҳи шакарханда мепиндоштанд» [87, с. 279]. Дар ин маврид метавон чунин илова намуд, ки, воқеан, публитсистикаи ҳаҷвӣ бо он ҳама унсурҳову нозукиҳои хоси худ ҳамчунон

бо хандаҳои сӯзонандаву тарбиякунандаи хеш дар ҳалли бисёре аз муаммоҳои замон нақши муассир бозидааст.

Дар асару навиштаҳои муҳаққиқон В. Асрорӣ, А. Мавлонов, С. Солеҳов, И. Усмонов, А. Азимов, М. Муродов ва чанди дигарон роҷеъ ба омилҳои пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик ишораҳо рафтааст. Чунончи, профессор В. Асрорӣ дар ин маврид ба хулосае омадаанд, ки ҳаҷви тоҷик се марҳалаи рушду ташаккулро паси сар намудааст. Матбуоти даврони шуравиро муҳаққиқ А. Азимов оғози ҳаҷв шуморида, таъкид менамояд, ки охири солҳои 1924 ва аввали соли 1925 баъди таъсис ёфтани матбуоти даврӣ ҳаҷви Шурои тоҷик пайдо шуд.

Ҳаҷви публитсистӣ дирӯз ва имрӯз низ барои баёни нуқсонҳои ҷомеа, иллату дардҳои омма ва, умуман, ба хотири инъикоси умдатарин масоили доғи рӯз мусоидат намудааст. Яке аз василаҳои муассири таблиғ ва рушди ҳаҷв ин воситаҳои ахбори омма мебошанд, ки бевосита аз ибтидо то ба имрӯз дар ташаккули ҳаҷв ва анвои он заминаи мусоид мегузоранд. Тавре дар оғози рисола зикр намудем, воқеан, омилҳои зиёди муассире ба пайдоиш ва рушду ташаккули ҳаҷв ва публитсистикаи ҳаҷвӣ заминаи мусоиде фароҳам оварданд. Ва ин ҳама боз имконият дод, ки дар марҳалаҳои мухталиф новобаста аз вазъияти сиёсӣ публитсистикаи ҳаҷвӣ рушду нумуъ намуд. Пас аз он ки дар кишвар маҷаллаи ҳаҷвии маъруфи «Хорпуштак» дар ҷумҳурӣ ба нашр оғоз намуд, як таконе гардид, ки дар матбуоти даврии кишвар саҳифаҳо ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ таъсис дода шаванд. Дар ин радиф, яке аз он гӯшаҳои ҳаҷвии машҳуре, ки дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») таъсис дода шуд, гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» ба шумор меравад. Гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар солҳои шастум боис гардид, ки ҳаҷви публитсистӣ ва анвои мухталифи ҳаҷви публитсистӣ рушду такомул намояд.

Нашрияи «Ҳақиқати Суғд» то ба имрӯз шаш маротиба номи худро иваз намудааст. Нахустин маротиба рӯзнома санаи 25 марти соли 1930 бо номи «Роҳи колхозчӣ» (аз шумораи 1 то 31), баъдан аз 29 июли соли 1930 бо унвони «Колхозчӣ» (аз шумораи 32 то 60), пас аз он аз 7 ноябри соли

1930 бо номи «Пролетари Хуҷанд» (аз шумораи 61) ва аз моҳи январи соли 1935 номи «Болшевики Хуҷанд»-ро гирифт. Аз моҳи январи соли 1936 то августи соли 1940 бо номи «Бо роҳи Ленинӣ» нашр гардид. Аз соли 1940 то моҳи январи соли 1948 бо номи «Ҳақиқати Ленинобод» чоп гардидааст.

Рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз соли 1962 ҳамчун органи комитети партиявӣ ва комиҷроияи Совети депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Ленинобод чоп мешуд. Аз 5 майи соли 1971 ба муносибати азнавташкилёбии вилоят газета боз дар ҳаҷми калон ба рӯзномаи вилоятӣ табдил ёфт. Нашрияи «Ҳақиқати Суғд» аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз робитаи мустаҳкаме бо мухбирони хеш дорад. Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ соли 1935 нашрияи «Болшевики Хуҷанд» 327 мухбири коргару деҳқон дошт, ки аз онҳо 83 нафар зан, 118 колхозчӣ, 123 коргар буданд. Соли 1934 редаксия дар 4 минтақа маҳфили мухбирони ноҳиявиро гузаронида буд» [132, с. 173].

Дар солҳои сиюм нашр гардидани рӯзномаи «Роҳи колхозчӣ», пеш аз ҳама, барои ба меҳнаткашон фаҳмонида додани сиёсати давлат ва тарғиби он нақши муассир гузошт. Рӯзномаи «Роҳи колхозчӣ» дар оғоз ба истилоҳи ҳамон давр органи комитети партиявии округи Хуҷанд, совети депутатҳои меҳнаткашон ва президиуми иттифоқҳои касабаи округ буд. Бояд гуфт, ки рӯзнома, аввалан, бо ҳуруфоти арабӣ нашр мегардидааст. Дар ин бора муҳаққиқ Д. Самадова чунин мегӯяд: «Аз соли нахуст «Роҳи колхозчӣ» бо ҳуруфоти арабӣ чоп мешуд ва он ҳафтае ду маротиба дар рӯзҳои сешанбе ва шанбе нашр мегардид. Ҳадафи аслӣ аз таъсис додани ин рӯзнома, пеш аз ҳама, тарғиби деҳқонон ва коргарон барои меҳнат ва сарҷамъ шудани онҳо барои бунёди ҷомеаи коргару деҳқон буд. Аз ин рӯ, кормандони рӯзномаи мазкур вазифадор гардида буданд, ки дар сарҷамъ намудан ва вусъат бахшидани фаъолияти пурсамари меҳнаткашони округи Хуҷанд таъсир расонида, бо навиштаҳои худ кумак намоянд» [192, с. 13].

Дар ин замина, метавон чунин илова намуд, ки нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ва бахусус, гӯшаи «Анбӯр»-и он ҳамеша аз муаммову мушкилоти ҷомеа дар навиштаҳои хеш ёдовар шуда, то ҳадди имкон барои

бартараф шудани он мушкилоти ҷойдошта талош намудаанд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки мардум аз «Анбӯр» баъзан мадад ҷустаанд ва дар баъзе ҳолатҳо аз кумаки ӯ изҳори сипос намудаанд. Ин ҳамаро метавон дар он номаҳое, ки ба унвонии «Анбӯр» омадаанд, мушоҳида намуд. Чунончи, аз «Анбӯр» талаб намудаанд, ки ба онҳо кумак намояд. «Анбӯрҷон, ҳамин тавр Саидовро борҳо идораҳои дахлдор ва шахсони ботамкин огоҳ кунониданд ва насиҳат карданд. Аммо ӯ парвои фалак надорад. Вай боз ҳам корҳои ба коркунони соҳаи маориф хос- набударо давом дода истодааст. Акнун, аз ту илтимос ҳамин ки ба ин кор худат дахолат накунӣ, намешудагӣ барин» [12, с. 3].

Ё ин ки: «Муҳтарам Анбӯр! Афти мазмун роҳбарони хоҷагии коммуналии шаҳри Советобод ё муҳтоҷи машина нестанд ва ё аз кабинет ба дигар ҷой намебароянд. Бисёр нағз мешуд, ки гӯшҳояшонро оҳистакак газида монӣ» [13, с. 4].

Ба ҳамин мазмун дар номаҳои дигар аз «Анбӯр» барои кумак изҳори миннатдорӣ намудаанд. Чунончи, дар навиштаи «Хонандаи муҳтарам!» омадааст: «Агар аз хотираш набаромада бошад, дар баромади гузаштаи худ дар зери сарлавҳаи «Шаҳодатнома» каҷҷу килебҳои кори мудири дӯкони №17 дар маҳаллаи Чорчироғ будаи селпои Ёва Мушарраф Зеёбоеваро ба шумо пешкаш карда будам. Дина раиси правлениями селпо рафиқ Шодибоев ба ман хабар расонд, ки правлениями селпо ин хабарро ба муҳокимаи маҷлиси правления ва маҷлиси умумии мудирони дӯконҳо гузоштааст, ки ин маҷлис «Шаҳодатнома»-ро аз эътибор соқит шуморида, ба ҷои он ба Зиёбоева як виговори чамбаргулчин тақдим кардаанд. Биёед, акнун ману шумо мушоҳида кунем-чи, Зиёбоева аз ин чӣ хулоса мебарорад. Анбӯри шумо».

Агар ба сафҳаҳои таърихи нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» таваҷҷуҳ намоем, хидмати нависанда, публитсист Раҳим Ҷалилро дар рушду ташаккули рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» наметавон нодида гирифт, зеро мавсуф аз соли 1931 то соли 1951 ба сифати ходими адабӣ дар нашрия

фаъолият намудаанд. Дар ин давраи фаъолият дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» Раҳим Ҷалил нигоштаҳои зиёде таълиф намуд, ки ба масоили мухталиф бахшида шуда буданд. Дар ин маврид муҳаққиқон А. Турсунов ва У. Ғаффоров низ ишора менамоянд, ки Раҳим Ҷалил аз соли 1931 сар карда, зиёда аз 25 сол бевосита дар редаксияҳои газетаҳои «Ҳақиқати Суғд», «Бо роҳи Ленинӣ», журнали «Шарқи Сурх» кор карда, аксарият сармақолаҳо ва хабарҳои муҳимми замонавии дар саҳифаҳои газетаҳои номбурда чопшуда ба қалами Раҳим Ҷалил тааллуқ доштанд.

Бояд гуфт, ки нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» аз замони пайдоиш то ба имрӯз дар тарбияи рӯзноманигорон, нависандагону шоирон ва ҳаҷвнигорони ҷавон хидмати мондагореро анҷом додааст. Чунончи, соли 1931 дар назди рӯзнома маҳфили адабӣ таъсис гардида буд.

Рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» солҳои сиюм ба масъалаи маҳви бесаводӣ ва сохти таълиму тарбия, таҳсили духтарон дар мактабҳо ва мушкилоти дигари ҷомеа таваҷҷуҳи ҷиддӣ медод ва дар ин бобат навиштаҳои гуногун чоп мешуданд. Тавре муҳаққиқ А. Азимов мегӯяд, дар қатори рӯзномаҳои дигар нашрияҳои «Болшевики Хуҷанд», «Ҳақиқати Ғарм», «Бадахшони Сурх», «Ҳақиқати Кӯлоб» низ доир ба сохтмони мактаб, манбаъҳои маҳви бесаводӣ, ....набудани муаллимҳои ихтисосӣ, душвории таълими духтарон ва ҷудо-ҷудо дарс додани онҳо хабару мақолаҳои зиёде чоп намуданд» [39, с. 27].

Дар солҳои сиюм ҳаҷв низ дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ мавқеи намоёне дошт, аҳли эҷоди рӯзномаҳо хосса ҳаҷвнигорон бештар ба масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ дахолат намуда, матолиби ҳаҷвӣ эҷод мекарданд.

Хидматҳои Усмонҷон Тоҷибоев, Қурбон Баҳлулзода ва чанде дигаронро низ бояд таъкид намуд, ки дар зинати маънавӣ бахшидани саҳифаҳои ҳаҷвии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» нақши муассире гузоштаанд. Усмонҷон Тоҷибоев дар марҳалаҳои гуногун дар рӯзнома фаъолият намудаанд. Мавсуф солҳои 1955-1962 ба ҳайси ходими адабӣ, мухбири махсус, котиби масъул, солҳои 1962 то 1964 чун ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Бо роҳи Ленинӣ» ва аз солҳои 1971 то охири умр

сармуҳаррири нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» буд. Солҳои сарварии У. Тоҷибоевро даврони рушду нумуи нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» метавон шумурд, зеро дар ин давра рӯзнома аз 37000 соли 1972 то ба 41159 нусха расонида шуд. Дар замони сарварии Усмонҷон Тоҷибоев шумораҳои ҷашнии «Шумораи 10000» ва «Бахшида ба 50-солагии рӯзнома» бо сифати баланд нашр гардиданд. Соли 1940 ба хотири тарғиби сиёсати меҳнатӣ ва корномаи ангиштикан Алексей Стаханов рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба «Стахановчӣ» иваз карда мешавад. Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дар ташаккули матбуоти маҳаллӣ то ба имрӯз нақши назаррас гузоштааст.

Нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» солҳои шастум гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро таъсис дод, ки бо матолиби ҳаҷвии хеш дар як муддати кӯтоҳ машҳур гардид. Як идда адибону публитсистон чун Р. Ҷалил, Қ. Баҳлулзода, М. Аминзода, А. Шукӯҳӣ, Ҳ. Содиқ, ки дар марҳалаи аввал сафҳаҳои «Анбӯр»-ро бо матолиби ҷолибу рангини хеш зинати маънавӣ мебахшиданд, дар рушду ташаккули матбуот саҳми назаррас гузоштанд. Мутолиаи бастаҳои нашрия собит намуд, ки адибону рӯзноманигорон чун М. Фарҳат, А. Баҳорӣ, А. Воситзода, Ҳ. Аскар, А. Умаров, М. Узоқов, И. Бобоҷонов, Ғ. Ҳакимов, С. Дадобоев, Ӯ. Орифов, Э. Соҳибназаров ва чанди дигар бо навиштаҳои ҳаҷвии хеш иллату камбудиҳои ҷомеаро ҳамаҷониба мунъакис намудаанд. Бояд зикр намуд, ки ҳамчунин рӯзноманигорони бомаҳорат А. Бобоҷониён, Солеҳи Зарифзод, Султони Юсуф, Урунбой Усмон, Ғайрати Бекназар, Авлиёи Эшон ва нафарони дигар низ дар майдони ҳаҷв ҳунару маҳорати худро сайқал дода, гӯшаи «Анбӯр»-ро ҳамеша рангину хонданӣ намудаанд. Пас аз ин метавон чунин хулоса намуд, ки дар марҳалаҳои мухталиф гӯшаи «Анбӯр» бо он ҳама матолиби ҷолибу арзишманди хеш ба рушду такомули публитсистикаи ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар ин самт нақши мондагоре гузоштааст, ки боиси таҳқиқу омӯзиши амиқ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба сафҳаҳои таърихи публитсистикаи ҳаҷвӣ наметавон аз ҳаҷвнигорони зиёде, ки дар ин жанр заҳмат кашиданд ва кашида истодаанд

ёдоварӣ накард. Барои рушди ҳаҷви тоҷик ҳаҷвнигорони маъруфе чун Бурҳон Ғанӣ, Самад Ғанӣ, Тоҷӣ Усмон, Раҳим Ҷалил, Ҳоҷӣ Содиқ, Ашӯр Сафар, Аҳмадшоҳ Маҳсадшоҳ, Раҳмат Зайдулло, Болта Ортиқ, Абдулқаҳҳор Муҳаммадалӣ талошу ҷадали зиёд намуда, он ҳама дарду иллатҳои кишварро бо василаи ҳаҷв мазаммат намуданд.

Ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ имрӯз чӣ зарурат доранд ва аз онҳо чӣ нафъе ба ҷомеа мерасад? – суолест, ки шояд ҳамаро ба андеша водор намояд. Дар ин маврид муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ андешаву хулосаҳои хешро баён намудаанд, ки ин ҷо такрори он ҳамаро мо зарур намедонем. Танҳо дар ин замина ҳаминро мо метавонем хулоса намоем, ки чун мардуми тоҷик аз азал ба ҳаҷв майл доштанд, бо гузашти асрҳову солҳои зиёд низ ин василаи муассири баёнро фаромӯш накарда, балки барои рушду таҳаввули он ҳамаҷониба заминаи мусоид фароҳам оварданд. Аз нигоҳи дигар он ҳама осори ҳаҷвӣ дар одамон ҳисси ватанпарварӣ, росткорию ҳақиқатҷӯиро бедор намуда, оммаро водор месозад, то ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намоянд. Бидуни шак метавон гуфт, ки яке аз жанрҳои машҳури ҳаҷвӣ, ки онро ҳамагон earlier написанд, латифа мебошад. Латифа чун жанри хурди ҳаҷвӣ бештар аз воқеияти зиндагӣ маншаъ гирифта, мавзуу мундариҷаи гуногунро фарогир аст. Маҳз ин гуногунрангии латифа онро ҳамаҷониба хонданиву рангин мегардонад.

Омӯзиши бастаҳои нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бавежа, гӯшаи ҳаҷвии он «Анбӯр» нишон дод, ки латифа дар ин гӯша низ бештар мушоҳида мегардад. Чунончи, дар яке аз латифаҳо омадааст:

«Хонандаи синфи болоии як мактаб аз муаллими худ пурсидааст:

– Шумо ҳамеша дар бораи ахлоқ гап мезанеду чаро худатон мувофиқи он амал намекунед?

– Хуб, чӣ шудааст? – мақсади хонандаро нафаҳмид муаллим.

– Боз чӣ мешуд? Охир, ҳамин рӯзи истироҳат арақ нӯшида, дар кӯчаҳо калавида гашта будед-ку!

– Ҳеҳ-ҳеҳ, -– мулоимхунукона ханда кард муаллим, – ту ба ин корат набошад, «домуллоя гуфтагеша куну кардаашро накун» гуфтаанд» [21, 4].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин латифа мавзуи бисёр ҷиддӣ-шаробнӯшӣ инъикос гардидааст, ки аз ҷониби хонанда маҳкум мегардад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки латифа дар асоси воқеияти рӯз таълиф гардида, ҷанбаи танқидӣ ва маҳкумкунӣ дорад. Дар латифаи дигар боз чунин оварда шудааст:

«Як муаллим мавзуи дарси гузаштаро аз талабае пурсид. Он бача аз ҷояш бархосту мавзуъро аз китоб хонда додан гирифт.

-Ман туро китоб хонда деҳ нагуфтаам-ку?!

Хонанда ҷавоб додаст:

-Муаллимҷон, ман аз шумо ёд гирифтам».

Тавре мушоҳида намудем, дар гӯшаи «Анбӯр» доир ба омӯзгору талаба латифаҳои зиёде интишор гардидааст.

Ҳаҷви публитсистӣ дар ҷомеа ҳамеша хуш истиқбол мешавад, зеро маҳз ин василаи муассири баён ҳамдаму ҳамрози мардум аст, ки ҳамеша пайи табобати дарду иллатҳои ҷомеа талош менамояд. Дар мавриди ҷойгоҳи ҳаҷв муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ асару рисолаҳо ва ё мақолоти ҷолиб нигоштаанд. Ин ҷо метавон аз асари пажуҳишии М. Муродов –«Публитсистикаи ҳаҷвӣ» ёдовар шуд, ки дар он масоили пайдоишу инкишоф ва таҳаввули публитсистикаи ҳаҷвӣ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Бино ба таҳқиқи мавсуф «ҳаҷви матбуоти тоҷик дар солҳои бунёдкорӣ дар чор шоха: маҷаллаи «Хорпуштак», рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Маданияти Тоҷикистон», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», матбуоти бачагона – «Пионер»-у «Машъал» ва матбуоти вилоятиву ноҳиявӣ инкишоф меёфт. Дар ин шохаҳо камбудиву нуқсон ва иллати ноҷӯри замона дар жанрҳои гуногун танқиду мазаммат шуда бошанд ҳам, фелетон мавқеи намоёнтар дорад» [103, с. 191].

Дар ин замина, метавон чунин илова намуд, ки дар солҳои 50-60-уми асри гузашта, чун ҳаҷв дар миёни ҷомеа маҳбубияти хосса пайдо намуда буд, дар аксарияти нашрияҳои вилоятиву ноҳиявӣ низ саҳифаҳо ва ё гӯшаҳои ҳаҷвӣ таъсис ёфтаанд, ки дар рушду такомули ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ нақши муассире бозиданд. Яке аз он нашрияҳои бонуфуз рӯзномаи

«Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») ба шумор мерафт, ки гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро таъсис дода буд.

Дар маҷмуъ, публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик дар радифи адабиёт ва эҷодиёти даҳанакии халқ таърихи қадима дошта, дар марҳалаҳои гуногуни мавҷудияташ новобаста аз шароиту руҳияи замона батадриҷ рушд намудааст. Публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик заминаи мусоиде фароҳам овард, ки анвои ҳаҷвӣ дар иртибот бо воқеият ва аносири бадеӣ он ҳама иллату камбудиҳои ҷомеаро бозгӯӣ намоянд. Дар ин радиф, матбуоти даврӣ чун яке аз василаҳои муассир ва таъсиррасони рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик хидмати назаррасеро анҷом дода истодааст. Ба ин маънӣ, метавон гӯшаи «Анбӯр»-ро низ чун яке аз василаҳои таъсиррасони публитсистикаи ҳаҷвӣ шумурд.

Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар гӯшаи «Анбӯр» мо шеърҳои зиёди ҳаҷвиро мушоҳида намудем, ки ба масоили мухталиф бахшида шудаанд. Чунончи, ашъори зиёди шоир М. Аминзода дар нашрия дарҷ гардидаанд. Яке аз он шеърҳои ҷолиб ин «Ғофил намонед!» унвон дорад, ки аз сафари Анбӯр иттилоъ медиҳад.

Шуда Анбӯри мо дар шакли одам,
Ба ҳар сӯ мекунад гардиш дамодам.
Ба ҳар ҷо рафта ӯ мебинад аҳвол,
Агар хуб аст, ӯ хушҳолу хандон.
Кушода ҷоғ, зич нокарда дандон [8, с. 3].

Дар фарҷом шоир аз серкории Анбӯр ёдовар шуда, гӯё бори дигар масъулинро ҳушдор медиҳад, ки вазъи хару аробаҳо, мошинҳо, хӯроки гарм барои пахтачинон, вазъи истироҳати колхозчиён, аз палосу вазъи бошишгоҳҳои саҳроӣ, аз вазъи тарозу, ҳолати боғчаи кӯдакон дидан намоянду камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоянд, вагарна ба ҷазои Анбӯр гирифтор мешаванд.

Дар таърихи матбуоти тоҷик маҷаллаи «Хорпуштак» нақши назаррасеро дар рушду ташаккули ҳаҷви публитсистӣ гузоштааст.

Чунончи, зуҳуру таъсиси саҳифа ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти даврӣ пас аз нашри ин маҷалла бамаротиб афзуд. Ба қавли муҳаққиқ М. Муродов маҳз «бо таъсири маҷаллаи «Хорпуштак» дар аксари рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявӣ, қариб ҳама газетаҳои девории мактабҳои олӣ, миёна, корхонаҳои саноатӣ, идораҳои давлатӣ, гӯшаҳои ҳаҷвӣ ташкил карда шуд. Хусусан, гӯшаи ҳаҷвии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», ки «Анбӯр» ном дошт, дар солҳои 1960-ум намунаи ибрати гӯшаҳои ҳаҷвии рӯзномаҳои дигар гардида буд» [103, с. 185].

Гӯшаи «Анбӯр» чун фарогири муҳимтарин матолиби ҳаҷвӣ аст, пеш аз ҳама таҳқиқу омӯзиши он дар муайян намудани сохтор ва мазмуну мундариҷаи маводи ҳаҷвии рӯзнома ва ҳамзамон дар таъйини ҷойгоҳи ҳаҷв дар матбуоти тоҷик аҳаммияти махсус дорад. Ҳамчунон, дар ин замина равшан намудани вежагиҳои сохториву жанрӣ ва дигар мушаххасоту нозукиҳои маводди ҳаҷвии рӯзнома дар шинохти мавзуъ ва масоили муҳимми ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бо он ҳама мазмун, мундариҷа ва сохтору сабки нигориш, шакл ва дигар вежагиҳои хоси худ дар марҳалаҳои гуногун рушд намуда, дар огоҳонидани мардум бо иттилооти муҳим ва ҳаводиси тозаи кишвар саҳми назаррас гузоштааст. Омӯзиши бастаҳои «Ҳақиқати Ленинобод» нишон дод, ки он, воқеан, инъикосгари ҳаёти ҷомеа дар шимоли кишвар маҳсуб рафта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа дар он таҷассум гардидаанд. Рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» чун нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, дар тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ, ҳамзамон дар таҷассуми рушду ташаккули соҳаҳои гуногуни кишвар нақши мондагоре гузоштааст.

Омӯзишу таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки публитсистикаи ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, барои маҳкум ва барҳам задани иллату камбудиҳои ҷомеа, пешгирии падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои нохушӣ, гирифтани пеши роҳи инсонҳои бадкирдору бадахлоқ ва амалҳои нопоки онҳо мусоидат намудааст. Публитсистикаи ҳаҷвӣ аз ибтидо то ба имрӯз аз унсурҳои воқеъгароӣ, бадеӣ ва ҳаҷвӣ ба таври назаррас истифода

намудааст, ки дар рангину қолиб гардидани матолиби ҳаҷвӣ саҳми муассир доранд. Дар ҳама давру замон публитсистикаи ҳаҷвӣ бо имконоти худ вазъи ҷомеа ва масоили умдаи ҳалталаби рӯзро ҳамаҷониба инъикос намудааст. Хуллас, метавон гуфт, ки публитсистикаи ҳаҷвӣ чун яке аз василаҳои муҳимми баёни иллату норасоиҳои ҷомеа, ҳамчунин, дар омӯзиши амиқи ҳаёти воқеӣ нақши муассире дорад. Омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин гӯша ҳамзамон имкон медиҳад, ки нозукиҳо ва вежагиҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Суғд» дар марҳалаҳои гуногун ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гиранд.

Дар маҷмуъ, таъсиси гӯшаи «Анбӯр» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» як қадами муҳим дар рушди ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти тоҷик буд, ки аз таъсири мутақобилаи анъанаҳои фарҳангӣ, таҷрибаи матбуоти пешин, зарурати иҷтимоӣ ва ташаббуси аҳли эҷоди рӯзнома ба вуҷуд омад. Омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин гӯша ҳамзамон имкон медиҳад, ки нозукиҳо ва вежагиҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Суғд» дар марҳалаҳои гуногун ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гиранд.

# БОБИ II
# ГӮШАИ ҲАҶВИИ «АНБӮР» ВА МУНДАРИҶАИ ОН

## 2.1. Омилҳои таъсис ва ташаккули гӯшаи «Анбӯр»

Ҳаҷв чун яке аз василаи муассири баёни мушкилоту муаммои ҷомеа дар ҳама давру замон мақоми шоистаеро сазовор аст. Аз нигоҳи дигар метавон афзуд, ки бо баробари рушди ҷомеаи инсонӣ ҳаҷв низ чун як навъи эҷод рӯ ба густариш ниҳод. Мусаллам аст, ки ҳаҷв дар ибтидо бештар барои хандонидан дар миёни мардум мавриди истифода қарор мегирифт ва дар ин замина бо баробари ҳазлу шӯхиҳо ва мазамматҳи бархе нафарон гуиё, дар асарҳои бадеӣ ва публитсистика низ навъҳои мухталифи эҷод зуҳур намуданд. Ба андешаи мо, яке аз омилҳои аслии таъсиси гӯшаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») дар он будааст, ки дар он замон аллакай дар бархе нашрияҳои кишвар чунин саҳифаҳои ҳаҷвӣ мавҷуд буданд ва маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» дар ҷомеаи он рӯз басо шуҳрату мавқеи шоистаеро сазовор буд.

Дар Тоҷикистон соли 1953 маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» нашр гардид. Дар муддати кӯтоҳ ин маҷалла дар миёни мардуми кишвар маҳбубияти хосса пайдо намуд. Пас аз чанд сол бо таъсири чанд омилҳи дигар дар нашрияҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ низ саҳифаҳо ё гӯшаҳои ҳаҷвӣ таъсис дода шуданд.

Яке аз нашрияҳои вилоятии бонуфузи кишвар ин рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» мебошад, ки дар шаҳри Хуҷанд нашр мегардад. Рӯзномаи мазкур таърихи зиёда аз 90-сола дошта, то ба имрӯз мунтазам нашр гардида истодааст.

Нахустин гӯшаи ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» бо номи «Кӯбак» соли 1930 таъсис ёфтааст. 11 августи соли 1955 бори аввал гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дарҷ гардид. Ҷолибии ин гӯшаро номи он ифода мекард, ки бозгӯи ҳадафҳои аҳли эҷоди нашрия буд. Воқеан, чаро «Анбӯр»? Ба андешаи мо, шояд ба хотири он ки

маҳз анбӯр чун як асбоби газандаву василаи ободу бунёд намудани маҳсулоти лозимӣ истифода мешавад, онро интихоб намудаанд. Аз тарафи дигар, анбӯр асбоби буранда аст, ки ба маънои рамзӣ бурида партофтани камбудиву норасоиҳои иҷтимоӣ ва инсонии зарароварро мефаҳмонад. Маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ҳамчун яке аз омили муассир ба пайдоиши «Анбӯр» мусоидат намудааст. Чунончи, дар нахустин шумораи гӯша «Анбӯр» худро чун намояндаи ин маҷалла шумурда, ба хонандагонаш чунин мурочиат кардааст: «Маро «Хорпуштак»-ако ба вилояти Ленинобод намояндаи худ таъин карда, аз як кунҷи «Ҳақиқати Ленинобод» ҷой гирифта, аз ҳамин рӯз ба иҷрои вазифаи худ шуруъ хоҳам кард. Ба ман ваколат дода шудааст, ки тамоми каҷу килебиҳои соҳаҳои гуногуни корро росту ҳамвор кунам, гӯши бюрократону худписандон, танбалону тайёрхӯрон, маккорону ҳилагарон, иғвогарону ҳаннотон, гарданшаху коргурезон, ғайра ва ғайраҳоро сахтакак тофта монам. Вале, як илтимоси махфӣ дорам, ки ғайр аз шумо каси дигар нафаҳмад. Ман бе мадади шумоён дар иҷрои вазифа мелангам. Бинобар он, хоҳишмандам, ки дасти ёрии худро дароз карда, дар иҷрои вазифаи ман ҳиссаи бародарона гузоред». Тавре мушоҳида мегардад, «Анбӯр» дар баробари ба дунё омаданаш гӯё аз хонандагони хеш мадад меҷӯяд ва ин даъвату хоҳиши ин гӯшаи ҳаҷвӣ низ бесабаб набуд. Ба андешаи мо, ин даъват аз чанд ҷиҳат ба манфиат буд:

1. Ин амали «Анбӯр», пеш аз ҳама, ҳаҷвнигоронро ба навиштани матолиби ҳаҷвӣ даъват менамуд. Ҳамзамон хонандагони нашрия низ метавонистанд, ки ба унвонии «Анбӯр» нигоштаҳои худро ирсол намоянд.

2. Ҷиҳати хуби ин даъват боз дар он буд, ки таваҷҷуҳ ба иллату норасоиҳо ва масоили муҳимми ҷомеа бештар мегардид.

3. Ин даъват метавонист бархе нафарони бадкирдорро низ аз хоби ғафлат бедор намояду андеша ва диду нигоҳи эшон тағйир ёбад. Ин амали «Анбӯр» боз аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки рӯйрост иқрор мешавад, ки бе мадади хонандагон дар иҷрои вазифаи худ, яъне инъикоси иллату норасоиҳо ва амалҳои зишти бархе ашхос мелангад. Яъне, «Анбӯр» аз

шумораи нахустини худ тавонист, ки диққати хонандагонро ба худ ҷалб намояду онҳоро ба кумак даъват намояд.

Омӯзиши маводди баъдинаи гӯша собит намуд, ки ин амал, яъне даъвати хонандагон ба ҳамкорӣ, бешак, дар фаъолияти минбаъдаи он таъсири хуб гузоштааст. Аз ҷумла, номаҳои зиёде ба унвонии «Анбӯр», ки аз гӯшаву канори вилоят омадаанд, бозгӯи ин ё он мушкилоту норасоиҳои ҷомеа мебошанд. Масалан, дар номаҳо, ки зери унвони «Алло, алло», «Анбӯри азиз!», «Худаш якта, ҷои кораш сета», «Айб не-мӣ?» нашр гардидаанд, аз ин ё он мушкилоту норасоии ҷомеа иттилоъ додаанд. Ин ҷо як номаро ба ҳайси далел меорем: «Рафиқи муҳтарам, Анбӯр! Баъди салом... ва паёми муштоқона ба ту чунин маълум ва равшан бод, ки колхози ба номи Сталин, совети қишлоқи Ёрӣ, райони Колхозчиён маблағҳои зиёде ҷудо карда, соли 1950 ба сохтмони стансияи электрикӣ 200 киловатт иқтидор доштагӣ сар карда буд. Сохтмони онро баҳори соли 1955 ба охир расонда, ба истифода дода шуд. Аз ин колхозчиён ниҳоят хурсанд гардиданд. Вале хурсандии онҳо дер давом накард. Чунки стансия фақат ду моҳ қишлоқҳои Дашти Қозӣ, Вешист, Мингдонаро бо чароғҳои иличӣ мунаввар сохту баъд ба бемории фалаҷ гирифтор шуда, ҳоло қариб як сол мешавад, ки бекому безабон пояшро дароз карда мехобад. Сабаби асосии ин аз он иборат аст, ки дар маркази қишлоқи Ёрӣ як стансияи дигари электрикӣ мавҷуд буда, он идораҳо ва хонаҳои калоншавандагони колхозро ба чароғ таъмин мекунад. Анбӯрҷони азиз! Аз ту илтимос ҳамин, ки ба доди колхозчиён худат расида, гӯши холабеғамонро сахтакак тофта мон, то ки чашмашон мош барин кушода шавад» [17, с. 4].

Тавре мушоҳида мешавад, муаллифи мактуб аз норасоии барқ дар чанде аз маҳаллаҳо ёдовар шуда, аз «Анбӯр» хоҳиш намудааст, ки ба доди сокинони ин маҳаллаҳо бирасад. Бад-ин шева, мадад ҷустан аз «Анбӯр» худ далели он аст, ки мардум ба он эътимоди сахт доштаанд. Дар ин замина нуктаеро низ бояд қайд намуд, ки аслан мактуб низ дар ҳаҷви публитсистӣ зиёд истифода мешавад, ки тавассути он норасоиҳои ҷомеа низ ба тариқи ҳаҷв баён мегарданд.

Бешак, рисолати ҳаҷви публитсистӣ дар ҳамин чиз аён мегардад, ки он ҳама иллату норасоиҳои ҷомеаро саривақт фош намуда, онро ба гунаҳои мухталиф тасвир намояд. Дар ин замина, муҳаққиқ М. Муродов низ бар ин назар аст, ки «ҳаҷви публитсистӣ дар асоси омилҳои муайян ва дар гармогармии ҳодиса эҷод карда мешавад.... Публитсисти ҳаҷвнигор қобилият ва имконияти ба ҳама чизҳои номатлуб зарба задан, таҳлил намудани воқеаҳои мухолиф, дарёфтани умқи бадӣ, рангоранг ва образнок тасвир намуданро дорад» [89, с. 117].

Дар бештари чунин навиштаҳои ҳаҷвӣ, тавре мушоҳида мешавад, муаллифон бо умед ба «Анбӯр» муроҷиат намуда, хоҳиш намудаанд, ки ҳар чи зудтар барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷомеа кумак расонад. Ин хоҳишу дархостҳо далели он аст, ки «Анбӯр» дар як муддати кӯтоҳ миёни хонандагон ва муштариёни нашрия маҳбубияти хоса пайдо намуда будааст. Ин аст, ки дар яке аз номаҳои шодбошӣ дар арафаи ҷашни 30-солагии хеш «Анбӯр» аз фаъолияти доманадори хеш ёдовар шуда, чунин навиштааст: «Мо аз рӯзи аввали ба дунё омаданамон ба зидди ҳар гуна қаллобону майпарастон, мансабпарастон, ҳаннотону шуҳратпарастон, дурӯягону куҳнапарастон, коргурезон барин зотҳои рафтору кирдор ва хислатҳояшон ба ҷамъияти мо бегона мубориза бурда истодаем.

Пас метавон гуфт, ки гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бо он ҳама матолиби ҷолибу рангини хеш бевосита дар рушди афкору ташаккули маънавиёту вусъати ҷаҳонбинии хонандагонаш таъсири бевосита расонидааст. Ҳамзамон, чунончи аз назарпурсии мо маълум гардид, бархе аз шахсиятҳое, ки дар солҳои 60-70-и асри гузашта кору фаъолият доштанд, аз маъруфияту нақши ин гӯшаи ҳаҷвӣ дар ҳаёти ҷомеа ёдоварӣ намуданд.

Хотираи таърих дар ёд надорад, ки эҷодкоре ё ҳаҷвнигоре мутаассир аз гузаштаҳо ё муосирин нашуда бошад. Зеро ин таъсир ё баҳрабардорӣ дар публитсистика ва адабиёт дар миёни аҳли эҷод амри маъмулӣ аст. Тавре мушоҳидаҳо нишон доданд, масъулини гӯшаи «Анбӯр» низ дар пайравӣ ба нашрия ва маҷаллаҳои ҳаҷвии кишвар ва берун аз он матолиби

хешро омода менамудаанд. Бахусус, дар пайравӣ аз маҷаллаи «Хорпуштак» матолиби зиёде омода гардидааст. Яъне, метавон гуфт, ки маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» чун чароғи равшане торикистонеро нуру равшанӣ бахшида, барои пайравони худ ҳама гуна монеаҳои ҷиддиро бартараф менамудааст.

Дар ин маврид бояд таъкид намуд, ки саҳми маҷаллаи «Хорпуштак» дар рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик низ басо назаррас мебошад. Метавон гуфт, ки, пеш аз ҳама, талаботи айём ва қарору қонунҳои ҳукумати Шуравӣ дар он замон асосе барои дар нашрияҳои кишвар таъсис додани саҳифа ва ё гӯшаҳои ҳаҷвӣ гардида будааст. Нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» маҳз бо назардошти таъсири ҳаҷв ва маъруфияти маҷаллаи «Хорпуштак» дар сафҳаҳои хеш гӯшаи «Анбӯр»-ро таъсис намудааст.

Муҳаққиқ А. Мавлонов аз таъсиси саҳифа ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ чун “Хорпуштакча», «Занбӯр», «Қаламфур», «Ҷайра», «Бигиз», «Наштар», «Анбӯр», «Қапқон», «Калтак», «Таёқ», «Қайчӣ», «Арча» ва ғайраҳо ёдовар шуда, ҳамзамон аз мавқеъ ва нуфузи гӯшаи «Анбӯр» низ ёдоварӣ намудааст. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки барои рушди жанрҳои хурди ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, маҷаллаи ҳаҷвӣ ва саҳифаю гӯшаҳои ҳаҷвии рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ёрӣ расонидаанд.

Доир ба омилҳои таъсиси гӯшаи «Анбӯр» ва умуман, саҳифаҳои ҳаҷвии нашрияҳои даврӣ метавон гуфт, ки омилҳои зиёди таъсиррасон боис гардиданд, ки нашрияҳои вилоятиву ноҳиявӣ низ ба таъсиси ин гуна гӯшаҳои ҳаҷвӣ иқдом намоянд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки гӯшаи «Анбӯр» замоне интишор гардид, ки ҳаҷви тоҷик дар марҳалаи рушду такомул қарор дошт. Таъсиси гӯшаи «Анбӯр» имкони мусоидеро фароҳам овард, ки ҳаҷви публитсистӣ беш аз пеш рушд намояд. Дар ин маврид муҳаққиқ Д. Самадова низ хуб таъкид менамояд, ки «таъсиси гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар «Ҳақиқати Ленинобод» барои ба камол расидани ҳаҷвнигорони соҳаи журналистика низ нақши муҳим дорад. Зеро аз мазмун ва муҳтавои навиштаҳои ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» равшан гардид, ки аз солҳои нахустини созмон ёфтанаш

дар як гӯшаи рӯзнома дар густариши ҳаҷви журналистӣ будааст» [109, с. 14].

Дар ҳама давру замон чеҳраҳои мондагоре бо талошу заҳмати хеш дар рушду ташаккули публитсистика ва ҳаҷви публитсистӣ саҳми назаррасе гузоштаанд. Яке аз он шахсиятҳое, ки асосгузори гӯшаи «Анбӯр» буд, ин Қурбон Баҳлулзода ба шумор меравад.

Қурбон Баҳлулзода яке аз ҳаҷвнигорони маъруфи он замон буд. Ӯ соли 1902 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи косиби хуҷандӣ Юлдош-мошиначӣ чашм ба олами ҳастӣ кушода, таҳсилро дар мактаби куҳна гирифтааст. Пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр Қурбон ба мактаби ибтидоии шуравӣ рафта, синфи чорумро тамом карда, баъдан ба китобхонаи шуъбаи уездии маорифи халқ ба кор медарояд. Мавсуф замоне, ки дар бахши командиртайёркунии аскарони сурхи шаҳри Самарқанд таҳсил менамояд, ҳамзамон ба фаъолияти мухбирии худ оғоз менамояд. Баъдан, замоне чанд ба сифати котиби комитети инқилоби волости Нов фаъолият намуда, ҳамзамон бо нашрияи «Овози тоҷик» ҳамкорӣ менамояд. Маҳз ин иртиботи Қ. Баҳлулзода боис мешавад, ки ӯро устод Садриддин Айнӣ ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба кор даъват менамояд. Маҳз замони фаъолият дар ин нашрияи бонуфуз ӯ ҳамчун мухбири ҳаҷвнигор ва танқиднавис маъруф мегардад. Бино ба қавли А. Азимов муҳаққиқи нашрияи «Овози тоҷик» Қ. Баҳлулзода дар нашри маҷаллаи «Ширинкор» иштироки фаъолона дошт ва ин буд, ки бо тахаллусҳои «ҚА», «Девонаи Баҳлул», «Ҷулқунбой» беш аз 37 мақолаву матолиби ҳаҷвӣ навиштааст [36, с. 76].

Аммо муҳаққиқ М. Муродов имзои мустаори «Девонаи Баҳлул»-ро бо Баҳлулзода як надониста, ба далели фикр аз матлаби рӯзномаи «Овози тоҷик» мегуяд, ки баъзе аз рафиқони хуҷандӣ, имзои Девонаи Баҳлулро, ки дар қисми ҳаҷвӣ дар поёни мақолаҳои тозиёна гузошта мешавад, Баҳлулзодаи Хуҷандӣ гумон карда, беҳуда ба вай ҳуҷум мекардаанд. Ҳол он ки имзои мустаори яке аз нависандагони самарқандӣ аст ва ба рафиқ Баҳлулзодаи Хуҷандӣ ҳеҷ дахле надорад.

Андешаҳои ин муҳаққиқон, воқеан ҳам, боиси таҳқиқу омӯзишанд. Дар ин замина, метавон чунин илова намуд, ки шояд ба хотири он ки таҳдиду фишор ба Баҳлулзода сурат нагирад, рӯзнома ин нуктаҳоро қайд намудааст. Аз навиштаҳои рӯзнома бармеояд, ки дар он замона низ ҳама гуна танқиду ҳаҷв ба бархе нафарони ҷомеа писанд набуд. Шояд маҳз ин омилҳои ҷузъӣ боис шудаанд, ки ҳаҷвнигорону публитсистони тоҷик бо имзоҳои мустаор навиштаҳои худро нашр менамуданд.

Матолиби Қурбон Баҳлулзода ҳамчунин дар гӯшаҳои ҳаҷвии «Тозиёна», «Гӯшмол» ва маҷаллаи «Мулло Мушфиқӣ», ки замимаи нашрияи «Овози тоҷик» буд, бештар нашр мегардиданд. Қурбон Баҳлулзода бо чандин нашрияҳо чун «Зарафшон», «Қизил Ӯзбекистон» ва маҷаллаҳои «Машраб», «Бигиз» (баъдан «Мушфиқӣ») ҳамкорӣ менамуд ва ин ҳама ҳамкориҳои қавӣ боис гардиданд, ки ӯ чун ҳаҷвнигори маъруф шинохта гардад. Дар солҳои 20-30 адибону публитсистони тоҷик бо он ҳама маҳсули эҷоди худ иллату норасоиҳо ва падидаҳои номатлуби ҷомеаро ҳамаҷониба маҳкум менамуданд.

Солҳои 30-юм Қурбон Баҳлулзода ба шаҳри Душанбе омада, дар нашрияҳои «Тоҷикистони сурх» ва «Қизил Тоҷикистон» чун мухбири ҳаҷвнависи фелетоннавис фаъолият менамояд. Баъдан, замоне чун мухбир дар нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» низ фаъолият намуда, сипас ба Хуҷанд баргашта, дар рӯзномаҳои «Бо роҳи ленинӣ», «Пролетари Хуҷанд» ва «Стахановчӣ» ба ҳайси мухбир ва мудири шуъба идома медиҳад. Бо баробари оғоз шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯ низ соли 1942 ба майдони ҷанг меравад. Пас аз итмом шудани ҷанг соли 1945 боз ба Ватан баргашта, фаъолияти мухбирии худро дар рӯзномаи «Стахановчӣ» идома медиҳад.

Қурбон Баҳлулзода, ки бо номи «Мухбири таппончадор» шуҳрат дошт, аз асосгузорони ҳаҷв ва фелетони тоҷик аст. Фелетонҳои ӯ дар шакли китобча бо номи «Ҳарфлар тилга кирди» («Ҳарфҳо ба забон меоянд») соли 1933 дар шаҳри Боку интишор шуда буд.

Қурбон Баҳлулзода тарҷумони хубе низ будааст ва чандин асарҳои адибони ӯзбеку русро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ӯ ҳамчун мухбири

фаъол ҳамчунин талош менамудааст, ки шогирдони зиёдеро тарбия намояд ва ба ин мақсад дар назди идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» маҳфили мухбирони ҷавонро ташкил намудааст.

Нақши Қурбон Баҳлулзодаро дар таъсиси гӯшаи «Анбӯр» П. Рустамова зикр намуда, таъкид менамояд, ки яке аз «собиқадорони матбуот ва таҳқиқгарони таърихи матбуоти вилоят (Суғд) Ғуфронҷон Рустамов эътимод дорад, ки «Анбӯр» ёрдамчии бовафои худро дар шахси Қурбон Баҳлулзода ёфта» буд [132, с. 216].

Қурбон Баҳлулзода дар синни 55-солагӣ, яъне 23-юми феврали соли 1957 аз дунё чашм пӯшидаанд.

Омӯзиши «Анбӯр» нишон дод, ки Қ. Баҳлулзода чандин навиштаҳои ҳаҷвии худро чун «Санбӯсафурӯши сагбоз», «Истгоҳ канӣ», «Мантуи бе ману ту», «Дӯкони кӯтоҳметру ошхонаҳои дарозлапша» ва ғайраро дар ин гӯша нашр намудааст. Дар нахустин шумораи «Анбӯр» навиштаи ӯ бо унвони «Аз ҳар куҷо як шингил» чоп шудааст, ки аз таъсиси ин гӯша изҳори хушҳолӣ намуда, чунин навиштааст: «Анбӯрҷони азиз! Ман ҳам яке аз муҳибонат, туро самимона табрику муборакбод карда, ба тӯии гаҳворабандонат чор калима аз баъзе каҷу килебиҳои атрофи шаҳри Ленинобод лаганди боркаше овардам». Ин ҷо агар таваҷҷуҳ намоем, муаллиф бо ишораи гаҳворабандон онро дар назар дорад, ки «Анбӯр» ҳанӯз тифл аст, яъне нав тавлид шудааст. Дар ин навишта ишораи таъкидиву нишонрас он аст, ки муаллиф ба каҷу килебиҳои шаҳр низ таваҷҷуҳ намуда, ҳушдор медиҳад, ки ӯ аз вазъи хароби баъзе аз нуктаҳои шаҳр огоҳ аст.

Қурбон Баҳлулзода бо навиштаҳои ҷолиби ҳаҷвии худ бештари шумораҳои «Анбӯр»-ро зинат додааст. Тавре дар яке аз навиштаҳояш ӯ дар оғоз бо киноя аз «кинофилмҳои кӯтоҳметраж» ёд намуда, бо ҳайрат менависад, ки «кинофилмҳои кӯтоҳметраж» гуфта шунида будему ин гуна дӯконҳои кӯтоҳметр аз куҷо пайдо шуданд? гуфта, шарикам наздик буд, ки ба гиребонам часпад. Ман ба вай як пиёла оби сард нӯшонда, тапиши дилашро каме паст кардаму ба эзоҳ додан сар кардам: – Бародар, агар

хоҳед, ки ин ду муаммои сарбастаро фаҳмед, аввало ба назди мудирони магазинҳои №26 Сангинов ва №31 Бобоҷон рафта, молҳои саноатӣ харида бинед-чи газворҳои худи онҳо ё ки фурӯшандагонашон ӯлчак карда додагӣ ба ченаки ҳақиқӣ тӯғрӣ меоянд, ё не? Ана, сонӣ ба касе ҳақорат-даъво шавед мумкин».

Бо мутолиаи навишта метавон дарк намуд, ки муаллиф чӣ ҳадафе дорад. Ин ҳам бошад, шиква аз амалҳои ношоистаи мудирони бархе мағозаҳо, ки ҳангоми фурӯши молу маҳсулот харидоронро ба ҳар шева фиреб медиҳанд. Ин ҷо наметавон аз ҳунару маҳорати нигорандагии муаллиф ёд накард, ки бо гузоштани унвони ҷолиб ба ин нигошта таваҷҷуҳи ҳамагонро ба он ҷалб намудааст. Ба хотири он ки хонандагон ҳадафи нависандаро боз ҳам бештар дарк намоянд, муаллиф дар идомаи навишта ибораи «дӯконҳои кӯтоҳметр»-ро шарҳ дода, чунин мегӯяд, ки «маънии дӯконҳои кӯтоҳметр он аст, ки касе аз ин магазинҳо газвор хариданӣ шавад, дар як дақиқа вай ҳам аз қадду ҳам аз бар кӯтоҳ мешавад. Яъне аз се метр матои харидаи шумо, албатта 10-15 сантиметр кам меояду шумо ба назди дӯзанда рафта, худ ба худ маншаю моҷароҳои бефоида мекунед ва гӯши дӯзандаи бечораро ба қомат меоред» [16, с. 4].

Қурбон Баҳлулзода гӯё пеш аз таълифи навишта тадқиқоти махсусе гузаронида бошад, ки ҳатто он усулҳои фиребу найранги фурӯшандагонро бо шеваи равону ҷолиб баён менамояд ва мегӯяд, ки «фурӯшандагони ин магазинҳо дар вақти ӯлтак кардани матоъҳо вайро ба атрофи метри оҳанин ду пояшонро ба прилавка тиргак карда истода, чунон кашола мекунанд, ки пас аз дарронда додани вай аз ҳар метраш бемалол якуним ваҷабӣ кам омадан мегирад» [16, с. 4].

Нуктаи ҷолиб он аст, ки муаллиф дар як навишта ду норасоиро тавонистааст, ки тасвир созаду он ҳамаро маҳкум намояд. Бо мутолиаи навишта маълум мегардад, ки муаллиф он амали ҳаннотонро дар ибтидои навишта гӯиё ба хотири қиёс овардааст. Муаллиф аз он изҳори нигаронӣ намудааст, ки дар бархе ошхонаҳо ба ҷуз дарозлапшаҳо дигар таоме омода намесозанд. Қурбон Баҳлулзода хеле ҷолиб таъкид менамояд, ки мардум

имрӯз аз зиёд шунидани номи ин таом дилбеҳузур мешаванд. Бо ҳайрату тааҷҷуб муаллиф суол менамояд, ки наход коркунони ошхонаҳо надонанд, ки аз орд нафақат лапша, балки хӯрокҳои гуногуни болаззати монанди манту, тушбераҳои кампиёзу сергӯшт, угро, санбӯсаҳои хуштаъм ва ғайра тайёр кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, омӯзиши таҳқиқи осори ҳаҷвии ин чеҳраи маъруфи публитсистикаи тоҷик аз чанд ҷиҳат метавонад баманфиат бошад:

1. Таҳқиқу баррасии навиштаҳои ҳаҷвии Қ. Баҳлулзода чун асосгузори гӯшаи «Анбӯр» аз он ҷиҳат хуб аст, ки метавон аз онҳо услубу шеваи нигориши матолиби ҳаҷвии ӯро низ муайян намуд.

2. Ӯ чун дар таълифи навиштаҳои ҳаҷвӣ ва фелетонист машҳур аст, омӯзиши осораш метавонад нозукиҳо ва вежагиҳои хоси анвои ҳаҷвиро муайян намояд. Шиносоӣ ва ошноӣ бо навиштаҳои Қ. Баҳлулзода собит менамояд, ки ӯ дар навишти матолиби ҳаҷвӣ маҳорату малакаи махсусеро соҳиб будааст.

Омӯзиши гӯшаи «Анбӯр» нишон дод, ки дар баробари Қурбон Баҳлулзода, чеҳраҳои маъруфи дигар Ҳоҷӣ Содиқ, Муҳиддин Аминзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигарон бо навиштаҳои ҷолибу рангини хеш сафҳаҳои онро зинати маънавӣ бахшидаанд. Ба қавли муҳаққиқ П. Рустамова маҳз ин адибони шинохта як гурӯҳ шайдоҳои ҳаҷв доди ҷасоратро дода, бо асарҳои ҳаҷвӣ дар гӯшаи «Анбӯр» баромад карданд ва «устохона»-и ҳаҷвро дар гӯшаи «Ҳақиқати Ленинобод» рост карданд. Чунончи, яке аз ин шоирони маъруф Муҳиддин Аминзода буд, ки гӯшаи «Анбӯр»-ро бо ашъори ҳаҷвии хеш зебу зинат бахшидааст.

Таҳқиқу омӯзиш нишон дод, ки дар «Анбӯр» ба ҷуз матолиби ҳаҷвӣ ҳамзамон ашъори ҳаҷвӣ низ ба табъ расидаанд. Ба ин мазмун, метавон гуфт, ки «Анбӯр» ба рушди ашъори ҳаҷвӣ низ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Омӯзиши бастаҳои нашрия нишон дод, ки бештари ашъори ҳаҷвии «Анбӯр» ба қалами Муҳиддин Аминзода мансуб аст. Мавсуф соли 1904 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи мударриси номӣ таваллуд шудааст. Ӯ то замони Инқилоби Октябр дар мактаби куҳна хонда, маълумоти асосиро

дар давраи шуравӣ гирифтааст. Муҳиддин Аминзода замоне муаллимӣ намуда, баъдан аз соли 1932 то охири солҳои 40-ум дар театрҳои Хуҷанд ва Душанбе ба ҳайси роҳбари адабӣ фаъолият намудааст.

Аввалин шеърҳои ӯ дар нашрияи «Овози тоҷик» чоп шуда, нахустин маҷмуаи шеърҳояш бо унвони «Чаман» соли 1937 нашр ёфтааст. Дар тули чил соли эҷодиёташ амсоли «Баҳори Ватан», «Садои зафар», «Шеърҳои мунтахаб», «Баҳори дил» зиёда аз 10 китоби ӯ ба табъ расидаанд. Ӯ ҳамчунин тарҷумон, ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон буд.

Дар мавриди оғози фаъолияти ҳаҷвнигории ин шоири маъруф миёни муҳаққиқон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи, ба шаҳодати А. Мавлонов нахустин шеъри ҳаҷвии шоир «Ҳасрати як имом» мебошад. Аммо дар асари «Фурӯғи маънӣ» номи ин шеър андаке тағйир ёфтааст, ки дар он «Ҳасрати як домулло» оварда шудааст. Омили сар задани ин иштибоҳ чӣ бошад ва кадоме аз ин дуруст аст? Ин масъала, воқеан, таҳқиқ мехоҳад.

Тибқи шаҳодати бастаҳои нашрия М. Аминзода аз рӯзҳои нахустини таъсиси рӯзномаи «Роҳи колхозчӣ» бо ин нашрия ҳамкорӣ намуда, дар тарбияи ҷавонони эҷодкор саҳм гузоштааст. Аз шумораҳои нахустини «Анбӯр» шоир М. Аминзода бо ин гӯшаи ҳаҷвӣ ҳамкории мустаҳкаме оғоз менамояд. Тибқи мушоҳидаҳои мо дар бештари шумораҳои «Анбӯр» як ё ду шеъри ҳаҷвии ин шоир дарҷ гардидааст. Муҳаққиқони нашрия низ аз фаъолияти доманадори шоир дар мақолоти хеш ишора намудаанд. Чунончи, П. Рустамова зимни таҳлили ашъори шоир ба хулосае омадааст, ки бештари онҳо фелетон будаанд. Ба қавли мавсуф «дар гӯшаи «Анбӯр» М. Аминзода бо шеърҳои намакини ҳаҷвӣ баромад мекард. Силсилаи шеър-фелетонҳои ӯ минбаъд дар маҷмуаи «Давои қурут оби ҷӯш» гирд омадаанд» [168, с. 217].

Шоир дар солҳои бистум аллакай бо таълифи чанд шеъри ҳаҷвӣ аз маҳорату малакаи ҳаҷвнигории худ иттилоъ дода буд. Дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоир якчанд шеърҳи ҳаҷвӣ монанди «Моҷарои валенки»,

«Зимистон», «Асп ва генерал», «Рубоиёти гурезогурез», «22-юми июн», «Саги азхудрафта» таълиф намудааст, ки ҷолиби диққатанд. Яке аз шеърҳое, ки дар «Анбӯр» таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд, шеъри «Дӯстии Анбӯр ва Қайчӣ» мебошад. Шоир дар ин шеър аз хислати анбӯру қайчӣ ёдовар шуда мегӯяд:

Ба Анбӯр аст агар хислат газидан,
Ба қайчӣ хислати дигар буридан.
Аз ин рӯ, ҳар ду беҳад ошноанд,
Ба ҳам наздик чун қайчӣ қудоанд [7, с. 4].

Шоир ошноии анбӯру қайчиро дар ибтидои шеър баён намуда, таъкид менамояд, ки яке гар бигазад, дигаре ҳамеша мебурад. Аз санъати ташбеҳ истифода намуда, ошноии онҳоро шоир ба қайчӣ ва қудоҳо монанд намудааст. Рӯзе анбӯр ба суроғи дӯсташ қайчӣ меравад, то ба ӯ арзи дилашро баён намояд, зеро ӯ ҳарчанд як ҷуфт шиму костюм ҷустуҷӯ дорад, аммо ёфта наметавонад. Анбӯр чунин шикоят менамояд, ки ҳар гоҳ:

Аз моли қимат
Ба як костюм мепурсам иҷозат.
– Агар мебуд, медодам ба ҷонам,
Адо шуд, нест дигар, ҷураҷонам [7, с. 4].

Қайчӣ бародараш Анбӯрро дилбардорӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳаргиз ғамгин машав, ин рӯзҳо ҳама мегузаранд, аммо афсӯс, ки илоҷи ин кор дар дасти ман нест.

Муҳаққиқ А. Мавлонов дар заминаи баррасии осори назмии шоир ба чунин хулоса омадааст, ки «Назми М. Аминзода, махсусан, ҳаҷвиёти ӯ пур аз обуранги халқӣ ва оҳангҳои фолклорӣ мебошад, ки қувваи ҷозибаи ҳаҷв, тезутундии мазмуни он, асоси хандаи тамасхуромезаш низ аз он сар мезанад» [81, с. 45].

Таҳқиқу омӯзиши ҳаёту фаъолияти ин шоири ҳаҷвнигор нишон дод, ки замоне нависандаи маъруфи тоҷик Раҳим Ҷалил ба унвонии мавсуф номае ирсол намуда, чунин гуфтааст:

Рафиқи ҷонии ман, муҳтарам Аминзода,
Замон туро на ғам, қоғазу қалам дода.
Чӣ мешавад, ки нависӣ ду се калима хате,
Ба ошнои қаринат, ки дур афтода.
Находд бехабарӣ, ин ки ҷураат бетоб,
Дароз хуфта ба ҷогаҳ мисли як хода.
На кайфи чойи кабуду на лаззати палаве,
На як нигаҳ ба рухсораи маҳи сода...
...Навис нома ба зудӣ макун фаромӯшам,
Дуот мекунам, охир, ба пой истода:
Ба рӯйи ҳавлии ту аз ҳаво арақ борад,
Шаванд ҳавзу хуму кӯзаат пури бода...
Навис, ҷӯраи ҷонӣ, фирист бо авиа,
Вагарна мекафад аз зиққӣ ин дили сода [11, с. 16].

Баъд аз чанде шоир М. Аминзода низ ба унвонии Р. Ҷалил номаи ҷавобӣ навишта, ки он дар «Адабиёт ва санъат», ба нашр расидааст, чунин мегӯяд:

Салом, ҷӯраи ҷонии дурафтода,
Шудаст бе ту тани банда қоқ чун хода.
Илоҳӣ зуд сиҳат шав, ба ман расида биё,
Дуот мекунам охир, ба пой истода.
Дили ту зиқ зи хуфтан, дили ман аз дурӣ,
Маро висол бубахшад, туро шифо дода.
Дуо макун, ки баҳои арақ шавад арзон,
Намехӯрад майи арзонбаҳо Аминзода...
Биё, ки суҳбати деринаро давом диҳем,
Палавчаи Раҷабиро намуда омода [11, с. 16].

Омӯзиш нишон дод, ки М. Аминзода ҳама мушкилоту муаммои ҷомеаро тариқи назм баён намудааст. Ӯ чун яке аз муаллифони фаъоли «Анбӯр» қариб дар ҳар шумораи он намунае аз ашъорашро ҷой додааст. Шоир ҳатто, ҳангоме ки садумин шумораи «Анбӯр» нашр гардид, ба ин

муносибат шеъри қолиберо таълиф намудааст, ки дар ин гӯша дарҷ гардидааст. Нуктаеро бояд илова намуд, ки ба таври мунтазам нашр гардидани ин гӯша миёни хонандагон маҳбубияту маъруфияти зиёде касб намуда буд. Далели ин гуфтаҳои мо шеъри шоир М. Аминзода буда метавонад, ки дар васфи шумораи садумини ин гӯшаи ҳаҷвӣ бо унвони «Анбӯри»-и садум» таълиф намудааст. Дар шеър аз ҷумла омадааст:

Имрӯз ба майдон садум «Анбӯр» баромад,
Ҳар дафъа вай аз ҷадал зӯр баромад.
Табриккунон хизмати садбораи ӯро.
Овози мизоҷон ҳама ҷо ҷӯр баромад.
Аз рӯзи якум домони ҳиммат ба камар зод,
Минбаъд ҳам ӯ дода нишон ғайрати беҳад.
То ҳаст рақам, мекунад аз хеш паиҳам,
Аз нӯги хамир аст фатир ин рақами сад [10, с. 4].

Ин шеъри шоирро метавон боз чун як хитобномае ба омма шумурд, ки дар он ҳадафу нақшаҳои ояндаи «Анбӯр» ба таври возеҳ равшан баён гардидаанд. Аз замони таъсис то ба имрӯз-мегӯяд шоир, «Анбӯр» ба зидди норасоиву иллату дардҳои ҷомеа мубориза мебарад. Минбаъд низ ӯ бо ғайрати калон дар ин самт талош хоҳад намуд. Орзуи дарозумрии гӯшаро намуда, шоир ба он ишора менамояд, ки ин садумин шумора ҳанӯз аз нӯги хамир аст ва то рақаме ҳаст «Анбӯр» нашр мегардад.

Соли 1990 дар арафаи ҷашни 50-солагии нашрия «Анбӯр» номаи шодбошӣ нашр карда, бо бозгӯ намудани фаъолияти доманадори худ, ба хонандагон чунин муроҷиат намудааст: «Эй ҳаводорони ҳазлу мутоиба, масхараю истеҳзо, танқидҳои сермурчу қаламфур! Модом ки ба ман, «Анбӯр»-и ҳоҷатбарору тездандон имконияти сухан доданд, то кафк кардани даҳон ҳарф задан мумкин, лекин гапи бисёр ба кӣ даркор?» [153, с. 3].

Омӯзиши бастаҳои нашрия нишон медиҳанд, ки хонандагон тавассути мутолиаи гӯшаи «Анбӯр» бо нигоштаҳои ҳаҷвии публитсистону адибони маъруфи тоҷик Қурбон Баҳлулзода, Ҳоҷӣ Содиқ, Муҳиддин Аминзода, А.

Шукӯҳӣ ва дигарон ошноӣ пайдо намудаанд. Ба андешаи муҳаққиқи ҷавон П. Рустамова маводди гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз он далолат мекунад, ки ҳаҷвнависони вилоят дар атрофи «Анбӯр» гирд омада, асарҳои ҳаҷвию танқидӣ навишта, дар рушди ҳаҷви тоҷик саҳм гирифтаанд.

Дар заминаи гуфтаҳои мавсуф метавон чунин илова намуд, ки бешубҳа, гӯшаи «Анбӯр» бо он ҳама матолиби рангини хеш дар рушду такомули ҳаҷв ва анвои он нақши муассире гузоштааст. Омӯзиши «Анбӯр» бори дигар собит намуд, ки бештари навиштаҳои ҳаҷвии ин гӯшаи ҳаҷвӣ, ки ба мазаммат ва танқиди хулқу атвор, рафтору кирдори ношоям ва манфии ин ё он шахс нигаронида шудаанд, ки то ба имрӯз онҳо аҳаммияти ахлоқиву тарбиявии хешро гум накардаанд. Дар аксари навиштаҳо бо инъикоси иллату дардҳои ҷомеа муаллифон аслан, ба бартараф намудани нуқсонҳои ҷомеа ва норасоиҳои кишвар даъват намудаанд.

Ба вуҷуд омадани нашрияву маҷаллаҳои ҳаҷвӣ дар марҳалаҳои мухталиф дар садаи бист боис ба он гардид, ки ҳаҷви публитсистӣ бамаротиб рушд намояд. «Анбӯр» дар он замон чун яке аз гӯшаи ҳаҷвӣ зуҳур намуда, дар як муддати кӯтоҳ намунаи ибрат барои нашрияҳои дигар гардида буд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов бо таъсири маҷаллаи «Хорпуштак» дар аксари рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявӣ, қариб дар ҳама газетаҳои деворechi мактабҳои олӣ, миёна, корхонаҳои саноатӣ, идораҳои давлатӣ, гӯшаҳои ҳаҷвӣ ташкил карда шуд.

Омӯзиш нишон дод, ки «Анбӯр» бо матолиби ҷолибу рангини хеш дар он даврон миёни ҷомеа маҳбубият пайдо намуда будааст. «Анбӯр» ва шогирдону дӯстони ӯ дар он замон медиданд, ки мардум шабу рӯз ба такудав, мубориза барои зиндагии шоиста, задухӯрд, дасисаву ҳилла, нифоқу дурӯӣ, хушомаду дуруғгӯӣ машғуланд. Ҳамзамон, медиданд, ки он ҳама разоилу бадбахтиҳо ва амалҳои зишт чӣ гуна самарае ба бор меоваранду чӣ гуна нопойдору заволпазиранд. Аз ин лиҳоз, он ҳама афкори воло ва ҳадафи ниҳоии худро ба шакли навиштаҳои ҳаҷвӣ дарҷ намуда, сафҳаҳои нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод»-ро зинати маънавӣ

бахшиданд. Аслан, агар ба умқи навиштаҳои «Анбӯр» таваҷҷуҳ намоем, яқин мегардад, ки маҳз ҷанбаи ҳаҷвӣ матолиби онро хонданиву ҷолиб намудааст. Аммо, бо баррасии амиқи онҳо метавон хулоса кард, ки дар меҳвари он ҳама навиштаҳо як ҳадаф аст, ин ҳам бошад, талоше барои зиндагии шоистаи инсон мебошад. Табиист, ки ҳар навиштаи ҳаҷвӣ маъниҳои зиёдеро дар худ таҷассум менамояд ва инро танҳо дар ҳоле метавон дарк намуд, ки агар онҳо ҳамаҷониба мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор бигиранд. Дар матолиби ҳаҷвӣ метавон мушоҳида намуд, ки зиндагӣ ва мушкилоти он бо рангҳои гуногун ҷилвагар гардида, ҳар хонандаро ба андеша кардан водор менамояд. Ва ин андеша низ метавонад мухталиф бошад, зеро маърифату тафаккури ҳар инсон гуногун аст. Ин гуногунӣ боис мегардад, ки дар боби ҳар як навиштаи ҳаҷвӣ хонандагон андешаҳои мухталифе ҳосил намоянд. Аз нигоҳи дигар метавон ин навиштаҳои ҳаҷвиро чун ҳушдоре ба бархе нафарон шуморид, зеро чун дар баъзе аз нигоштаҳо бархе ашхоси бадсифат низ мавриди мазаммат қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, ин матолиби ҳаҷвиро чун даъват ба омма низ метавон ҳисоб кард, зеро бо инъикос ва мазаммати ахлоқи ношоиста ва амалҳои зишти бархе нафарон оҳанги даъват ба ислоҳ пурзӯр ба назар мерасад.

Гӯшаи «Анбӯр» ва матолиби ҳаҷвии он дар вусъати афкору густариши маънавиёти омма низ нақши барҷаста гузоштааст. Ва шояд маҳз бо дарназардошти ин матлаб аҳли эҷоди нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» таъсиси гӯшаи «Анбӯр»-ро иқдом намуда бошанд.

Воқеан, агар ба омилҳои таъсиси гӯшаи «Анбӯр» таваҷҷуҳ намоем, ба андешаи мо, он ҳама иртиботи нашрия бо хонандагони худ низ яке аз авомили муассир ба шумор меравад. Тавре сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, замоне, ки рӯзнома ба фаъолияти хеш оғоз намуда буд, мухбирону хонандагон новобаста аз таҳдиду вазъи замона ба рӯзнома ташриф оварда, дар бобати камбудиву воқеаҳои ҷомеа иттилоъ медоданд. Шояд маҳз зиёд будани камбудиву иллатҳои рӯзгор низ боис шуда бошанд, ки аҳли эҷоди нашрия ба таъсиси гӯшаи ҳаҷвӣ талош намоянд. Сониян, маҳз он рисолати

азалии нашрия, ки ҳамеша барои бартараф намудани муаммо ва мушкилоти ҷомеа низ боис гардида бошад, ки аҳли эҷоди он дар андешаи таъсиси гӯшаи ҳаҷвӣ афтоданд. Яъне, дарки рисолату масъулият дар назди ҷомеа ва мардум, дар назди таърих ва фардои кишвар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод»-ро водор намуд, ки пайи таъсиси гӯшаи «Анбӯр» иқдом намоянд.

Хулоса, таъсиси гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дар заминаи як қатор омилҳои муҳимми таърихӣ ва иҷтимоӣ ба вуқуъ пайваст. Аввалан, анъанаи ғании ҳаҷв дар фарҳанги тоҷик ва таҷрибаи муваффақонаи нашрияҳои ҳаҷвии пешин, аз қабили «Мулло Насриддин», «Шуълаи инқилоб» бо гӯшаи «Тозиёна» ва маҷаллаи «Ширинкор», заминаи мусоидро барои қабули ҳаҷв дар матбуот фароҳам оварданд. Дувум, афзоиши таваҷҷуҳ ба ҳаҷв дар матбуоти даврии тоҷик, бахусус дар рӯзномаи «Овози тоҷик», бо гӯшаҳои ҳаҷвии худ, нишон дод, ки ин жанр барои хонандагон ҷолиб ва муҳим аст. Сеюм, таъсири маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» дар сатҳи ҷумҳурӣ, ки маҳбубияти ҳаҷвро афзоиш дод, метавонист рӯзномаи маҳаллиро ба таъсиси гӯшаи ҳаҷвии худ водор созад. Чаҳорум, зарурати инъикоси мушкилоти иҷтимоӣ ва танқиди норасоиҳо дар ҷомеаи онвақта ҳаҷвро ба як василаи муассири ибрози афкор табдил дод ва «Анбӯр» маҳз барои ҳамин ҳадаф таъсис ёфт. Панҷум, ки роҳбарияти рӯзнома аҳаммияти ҳаҷвро дар инъикоси масоили муҳим ва ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон муҳим дарк намудаанд, ки дар бораи ин таъсиси гӯшаи ҳаҷвӣ «Кӯбак» ва баъдан «Анбӯр» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», аҳаммияти ин иқдомро тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ва саҳифаи «Анбӯр»-и он, бешак, ба шаклгирии анвои ҳаҷвӣ заминаи мусоид гузоштааст. Гӯшаи «Анбӯр» бо он ҳама матолиби рангину арзишманди хеш, пеш аз ҳама, дар ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ заминаҳои муътамаде гузошт, ки, бешак, шоистаи таҳқиқу омӯзиши ҷиддӣ мебошанд.

## 2.2. Таҳлили мундариҷавии матолиби гӯшаи «Анбӯр»

Матбуот аз замони пайдоиш то ба имрӯз чун василаи муассири таблиғу ташвиқ ва вусъати афкору ҷаҳонбинӣ шинохта шудааст. Дар ин майдони ҷилвагоҳи афкор матолиби рангину арзишманде нашр гардида, дар баробари огоҳонидани мардум бо дастоварду комёбиҳои соҳаҳои мухталиф дар ҷомеа ҳамзамон мушкилоту норасоиҳои он низ мунъакис мегарданд. Дар инъикоси мушкилоту норасоиҳои иҷтимоӣ анвои ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, нақши муассир доранд. Воқеан, тавре мушоҳида мешавад, анвои ҳаҷвӣ чун фелетону памфлет, луқмаву эпиграмма ва нақиза дар матбуоти даврии кишвар истифода мешаванд. Ин ҳама бесабаб нест, зеро маҳз жанрҳои ҳаҷвӣ василаи хуби баёни норасоиҳо ва камбудиҳои ҷомеа ба шумор рафта, унсурҳои ҳаҷвӣ чун тамасхуру киноя, пичинг ва мазаммат дар ин жанрҳо бо мавқеъ истифода бурда мешаванд. Мо дар ин қисмати рисола бархе аз матолиби ҳаҷвиеро, ки дар гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») нашр гардидаанд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, то ҳадди имкон дар мавриди сабку шеваи нигориши онҳо ибрози назар хоҳем намуд.

Дар боби ҳаҷв ва вежагиҳои он муҳаққиқони зиёде андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Чунончи, М. Тӯраев иброз медорад «танз бар шӯхию ханда аст, аммо ин ханда шӯхию шодмонӣ нест, хандаест талху ҷиддӣ ва дарднок ва ҳамроҳ бо сарзаниш ва саркӯфту камобеш зананда ва нешдор, ки бо эҷоди тарсу бим хатокоронро ба хатои худ мутаваҷҷеҳ месозад ва айбу нуқсонҳоро, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ падид омадааст, бартараф мекунад» [169, с. 8].

Бешак, ҳар навиштаи ҳаҷвӣ бо он ки завқе мебахшад, ҳамзамон таваҷҷуҳи оммаро ба иллату норасоиҳо ҷалб менамояд. Зимни таҳлилу баррасии матолиби гӯшаи «Анбӯр» мо ин нуктаро зиёд мушоҳида намудем. Ба хотири тақвияти андешаҳои худ чанде аз навиштаҳои ин гӯшаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Аз мутолиа ва баррасии матолиби ин гӯша мушоҳида гардид, ки дар он бештар масоили иҷтимоӣ,

маишӣ, ахлоқӣ ба таври доимӣ инъикос гардидаанд. Дар бештари нигоштаҳо масоили маишӣ чун хидматрасонии пешхизматон дар ошхонаву чойхонаҳо мавриди таваҷҷуҳи муаллифон қарор гирифтааст.Чунончи, дар навиштаҳои А. Насимӣ «То ба кай?», Р. Шокиров «Берунаш ҳой-ҳою дарунаш вой-вой», Қ. Йӯлдошалӣ «Айб не-мӣ?», Қ. Баҳлулзода» Дӯкони кӯтоҳметру ошхонаҳои дарозлапша», В. Хушвақтов «Худаш якта, ҷойи кораш сета», «Менюи абадӣ тағйирнаёбанда», Ё. Воҳидов «Баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад» ин мавзуъ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Масалан, дар навиштаи «То ба кай?» аз он сухан меравад, ки коркунони бисёр ошхонаҳо ва чайниҳои шаҳр ба истеъмолчиён хизмат накарда, таомҳои якхела мепазанд, ки онҳо ҳам аксар вақт бемаза мебошанд. Афисианткаҳо бошанд, ба клиентҳо ботезӣ хӯрок оварда надода, вақти онҳоро мегиранд. Номгӯйи таомҳо ҳафтаҳо тағйир намёбанд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин порчаи навишта муаллиф аз камбудиҳое чун сатҳи пасти хидматрасонӣ, пешниҳоди таомҳои якхела, ҳафтаҳо тағйир наёфтани номгӯйи таомҳо шикоят кардааст. Дар ин замина, бояд гуфт, ки чун факту далел ҷузъи муҳимми матолиби ҳаҷвӣ мебошанд, дар бештари онҳо иттилои тоза бартарӣ дорад. Аслан, умумигӯйӣ он қадар таъсиррасон нест, зеро ҳадаф нишонрас намешавад. Аз нигоҳи дигар метавон гуфт, ки баъзан ин шеваи баён низ ба манфиати кор аст. Тавре мушоҳида мешавад, дар ин навишта низ умумигӯӣ дида мешавад. Муаллиф бо баёни норасоиҳо дар ошхонаҳо қаноат намуда, возеҳу равшан ҳарф назадааст. Аммо, ҷиҳати хуби ин навишта дар он аст, ки масъулину мутасаддиёни ошхонаву чойхонаҳо чун ин навиштаро мехонанд, хоҳу-нохоҳ сари ин масъала андеша мекунанду дар ин самт чорае меандешанд. Аз нигоҳи сабку шеваи баён ва вежагиҳои анвои ҳаҷвӣ ин навиштаро метавон луқма пиндошт. Зеро дар он як навъ эътирози мизоҷ ба хидматрасонии ошхонаву чойхонаҳо мебошад. Эътироз кардан ё зид баромадан ба вазъу андешаву амалу рафтори баъзе нафарон яке аз вежагиҳои хоси жанри луқма ба шумор меравaнд. Аз тарзи навишти луқма маълум мешавад, ки дар он замон истилоҳи «чайни», ки маънои чойхонаро

дорад, маъмул будааст, ё ин ки танҳо барои ҷолиб гардидани навиштааш муаллиф онро истифода намуда бошад.

Мутолиа ва омӯзиши матолиби ҳаҷвӣ нишон дод, ки унвони бархе ҳаҷвияҳо низ ҷолиби диққат мебошанд, чунончи яке аз он навиштаҳои ҳаҷвӣ бо унвони «Айб не-мӣ?» нашр гардидааст, ки ҳар хонандаро бетараф гузоштан наметавонад. Бо таваҷҷуҳ ба нигошта маълум гардид, ки он низ ба масъалаи чойхона ва вазъи харобии онҳо бахшида шудааст. Навишта бо хитоб ба «Анбӯр» оғоз мешавад, чунончи: «Анбӯрҷон! Аз дидани ҳоли баъзе чойхонаҳои шаҳри Ленинобод кас ҳайрон шуда, ҳатто гиребонашро дошта: «ё алҳазар, ҳамин ҳам чойхона-мӣ? Мегӯяд. Қисса кӯтоҳ, ҳоли чойхона-қироатхонаи №2 артели «Тоҷикистони сурх» ана ҳамин хел аст. Ба палосҳои чиркини он нишастану дар пиёлаҳои серқадоқаш чой нӯшидани кас намеояд. Росташ ҳамин ки чашм ба афту андоми палосу чойнику пиёла афтад, дил беҳузур мешавад. Дар бораи корҳои маданӣ-равшаннамоӣ ҳоҷат ба баён нест» [31, с. 4].

Дар анвои бадеӣ ва ҳаҷвӣ тасвир яке аз рукнҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки дар аксари навиштаҳои ҳаҷвӣ маҳз тасвирҳои зебои «иллатдор» - навиштаро ҳамаҷониба рангину ҷолиб ва хонданӣ мегардонад. Масалан, дар қисмати аввали нигоштаи мавриди назари мо ба палосҳои чиркини он нишастану дар пиёлаҳои серқадоқаш чой нӯшидани кас ба тасвир омада, ҳатто чунин ишора шудааст, ки чашм ба афту андоми палосу чойнику пиёла афтад, дил беҳузур мешавад.

Ба андешаи мо, маҳз чунин шеваи равону таъсирбахш ва баёни ҷолиби мақсад метавонад муаллифро ба ҳадаф расонад. Дар идомаи нигошта муаллиф боз аз бемасъулиятии масъулини артел ёдовар шуда, чунин таъкид намудааст, ки артели «Тоҷикистони сурх» дар худи шаҳри Ленинобод кам не ғам не 20-то чойхона дорад, ки аҳволи онҳо аз якдигарашон бадтар. Правленияи артел бошад, барои андаке ҳам беҳтар намудани чойхона-қироатхонаҳои худ кӯшиш намекунад. Дар ин ҷо аз рӯйи мақоли «такка бошаду шир диҳад» амал мекунанд. Барои онҳо намуди чойхона, тозагии он аҳаммият надорад, даромад бештар рӯяд шуд.

Дар ин навишта, чунон ки маълум гардид, бо тасвири вазъи чойхона ва тозагии он муаллиф хостори ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намудани масъулин гардидааст. Навиштаи мазкур чун вежагиҳои хоси жанри луқмаро дорост, метавон гуфт, ки он луқма мебошад. Яъне, муаллиф ошкоро масъулинро дар бемасъулиятӣ айбдор намудааст. Нуктаи ҷолиб дар он аст, ки дар поёни ин луқма аз ҷаноби «Анбӯр» низ ҷавобия ва ҳамзамон пешниҳоди ҷолибе оварда шудааст, ки дар он чунин омадааст: «Аз Анбӯр: – Анбӯр ваколатдор аст ба раиси правленияи артел рафиқ Калонов савол диҳад: Айб не-мӣ? Магар аз ин чойхонаҳои бисёри бемаънӣ, чойхонаҳои ками бамаънӣ беҳтар нест?» [31, с. 4].

Зимни омӯзиши матолиби гӯшаи «Анбӯр» мушоҳида намудем, ки навиштаҳои зиёде дар мавриди камбудиву норасоиҳо дар ошхонаву чойхонаҳо маълумот додаанд. Ва ин ҳама норасоиву камбудиҳо ба қавле маншаи эҷоди чандин матолиби ҳаҷвӣ гардидааст. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки чаро ин қадар ба масъалаи ошхонаву чойхонаҳо гӯшаи «Анбӯр» таваҷҷуҳи зиёд намудааст? Дар ин маврид метавон гуфт, ки чун яке аз талаботи биологии инсон ин истеъмоли ғизо аст, аз ин лиҳоз, ҳамарӯза ба ошхонаву чойхонаҳо мардуми зиёде ташриф меоранд. Аз ҷониби дигар, чун ин ҷойҳо маконҳои серодам ба шумор меравand, аҳли эҷоди нашрия низ ба хотири дифои ҳуқуқҳои мардум ва пешгирӣ аз ҳолатҳои нохуш ба мушкилоту муаммои ин маконҳои хизматрасонӣ таваҷҷуҳи зиёд намудаанд. Ин таваҷҷуҳ ва баёни мушкилоти мавҷуда, пеш аз ҳама, танҳо ба хотири он сурат гирифтааст, ки он чойхонаву ошхонаҳо ба мардум дар сатҳи зарурӣ хидмат намоянду хӯрокҳои болаззату гуногун ҳамеша пешниҳоди омма гарданд. Яъне, ҳар яке аз ин навиштаҳо ҳадафи худро дорад ва ба хотири нишонрас гардидани мақсади хеш муаллифони навиштаҳои ҳаҷвӣ аз ҳама гуна шаклу анвои бадеӣ ба таври шоиста истифода намудаанд.

Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар баъзе навиштаҳои ҳаҷвӣ ҳатто муаммои рӯйхати таомҳо низ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Равшан аст, ки ҳар як ошхонаву чойхона рӯйхати таомҳои худро дорад. Аммо, зимни

таҳқиқоти гӯшаи «Анбӯр» дар кадом як ошхонае ин рӯйхат ҳаргиз тағйир намеёфтааст. Ин масъала дар яке аз навиштаҳои ҷолиби «Анбӯр», ки «Менюи абадӣ тағйирнаёбанда» унвон дорад, ин мавзуъ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Чунончи: «...Дар дунё чизе нест, ки тағйир наёбад, аз як шакл ба шакли дигар нагузарад. Ин дигаргуншавиро дар сари ҳар як қадам мушоҳида кардан мумкин аст. Вале чизҳое ҳам будаанд, ки тағйир намеёфтаанд. Ба ин менюи таомҳои чайнии №12-4 шаҳри Ленинобод мисол шуда метавонад. Зеро баробари ба ин ҷо омада, ба меню чашм дӯхтан иштиҳои ҳар як кас баста ва табъаш хира мешавад. Кӣ намехоҳад, ки ҳар рӯз таомҳои гуногуну болаззат нахӯрад? Ҳама мехоҳанд! Вале сад афсӯс, ки ин хоҳиш танҳо бо хоҳишаш боқӣ мондан мегирад ва ба гузашта рафтани ҳафтаю моҳҳо нигоҳ накарда, меню ихтиёри тағйир намекунад. Бинобар ҳамин, ба қавли муштарии доимии чайная, менюи ин ҷо «абадӣ» будааст ва ба тағйир ёфтани он умедвор шудан низ ҳоҷат надоштааст».

Нуктаи ҷолиби дигар он аст, ки муаллиф бо ишораи зебо, яъне кинояи бисёр нешдор навиштаро «Менюи абадӣ» ном гузоштааст, ки то андозае мазмуну мундариҷаи нигоштаро тасвир намудааст. Аз шеваи таълифи навишта бармеояд, ки муаллиф аз шеваи саволгузорӣ бештар истифода намудааст. Ба андешаи мо, ин ҳама як навъ таъкидҳои нишонрас аз норизоии муаллиф зи норасоии мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд ва ҳамзамон хонандаи навиштаро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша намоянд. Муаллиф бо маҳорати воло ва риояи эҳтироми инсон бо суханҳои «ширини» хеш муамморо инъикос намудааст. Ҳунари нигорандагии муаллиф маҳз дар он зоҳир мешавад, ки ӯ тавонистааст бидуни танқиду таҳқир ва суханҳои зишт танҳо бо истифода аз унсурҳои ҳаҷвӣ бавежа, кинояҳои нишонрас ҳадафи худро возеҳу равшан баён намояд. Дар идомаи навишта омадааст: «Агар се-чор моҳ пеш ягон одам ба ин чайная даромада, дар менюи он номи кадом таомҳоро хонда, аз хотир набароварда бошад, пас ӯ бо эътимоди комил омада, боз ҳамон хӯрокҳо - мастова, соус, лагмон ва палавро бо осонӣ ёфта метавонад.

Мастова аз «шоҳтаомҳо-и ин ҷо ҳисоб меёбад. Онро, чунонки дар рӯзгори тоҷикон расм шудааст, беҷурғот, тасаввур кардан мумкин нест, айнан мисли он, ки «гӯшт беустухону гул бехор намешавад». Лекин бо таклифи «навоварона»-и сарошпази чайная рафиқ Шарифов мастоваи беҷурғот, ки ба хеле сарфа намудани ҷурғот имконият дод, кайҳо боз ҷорӣ карда шудааст.

Ба трести хӯроки умумии шаҳри Ленинобод ҳуқуқ дода мешавад, ки ин таклифи «пурқимат»-ро дар дигар ҷойҳо ҳам «васеъ» ҷорӣ кунад, менюи ин чайная ва дигар ошхонаҳоро ҳаргиз тағйир надиҳад, ба талаю тороҷи гӯшт ва ғайра «роҳи калон» кушояд» [13, с. 3].

Дар ин луқма метавон гуфт, ки пичингу киноя нуфузи зиёде доранд. Масалан, дар фарҷоми навишта муаллиф ба таври равшан талаб менамояд, ки бигузор ин «навоварӣ» яъне «менюи абадӣ»-ро масъулини хӯроки умумии шаҳри Ленинобод ба таври васеъ ҷорӣ намоянду бемалол ба талаю тороҷи гӯшт ва масолеҳи дигар «роҳи калон»-е боз намоянд. Агар ба нозукиҳои маҳз ҳамин қисмати навиштаи мазкур таваҷҷуҳ намоем, дида мешавад, ки он ба жанри эпиграмма низ шабоҳат дорад. Ин шабоҳат бори дигар собит менамояд, ки анвои ҳаҷвӣ низ чун жанрҳои дигари бадеӣ анъанаи баҳамтаъсиррасонӣ ва баҳрабардорӣ аз ҳамдигарро низ доранд. Тавре омӯзиши гӯша собит намуд, бо тахаллуси «Анбӯр» навиштаҳои зиёде мушоҳида карда мешаванд ва яке аз онҳо ҳамин навиштаи мавриди назари мо мебошад.

Ин ислоҳи вазъ дар ошхонаву чойхонаҳо Анбӯрро он қадар ба ташвиш оварда буд, ки ӯ дар яке аз навиштаҳояш, ки «Табрикҳои солинавии Анбӯр» унвон дорад, бемасъулиятии роҳбарони тресги хӯроки умумии шаҳри Ленинободро зери тозиёнаи танқид гирифта, мегӯяд, ки дар соли 1957 арзу шикоятҳои меҳнаткашон аз гӯши росташон даромада, аз гӯши чапашон баромада рафтааст. Дар охири мавод, анбӯр таъкид медорад, ки агар дар соли 1958 (албатта, ҳамроҳи мудири шуъбаи савдои вилоят муҳтарам Муаттархон Аҳмедова, директорони савдои омехта Ҳайдар Ёқубов) дар ошхонаҳои озодаю дилкаш вохӯрем, шӯрбою мастобаҳои

талху тунд, шавлаю ширбиринҷи бомаза, кабобу тушбера, мантую санбӯсаи болаззат, палавҳои сергӯшту равған хӯрем, бо савобаш, кӣ мерасад?

Зимни омӯзишу баррасии матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» метавон услубу сабку шеваи гуногуни тасвирро мушоҳида намуд, ки таҳқиқоти ҷиддиро мехоҳанд. Гуногунрангӣ дар матолиби ҳаҷвӣ ба таври барҷаста мушоҳида мешавад. Чунончи, ҳама дар андешаи он ҳастанд, ки яке аз вежагиҳои хоси матолиби ҳаҷвӣ танқиду мазаммат кардан аст, аммо тибқи мушоҳидаҳои мо дар баъзе аз навиштаҳои ҳаҷвӣ ҳам таъриф ва ҳам танқидро дидан мумкин аст. Аҷиб он аст, ки унвони навишта худ ҷавобе ба ин андешаҳои мост, ки он «Баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад» ном дорад. Ин навиштаи ҳаҷвӣ бо таърифи яке аз чойхонаҳои шаҳр оғоз меёбад, ки чунин аст: «Ба зиммаи коркунони хӯроки умумӣ талаботи калон гузошта шудааст. Онҳо ба меҳнаткашон ба таври маданӣ хизмат расонида, хӯрокҳои болаззат тайёр мекунанду бо ин вазифаи худро сарбаландона ба ҷо меоранд. Дар ин рӯзҳо садҳо меҳнаткашон аз хизматрасонии маданӣ ва маишии коркунони хӯроки умумӣ миннатдор мегарданд. Касе агар бо иштиҳои хуб ба ошхона ё ки чайниҳо дохил шаваду ӯро меҳмоннавозона пешвоз гирифта, бо хӯрокҳои хуштамъ ва болаззат таъмин намоянд, чигуна вақти ӯ чоқ мешавад. Ҳамин тавр, коркунони ресторани «Сирдарё», ошхонаи назди комбинат аз тахти дил хизмати маданӣ мерасонанд. Кас дар ин ҷойҳо хӯрок хӯрад, соате ҳисоби истироҳат кардагиро ҳам меёбад» [18, с. 4].

Ин шеваи нигориши матолиби ҳаҷвӣ дар назари аввал воқеан, бароямон аҷиб намуд ва ба осори ҳаҷвии гузаштагонамон рӯй овардему бад-ин шева баён намудани матлабро ҷӯё шудем. Тавре аз таваҷҷуҳ ва омӯзиши осори ҳаҷвии классикӣ равшан гашт, дар рисолаи «Даҳ фасл»-и Убайди Зоконӣ ин шеваро мо мушоҳида намудем. Дар ин асар бархе калимаҳо ба маънии аслии мусбаташон шарҳу эзоҳ дода шудаанд, аммо дар асл он ҳама кинояву пичинги тамасхуромезанд. Ба хотири тақвияти фикри худ чанд намунае аз ин асар меорем.

«Ал-дунё – он чи ҳеҷ офарида дар вай наосояд.

Ал-адл – он ки ҳаргиз рост нагӯяд» [20, с. 48].

Бад-ин шева пешниҳод намудани матлаб, ба андешаи мо, аз чанд ҷиҳат муфид аст:

1. Бо ин шева оғоз намудани навиштаи ҳаҷвӣ аз он ҷиҳат писандида аст, ки муаллиф дар қиёс мақсаду мароми хешро баён менамояд ва ин қиёснамоӣ чун як таъкиди нишонрасе ба мухотабони навишта мебошад.

2. Бо ин шеваи нигориш муаллиф гӯё ба мухотабони худ мурочиат карда, таъкид менамояд, ки чаро дар ин чойхона сатҳи хизматрасониҳо ба дарачаи зарурӣ аст, аммо дар шумо на?

3. Ин шаклу услуби нигориш ҳамчунин як навъ ҷавобест ба он муассисаҳое, ки аз ин навишта шояд биранҷанду изҳори нигаронӣ намоянд.

Пас аз тавсифу ситоиши зиёд баъдан, муаллиф ба асли мақсад мегузарад ва чунин мегӯяд: «Вале афсӯс, дар баъзе ошхонаҳо ва чайниҳо акси ҳолро мушоҳида менамоем. Чайниҳои назди комбинати консервбарорӣ мувофиқи талаб хизмат намекунанд. Вақте ки ба ин чайниҳо дохил шудед, беихтиёр иштиҳоятон баста мешавад. Чунки аз ифлосии бино ва сусткории офитсианткаҳо (пешхидматон) нафаси кас ба ҳалқ меояд. Дар назди ҳар як стол одамон ба навбат меистанд. Дастурхони рӯи столҳо ранги муқаррарии худро аз чирк иваз кардаанд. Ҳар чи ҳам бошад, вақтро аз даст надода, хӯрок хӯрдан лозим меояд ва мепурсед:

– Хуб, чӣ авқоти бомаза доред? – Ба меню нигаред!

– Ба мо гӯшту картошкабирён биёред? – Ин ҳам нест!

– Хуб, чӣ ки бошад, онро биёред? – Майлаш.

Баъд аз гузаштани якчанд дақиқа хӯрокро хӯрда, аз як бори ниҳоят вазнин халос шудагӣ барин баромада меравед. Ана, дар ҳамин чайниҳо наход дар вақти тайёр кардани хӯрок ба менюҳо назар накунанд, ё ки хӯрокҳои дар меню навишташуда дар бадали ним соат ба охир расад? Офитсианткаҳо дар хизматрасонӣ ба шахсони хӯрокфармудаистода нигоҳ карда, «хизмат» мерасонанд» [18, с. 4].

Дар маҷмуъ, бо чунин шеваи баёни фикр на танҳо тамасхуру кинояи зиёди муаллиф эҳсос мегардад, балки нафрати ӯ ба камбудиҳои иҷтимоӣ бештару ҷиддитар ҷилвагар мегарданд. Бо тасвирҳои муассир инъикос гардидани шароити номусоиди чойхона, бешак, на танҳо масъулинро, балки хонандагони одиро низ ба андеша намудан водор менамояд.

Бо таҳлилу баррасии ин навиштаҳои ҳаҷвӣ метавон чунин илова намуд, ки чун дар он замон мардум бештар ба чойхонаву ошхонаҳо мерафтанд ва чун онҳо макони фароғативу истироҳатии аксарияти мардум буданд, шояд аз ин лиҳоз, ин қадар ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Ҳамзамон чун саломатии инсон, пеш аз ҳама, аз тарзи дурусти истеъмоли таомҳо вобаста аст, «Анбӯр» ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ин амали «Анбӯр» ба андешаи мо, аз чанд ҷиҳат судманд буд, зеро чун дар ҳар шумораи ин гӯша аз сафари «Анбӯр» ба ин ё он шаҳру ноҳия маълумот дода шудааст. Ин ҳолат метавонад, масъулини навоҳӣ ва шаҳрҳои дигарро ҳушдор бидиҳад, ки онҳо низ ин меҳмонро рӯзе интизор шаванд. Тавре мушоҳида гардид, «Анбӯр» рӯзе ба ноҳияи Ашт ба меҳмонӣ меравад ва он ҳамаро дар яке аз навиштаҳояш, ки «Ташриф овардани Анбӯр ба райони Ашт» ном дорад, муфассал баён намудааст. Гушаи «Анбӯр» дар ибтидо дӯстони аштии худро тавсиф намуда, онҳоро дӯстони деринаю бақуввати худ мешуморад. Ӯ таъкид медорад, ки ҳар боре, ки муваффақиятҳояшонро шунавам, қариб шодикафак мешавам. Ана, имрӯзҳо аспи ғайрати онҳо ба сӯйи марраи якуми пахтасупорӣ чорхез гирифта истодааст. Камина амин аст, ки пахтакорони забардаст дар рӯзҳои наздик марраи якумро ба ақиб гузошта, ба марраи дуюм – уҳдадорӣ низ чанд қадами рустамона пеш мегузоранд.

Пас аз тавсифу ситоиш муаллиф ба асли мақсад мегузарад ва он ҳама сарварони ноуҳдабаро ва бемасъулиятро зери тозиёнаи танқид гирифта, хитоб менамояд, ки «дар район колхозҳое ҳам кам нестанд, ки дар мусобиқаи шармандагӣ якдигарро ба як нӯл мегурезонанд. Роҳбарони онҳо ба рӯй пӯстаки куҳна кашида, ба ҳавои «кор бошад айёру ош бошад тайёр»

ҷилва карда гаштаанд. Инак, омадаам гӯши чапи онҳоро сахтакак тоб дода, ба пӯстинашон кайк дораму гӯям: айбу номусро мефаҳмед ё не?»

Тавре аз баррасии навишта бармеояд, «Анбӯр» ба хотири ошноӣ бо вазъи саҳро ва майдонҳои пахтазор аз чанд хоҷагӣ дидан менамояд. Пас аз сайри пахтазор – мегӯяд «Анбӯр», дохили маркази район шудам. Бале бо каҷҷу килебҳои бисёре дакка хӯрда, димоғам сӯхту табъам хеле гирифт кард. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, дар пешонаи дари ягон идораю ташкилот лавҳаи гӯё навишта шударо нахондам» [9, с. 2].

Ҷолибии нигоштаи мазкур дар он аст, ки муаллиф раҳоварди сафари худро ба таври муфассал баён намуда, хонандаро ҳамсафари худ гардонидааст. Ин шеваи нигориш сафарномаи маорифпарвар Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро»-ро ба ёд меоварад, ки ҳангоми дидани манзараҳои зебо ва мактабу донишгоҳҳои боҳашамат дар Аврупо орзуи онро мекунад, ки кош дар кишвари мо низ чунин биноҳои боҳашамат бунёд мегардиданду ҷавонони зиёде ба таҳсил фаро гирифта мешуданд. Яъне, нуқтаи назари интиқодии муаллиф бо василаи баёни ободиву шукуфоии соири кишварҳои Аврупо баён гардидааст, ки бо ин васила таваҷҷуҳи масъулинро ба муаммоҳои мавҷудаи кишвар ҷалб намудааст. Дар ин навишта низ муаллиф танҳо воқеияти ҳолро тасвир карда, тавассути аносири ҳаҷвӣ матлаби худро возеҳу равшан баён намудааст. Дар идома муаллиф аз вазъу сатҳи хизматрасонии меҳмонхонаи ноҳия нақл менамояду аз суҳбат бо корманди он ёдовар мешавад ва чунин мегӯяд, ки пас аз он ки «бо чӣ азобу машаққат дари меҳмонхонаро ёфта гирифтам, ҳанӯз аз дари меҳмонхона надаромада, мизбоне пурсид:

– Шумо барои хоб кардан омадед?

– Ҳа, набошад барои бедор шудан меомадам-мӣ?

– Ин тавр бошад, чаро ҳамроҳатон лӯла наоваред?

– Магар ба меҳмонхона лӯла меоваранд?

– Лӯлаҳои ин ҷо бо лӯхтакҳо қоим аст. Ба ҳар навъ шумо калонсол...

– Не, мо ҷой бошад, – белӯла ҳам хоб кардан мегирем.

– Барои чӣ графину стакан ё пиёла навардед? – боз пурсид мизбон.

– Шумо маро кӣ хаёл кардед? – пурсидам дар навбати худ-ман анборчии меҳмонхона нестам, ман меҳмонам.

– Ташна монед аз мо гила накунед, – гуфт мизбон.

Дар ҳақиқат, дере нагузашта пушаймон шудам, ки чаро ғами худро нахӯрда омадаам. Дилтанг шудаму дар кофтукови ягон намуди бозии дилкушо шудам. Аммо меҳмонхона аз намуди бозӣ қимоб будааст, ба замми ин карнайи радиоаш тимоқ будааст».

Ҳунари нигорандагии «Анбӯр»-ро наметавон эътироф накард, зеро он тавониста, ки мушкиливу норасоиҳоро чунон зебо тасвир намояд, ки на танҳо хонандагони нашрия, балки масъулини соҳаро низ аз хоби гарон ба қавле бедор намояду водор созад, то дар ин самт чораву тадбире анҷом бидиҳанд. Ҷолибии навишта боз дар он аст, ки муаллиф ба пайванди фикру андеша низ таваҷҷуҳ намудааст. Чунончи, ҳангоми дар меҳмонхона будан «Анбӯр» аз фаъол набудани радио ёдовар мешавад ва пас аз он ба масъалаи фарҳангиву маданӣ эътибор медиҳад. «Анбӯр» хеле ҷолиб таъкид менамояд, ки «карнаи радиоаш тимоқ будааст. Қарор додам, қусури ин бадбахтиро ба Хонаи маданияти район рафта барорам. Афсӯс, ки ба бинии зулфайни дари Хонаи маданият қулфи нимтоннагие овезон буд.

Ровиёни ахбор гӯшрас карданд, ки ин дар ба ҳамин қулф васиқа карда дода шудааст, то бинои нави Хонаи маданият ба кор даромада, даъво накунад, васиқа бекор карда намешудааст. «Қадами номубораки Маҳмуд гар ба дарё расад, барорад дуд» гуфтаму роҳи бозори колхозиро пеш гирифтам. Бештар аз сад дақиқаи вақтам ба кофтукови бозор сарф шуд. Ҳангоме ки дар суфачае нишаста, обилаҳои кафи поямро аз назар мегузаронидам, шахсе дар дасташ чароғ пайдо шуд.

– Ба шумо ягон гап шудагӣ-мӣ, дар рӯзи равшан бо чароғ гаштед?- гуфтам.

– Ҷӯраҷон, бозорро кофта гаштаам, – ҷавоб дод».

Тавре дида шуд, дар ин сафари «пурсамар» «Анбӯр» мушкилу норасоии ноҳияро ба гунаҳои мухталиф тасвир намуда, ба масъулину мутасаддиён ҳушдори ҷиддие намудааст. Дар ин раҳоварди сафари

«Анбӯр» якбора панҷ мушкилоти мавҷудаи ноҳия тасвир шудааст ва он ҳамаро ба он шакле пешниҳод намудааст, ки наметавон онро рад ё инкор намуд. Таъкиди ҷолибу ҳамзамон таассуфангези муаллиф, ки «бештар аз сад дақиқаи вақтам ба кофтукови бозор сарф шуд», бешак, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Аз назари аввал, агар ин ҷумла танҳо инъикоси воқеият бошад, аз нигоҳи дигар, он норизоии муаллиф аз вазъи мавҷуда аст, ки бо шеваи зебову рангин тасвир намудааст. Хуллас, ба ибораи дигар, навиштаи мазкур бо инъикоси масоили доғи рӯзи ноҳия муҳиммият ва зарурати бартараф ва рафъ сохтани мушкилоту норасоиҳоро бо шеваи гуногун таъкид намудааст.

Суруду мусиқӣ василаи хуби фароғату истироҳати омма ба шумор меравнд. Таърих гувоҳ аст, ки аз азал мардуми тоҷик ба суруду мусиқӣ таваҷҷуҳи махсус доштанд ва дар лаҳзаҳои фароғату истироҳат аз онҳо васеъ истифода менамуданд, бою рангин будани эҷодиёти даҳанакии халқ далели ин гуфтаҳои мо буда метавонад. Тавре раванди омӯзиш нишон дод, «Анбӯр» низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Пас аз мутолиаи чанд навиштаҳое, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, суоле моро дар ҳайрат мегузошт, ки чаро ба ин масъала «Анбӯр» низ таваҷҷуҳ намудааст? Чӣ зарурате буд, ки ин масъала мавриди ҳаҷву мазаммат қарор гирад? Пас аз мутолиаи навиштаҳо мо ба ин суоли худ ҷавобе пайдо намудем ва он ҳам ҷавоби эътимоднок аст. Ба ин суоли мо худи «Анбӯр» хеле возеҳу равшан ҷавоб гуфтааст, ки дар оғози навиштаи «Анбӯр» аз кӣ кам?» оварда шудааст. Аз мавҷудияти баҳсу мунозира ёд намуда, муаллифи навишта чунин иттилоъ медиҳад: «чандест, ки дар атрофи музика баҳсу мунозираҳо монанди кӯраи оҳангар метафсанд. Албатта, Анбӯри кунҷкоб аз чунин як мунозираи фоиданок дар канор монданро ба шаъни худ раво намебинад. Охир Анбӯр аз кӣ кам аст? Инак, Анбӯр ҳам дасту остин барзада, ба майдони мунозира мефарояду «аз нӯги хамир фатир!» гӯён, ана ҳамин якчанд латифаро, ки ба музикаю музикачиён бахшида шудаанд, манзури назари хонандагон мегардонад». Дар идома се латифае оварда шудааст, ки ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Яке аз онҳо, ки «Аз инаш зиёду аз

онаш кам хонад» ном дорад, чунин омадааст: «- Даққи рӯз дар тангкӯча ду кас рӯ ба рӯ шуданд, ки аз мӯйи сар то нӯги нохуни пойи яке ба обу арақ ғарқ шуда буд. Ӯ приёмники аз дӯкончаи обфурӯшӣ андак хурдро ба ёнбош гирифта меомад.

– Ба хайр ҷӯра? Чӣ шуд, ки дар ҳамин ҳавои гарм ин гунбази гаронро пуштора карда баровардед?

– Ба усто мебарам, – ҷавоб дод ӯ.

– Сулфа ё атса шудааст, ё вараҷа?

– Аз ин ҳам бад, – оҳ кашид приёмникбардор.

– Аз ин фақат ҳамон оҳангҳоро мешунавам, ки композиторҳо аз нав кору дарди бедаво кардаанд. Бурда истодаам, ки усто ягон ҳисоб ёбад, ки аз аслиаш зиёду аз кор кардашудааш кам хонад.

– Касалии приёмники ман ҳам аз қабили ҳамин – гуфт дигаре аз бағал приёмники аз қуттии гӯгирд андак калонтарро баровард. Инро ба дигараш алиш кардани ҳастам, ки оҳангҳои касмашунави «Заррагул», «Ман намедонам чӣ ном дорад» ва ғайраро нашунавонад» [21, с. 4].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин латифа, аслан, сухан дар бораи чанд сурудҳое, ки ҳамарӯза тариқи радио шунавонида мешаванд, рафтааст. Ҳадафи муаллиф низ дар он аст, ки ӯ ҳамарӯза такрор гардидани он сурудҳоро маҳкум намудааст. Нуктаи ҷолиби ин латифа дар он аст, ки муаллиф Р. Мирҷалол воқеиятро бо бадеият омезиш дода, саҳнае офаридааст, ки бешак, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Дар ин латифа муаллиф аз унсурҳои ҳаҷв чун кинояву пичинг ба таври шоиста истифода намудааст.

Истифодаи боз чунин як саҳнаи аҷибро дар латифаи дигаре, ки боз ба масъалаи суруду мусиқӣ бахшида шудааст, таваҷҷуҳ намудем. Дар он ки «Қасам медонам, ки нахонад» ном дорад, чунин омадааст: «Сартарош риши ҳофизи радио Бобохӯҷаевро метарошид. Дар ҳамин вақт овози навишташудаи Бобохӯҷаев аз радио шунида шуд. Сартарош тозон рафта, радиоро кашида партофту гуфт:

– Афсӯс, ки як бор ба дастам нафаромада истодааст.

– Чӣ мекардед? – пурсид оҳиста ҳофиз, ки ранги рӯяш мепарид.

– Ба гулӯяш покуро монда, қасам мехӯрондам, ки дигар ҳамин хел ашӯлаҳоро нахонад. Бобохӯҷаев шукр мекард, ки сартарош ӯро намешинохтааст» [21, с. 4].

Чунончи, ба назар мерасад, дар латифаи мазкур муаллиф ишораи зебое ба он менамояд, ки гӯё аз шунидани сурудҳои такрор ба такрори Бобохӯҷаев ном ҳофиз мардум изҳори нигаронӣ намудаанд. Ҷолибии ин латифа низ дар ҳамин аст, ки муаллиф дар симои сартарош гӯё оммаро тасвир намудааст. Дар ҳар сурат метавон гуфт, ки муаллиф бо тасвири саҳнаи аҷоиб ба ҳадаф расидааст.

Чунин баёни матлаб, воқеан, аз ҷониби Р. Мирҷалол, ки муаллифи ин латифаҳо мебошад, хеле ҷолибу рангин аст. Нуктаи ҷолиби латифа дар он аст, ки донишҷӯ аз ҳофиз танҳо барои он миннатдорӣ менамояд, ки чун ӯ суруд хонданро оғоз менамояд, радио низ хомӯш мешавад ва ӯ бемалол дарсҳояшро такрор менамояд. Яъне, муаллиф бо шеваи бисёр ҷолиб ва боадабона ҳадафи худро баён намудааст. Ин сухандониро метавон бо он исбот намуд, ки муаллиф метавонист ошкоро бигӯяд, ки фалон ҳофиз хуб суруд хонда наметавонад, аммо мавсуф ин корро накарда, бо василаи латифаҳои ҷолиб ҳадафи худро баён намуд, ки шояд ба қаҳрамон низ сахт таъсир накунад. Агар ба нозукиҳои анвои ҳаҷвӣ эътибор диҳем, метавон гуфт, ки ин латифаҳо, аслан, эпиграмма мебошанд. Зеро дар онҳо дар оғоз қаҳрамон ситоиш карда мешавад, баъдан дар анҷом ҳадафи муаллиф возеҳ мегардад. Аз ин ҳама метавон чунин хулоса баровард, ки муаллиф бо нозукиҳои анвои ҳаҷвӣ хуб ошно буда, то ҳадди имкон ба хотири тақвияту таъсирбахшии афкору андешаи худ аз саҳнаҳои тахайюлӣ ба-мавқеъ истифода намудааст. Аз ҷониби дигар, таваҷҷуҳи «Анбӯр»-ро ба масъалаи суруду мусиқӣ метавон як навъ ҳушдорӣ ба масъулини соҳаи фарҳанг шумурд, зеро воқеият ҳамин аст, ки ҳаҷв худ аз худ пайдо намешавад ва он дар худ ҳеҷ набошад заррае ҳақиқат дорад.

Раванди омӯзиш нишон дод, ки боз навиштаи дигаре зери унвони «Рӯйи пул гарм» дар «Анбӯр» нашр гардидааст, ки дар мавриди Насимов

ном ҳофизе маълумот медиҳад. Дар оғози он чунин оварда шудааст, ки чандест ҳофизи радио Насимов дар байни аҳолӣ ҳамчун сарояндаи сурудҳои дилчаспу форам шуҳрат пайдо карда монд. Вале, чӣ хеле ки «фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад» мегӯянд, таърифу тавсифҳо ба ӯ вазнинӣ карданду пою қадамаш ҳам ҳамоно дигар шудан гирифт. Насимов таклифҳои чанде аз тӯйдоронро, ки ба ӯ аз маблағҳои бе меҳнати ҳалол пайдонамудаи худ пулҳои калон ваъда мекарданд, хандону шукуфон қабул мекарду метасфонд.

Дар қисмати муқаддимавӣ тавре ба назар мерасад, муаллиф дар мавриди ҳофиз Насимов маълумот дода, ба он ишора менамояд, ки пас аз он ки ин ҳофиз машҳур шуд, танҳо ба ивази маблағҳои калон ба тӯю маъракаҳои мардум рафтанӣ мешавад. Ба ин одати ҳофиз таваҷҷуҳ намуда, муаллиф дар идома чунин воқеаеро нақл менамояд, ки «рӯзе аз рӯзҳо воқеае рӯй дод, ки ба сӯхтани димоғи ҳофиз сабаб шуд. Яке аз рафиқони деринаи Насимов ба назди ӯ омада гуфт:

– Ҷӯра, мо фалон рӯз тӯй карданӣ. Як ошногӣ карда, марҳамат менамоед-дия.

– Хуб, мебинем, агар ягон… – дугумона шуд ҳофиз.

– Мебинем нашавад, – гуфт тӯйдор ва фаҳмид, ки «дар таги коса нимкоса» будагӣ барин, илова кард:

– Шуморо хушку холӣ гусел намекунем: панҷсад сӯм пул ҳаққи ҳалоли шумо.

– Хуб, майлаш, ҳеҷ гап не, – табассум кард ин навбат ҳофиз. Соате нагузашта тӯйдори дигаре омад ва Насимовро боз ба худи ҳамон рӯз ба тӯйи худ таклиф кард ва ваъда намуд, ки як ҳазор сӯм хоҳад дод. Инро шунида, оби даҳони ҳофиз рафту ба ҷойи он ки «ман ба шахси дигар ваъда додам» гӯяд, таклифи тӯйдорро қабул кард. Рӯи пул гарм-дия, зормонда!».

Дар ин навишта муаллиф М. Бадриддинов ҳарису пулдӯстдории ҳофизро нишон доданӣ шуда, аз ҳодисае ёдовар мешавад, ки дӯсти Насимов аз ин ваъдахилофии ӯ воқиф гардида, андешаи гирифтани қасдашро менамояд. Ба як дӯсти наздикаш мефармояд, ки Насимовро гӯё

ба тӯйи худ хабар намуда, ду ҳазор сӯм ваъда кунад ва ҳофиз, ки розӣ шуд, дар рӯзи тӯй рост ба ин ҷо гирифта оварад. Баъдан, «ҳамин тавр карданд. Рӯзи тӯй ҳарчанд аз ин «найранги» рафиқон табъи латифи Насимов аввал каме коҳида бошад ҳам, сонитар аз бӯйи маю иззату икроми меҳмонон сархуш гардида, ашӯлаҳояшро хондан гирифт. Ӯ мехонду аз панҷию даҳӣ кашида, то панҷоҳию садии меҳмонон нисори сари Насимов ва ҳамроҳони ӯ мешуданд. Дар айни ҷӯшу хурӯши базм ба Насимов хабар доданд, ки дар берун ӯро ду-се нафар мепурсанд. Насимов ба берун баромада, тӯйдори як ҳазор ваъдакардаро шинохт.

– Э, одам набудед-ку! Ман банд гӯед намешуд-мӣ? Охир, тухми шумо мардум аз Бағдод наомадааст-ку! – дам нагирифта нафрат мебороданд омадагон. Аз тӯйхона якчанд кас баромада, Насимовро базӯр аз ҷанҷол халос карданд. Чун охири тӯй вақти «ҳисобу китоб» расид, соҳиби тӯй аз Насимов пурсид.

– Аз меҳмонон чанд пул даромад шуд?

– Ду ҳазор, – ҷавоб дод ҳофиз мақсади саволро нафаҳмида.

– Канӣ, ин ҷо диҳед-чи!

Соҳибхона дастаи калони пулҳоро як-як шумурда, аз он панҷсад сӯми ваъдакардаашро ба Насимов ва ду нафар ҳамроҳаш доду бақияи пулро, ки пешакӣ ба меҳмонон барои тасфондани базм дода будааст, ба кисаи худ андохта: – Хуш омадетон! – гуфт ӯ бо тамасхур. – Вале фаромӯш кардан лозим нест, ки ба одам, пеш аз ҳама, лафзи ҳалол даркор».

Ин матлаб ҷавобгӯйи талаботи жанри памфлет буда, дар он амалу андешаву афкори манфӣ мавриди мазаммат қарор гирифтааст. Дар навиштаи зерин хислату характер ва амали ношоистаи ҳофиз нақл гардидааст, ки ин шева яке аз вежагиҳои хоси памфлет ба шумор меравад. Чунончи, ба андешаи назарияшиносон яке аз ҷиҳатҳои фарққунандаи фелетон аз памфлет дар он аст, ки агар памфлет, асосан, ба воқеаҳои иҷтимоиву сиёсӣ сару кор гирад, фелетон, ба хислату характер ва амали ношоями шахс далолат мекунад.

Яке аз муаллифони доимии «Анбӯр» Ҳоҷӣ Қурбон дар навиштааш «Мантуи бе ману ту» дар мавриди мантупазон ёдовар шуда, чунин нақл менамояд, ки «ҳамин тобистони дароз Ғафуров ва Ашӯров ном касон дар яке аз чайниҳои дар боғи маданият ва истироҳати шаҳрбудаи хӯроки умумии Ленинобод мантупазӣ карда, аҳолиро каму беш аз хӯроки пиёзин таъмин карда гашта буданд. Вале ҳамин ҳам ба миҷози сардори шуъбаи хӯроки умумӣ рафиқ Темуров нафорид...

Ровиён ривоят мекунанд, ки Темуров як-ду маротиба ба сари деги манту омада, суханпардозӣ намуд ва «Шумо ҳисоби коратонро намедонед! Ҳамин тавр, мантухонаи сердаромадро ба дастатон супурда монаму боз кӯрнамакӣ мекунед!» – гуфта, бо ангушти ҳила гулӯяшро мехорид. Ӯ «мантуи бе ману туро ба сарам мезанам-мӣ?» гӯён ба дари мантухонаи ягонаи шаҳр қулфи якзамбараи шахсиятро заду Ғафуров ва Ашӯров барин одамони ба кас фоидаш «намерасида»-ро аз боргоҳи хӯроки умумӣ бароварда ҳай кард.

Меҳнаткашони шаҳр ҳаққонӣ мепурсанд: «Хайр, Ғафуров ва Ашӯров одамони бад бошанд, пас мантухонаҳо дар ҳаққи нури дидаи Темурхон-тӯрам чӣ бадӣ карданд, ки қулфи аз падарашон мерос мондаро оварда, ба дари онҳо зада мондаанд?».

Ҳозир он кас дар курорт «маркабам аз лой гузашт, акнун ба ман ҳар ду самти дарё ҳам баробар» гуфта, сурудхонӣ карда гаштаанд.

Мо фикр мекунем, ки сардорони маъмурияти савдои омехтаи вилоят барои беҳтар намудани кори хӯроки умумии шаҳр, ки ошхонаҳои вай аз касалии тайёр намудани хӯрокҳои якхела халос нашудаанд, «биё, ману ту ҳам ягон кори нав барорем» мегуфтагистанд?

Дар ин матлаб муаллиф дар бобати хидмати хирсонаи Темуров ном шахс иттилоъ медиҳад, ки ба хотири фоидаи худ ба баъзе мантупазон халал расонида, онҳоро аз ин амалашон боздоштааст. Аз ҷиҳати аломатҳои жанрӣ метавон ин навиштаро фелетон шумурд, зеро дар он кору пайкори як нафар қаҳрамон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо, нуктаи ҷолиб дар он аст, ки дар ин ва бархе навиштаҳои ҳаҷвии «Анбӯр»

ибораҳои «Ровиён ривоят мекунанд», «Ровиёни ахбор» ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ба назар ҷолиб менамоянд. Бо таваҷҷуҳ ба таърихи адабиёт маълум гардид, ки аслан, ин анъана дар адабиёту фолклори тоҷик роиҷ мебошад, ки бештар дар ибтидои асару достонҳо ин ибораҳо ва чанди дигар мушоҳида мегарданд. Чунончи, А. Сӯфизода овардааст: «Мафҳуми «ровӣ», «ноқил», «сароянда» дар фолклору адабиёти китобии тоҷик таърихи қадима доранд, мазмунан ба ҳам наздику ҳаммуродифанд» [147, с. 82].

Дар бештари матолиби маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ин ибора кор фармуда шудааст. Зимни таҳлилу баррасии осори маҷаллаи мазкур муҳаққиқ А. Мавлонов ба чунин хулоса расидааст, ки «ҳаҷвнависон ҷумла ва ибораҳои ба асарҳои насрии классикӣ хосбударо айнан ва баъзан бо каме тағйирот барои ифодаи мақсадҳои танқидии худ истифода кардаанд. Масалан, «Сайёҳатнома»-ҳои «Хорпуштак» ва «Ровиёни ахбор ва ноҷинсони осор чунин ривоят мекунанд, ки ...(баъзан «аз ровиёни ахбор») намунаи ҳамин қабил эҷодкории маҷалла мебошад.

Маҷаллаи «Хорпуштак» таҳти сарлавҳаи «Аз ровиёни ахбор», ки он дар услуби адабиёти классикӣ эҷод шудааст, аз шумораи аввалин то имрӯз муттасил хабару мақолаҳои ҳаҷвӣ чоп кардааст» [81, с. 145].

Ба андешаи мо, истифодаи ин гуна ибораҳои ҷолиб дар матолиби ҳаҷвӣ ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон бештар истифода гардидааст. Аз нигоҳи дигар, ин ибора ишора ба шахсиятҳо ва иттилоъдиҳандаҳои дигар низ мебошад.

Таърихи тамаддуни олам шоҳид аст, ки дар ҳама давру замон публитсистика ва адабиёту фарҳанги ҷаҳон дар ҷараёни тараққиёт аз якдигар баҳраҳо бардоштаанд. Ин раванд, пеш аз ҳама, дар рушди маданияти маънавии халқҳои дунё, ки публитсистика, адабиёту санъат ва фарҳанг ҷузъи муҳимми он мебошанд, саҳми муассир гузошт. Дар ин замина, матбуот низ чун яке аз василаҳои рушди равобити адабӣ зуҳур намуда, нақши муассире дар тарғибу ташвиқи адабиёту фарҳанг ва санъати ҷаҳонӣ гузошт.

Матбуоти тоҷик низ чун адабиёт дар оғози садаи бист василаи муҳимми рушду густариши равобити адабӣ бо адабиёти рус ва хориҷӣ гардид. Дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ намунаҳои асарҳои адибони рус ва хориҷӣ бо тарҷума ба забони тоҷикӣ нашр мегардиданд, ки бевосита ба зуҳури равобити адабӣ дар матбуоти тоҷик асос гузоштанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки тарҷума чун яке аз муҳимтарин шакли равобити адабӣ дар рушди равобити адабӣ нақши муайян гузоштааст. Дар гӯшаи «Анбӯр» низ бархе намунаҳои ашъори ҳаҷвнигорони хориҷӣ ҷой дода шудаанд. Чунончи, бо бардошт аз маҷаллаи ҳаҷвии ӯзбекии «Муштум» шеъре бо василаи тарҷума нашр гардидааст. Ин шеър ба яке аз муаммоҳои ҷомеа бадмастӣ ва майнӯшӣ, ки «Анбӯр» ба он эътибори ҷиддӣ дода, онро ба гунаҳои мухталиф маҳкум намуда, мавриди ҳаҷву мазаммат қарор додааст, бахшида шудааст. Шеър бо унвони «Оқибат» нашр гардидааст. Маншаи ҳамаи фасоду ҷиноятҳоро аз майнӯшӣ дониста, шоир чунин мегӯяд:

Қул-қули май аз бутилка, ё хитоб аст аз арақ,
Дар фасоду дар ҷиноятҳо шитоб аст аз арақ.
Ақл гум шуд, ҷисм ҳам дар изтироб аст аз арақ,
Шод гаштам, ғам кашидам, дил хароб аст аз арақ.
Обрӯ гум кардам, чашмам пуроб аст аз арақ,
Табъ ланҷ, майна палағда, шаб ҳама бедор ман.
Аз хумораш дарди сар, ҳар субҳдам бемор ман,
Кайфҳо кардам ҳамеша ман қадаҳбардор ман [23, с. 4].

Обрӯву нуфузи худро гум кардам, – мегӯяд шоир, май маро ончунон ба худ моил намуда, ки лаҳзае бидуни он наметавонам. Май маро аз ақл бегонаву гирифтори ғаму андӯҳи зиёд гардонид, оромиву осоишро аз даст додаам. Аз дурии май ҳамеша дарди сар ҳастаму то субҳидам дарди бехобӣ мекашам ва бо ёди лаҳзаҳои қадаҳбардорӣ дилам гум мезанад,- мегӯяд майпараст.

Эй ба чашми халқ хору аблаҳу беор ман,
З-ин аламҳо сӯхтам, ҷонам кабоб аст аз арақ.

Лек ҳосил ҳам нашуд аз майпарастӣ муддао,

Мубтало ҳастам, дареғо, ман ба дарди «бедаво» [23, с. 4].

Дар маҷмуъ, шеъри мазкур майнӯшӣ ва бадмастиро маҳкум намуда, ин амалро ҳамаҷониба ҳаҷву мазаммат намудааст. Ҷолибии шеъри мазкур дар он аст, ки шоир оқибатҳои майпарастиро возеҳу равшан баён намудааст. Чунончи, ба қавли шоир маҳз ба иллати майпарастӣ шахси бадмаст, пеш аз ҳама, иззату ҳурмат ва обрӯйи худро аз даст медиҳад ва ҳамчунин ёру дӯстон аз ӯ рӯ мегардонанд. Ва аз ҳама аламовараш, ин амали номатлуб боиси он мешавад, ки инсон саломатиро низ аз даст медиҳад, ба ин нукта низ шоир таваҷҷуҳ намуда, «ҷонам дар азоб аст аз арақ» мегӯяд. Маҳз ин бадмастиам сабаб шуд, ки муддати ду моҳ дар беморхона хобидам - мегӯяд майпараст. Ҷолибии ин шеър дар он аст, ки шоир ҳоли майпарастро аз забони худи ӯ меорад. Ба андешаи мо, ин шеваи эҷод бартарии худро дорад. Маҳз ин шеваи нигориш, бешубҳа, ба омма таъсири нек мерасонад. Шеваи нигориши мазкур, тавре мушоҳида намудем, на танҳо дар ашъори ҳаҷвӣ, балки дар матолиби ҳаҷвӣ низ дида мешавад. Яъне, аз ин шева ҳаҷвнигорон ба таври васеъ истифода намудаанд. Муҳаққиқ М. Муродов низ зимни таҳлили осори ҳаҷвӣ- публитсистии тоҷик ин шеваро яке аз василаҳои тасвир шуморида, навиштааст, ки «яке аз воситаҳои тасвир дар осори ҳаҷвӣ аз забони худи қаҳрамон нақл шудани «кору пайкори ӯ» мебошад. Бо чунин тарзи баён матни ҳаҷвӣ шакли монологи персонажро мегирад... Чунин услуби нақл дар ҳаҷви публитсистии матбуоти солҳои 1920-1930-и тоҷик ба назар расад ҳам, он дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва матбуоти солҳои 60-70-уми қарни XX пурқувват гардид. Ва, махсусан, устодони сухани ҳаҷв С. Айнӣ, С. Ғанӣ, И. Файзуллоев, ... Н. Шоҳинбод ва дигарон ин усули баёни матлабро тақвият додаанд» [103, с. 272]. Ба андешаи С. Солеҳов ҳаҷвнависони тоҷик «ин тарзи сухан гуфтани қаҳрамони манфии асарашонро мутобиқан ба шахсияти ӯ, ба ҳолату кайфияти вай сохтаанд». [117, с. 108].

Воқеан, андешаҳои ин муҳаққиқон қобили қабул аст, аммо дар ин замина метавон боз чунин илова намуд, ки яке аз бартариҳои ин шеваи

нигориш ё услуби баён дар он аст, ки чун муаммо ё амали номатлуб аз забони худи қаҳрамонҳо оварда шудаанд, ин далел ба он аст, ки ин амали номатлуб дар ҷомеаи он рӯз, воқеан, мавҷуд будааст. Дуюм, ин шева аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки чун майпараст майро маҳкум менамояд, ба афкори омма зуд таъсир расонида метавонад, зеро бесабаб намегӯянд, ки «сухан аз даҳони Луқмон хуш аст». Яъне, аз забони қаҳрамонҳо баён гардидани он ҳама кору пайкорашон далели муътамад буда метавонад. Таваҷҷуҳи «Анбӯр» ба ин мавзуъ бошад, худ далели он аст, ки ин амали номатлуб дар ҷомеаи он рӯз паҳн гардида, боиси нигаронии аҳли ҷомеа шуда буд. Ба ин гуфтаҳои мо чанд навишта ва шеърҳои дигаре, ки дар гӯшаи «Анбӯр» дида мешаванд, далел шуда метавонанд. Чунончи, шеъре бо унвони «Моҷарои майпарасту бангӣ» нашр гардидааст, ки бевосита ба ин мавзуъ бахшида шудааст. Шоир ба хотири тақвияти андешаҳояш аз мунозара ва баҳси майпарасту бангӣ ёдовар мешавад. Шоир воқеияти ҳолро бо усули равону сода баён намудааст, ки дар он кинояву пичинг эҳсос мешавад.

Мутолиа ва мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки дар матолиби ҳаҷвӣ ҷиҳати ахлоқиву тарбиявӣ нуфуз ва бартарӣ дорад. Дар ҳаҷвияҳо ё дар бештари матолиби ҳаҷвӣ аз айбу гуноҳи бархе нафарон иттилоъ дода мешавад, ки хусусияти тарбиявии онҳоро ифода менамояд. Дар ин замина метавон илова намуд, ки матолиби ҳаҷвӣ дорои вежагиҳои хоси худ буда, нозукиҳои махсусро доро мебошанд. Ин аст, ки на ҳама дар навишти матолиби ҳаҷвӣ муваффақ мешаванд. Тавре омӯзиши мавзуъ нишон дод, дар бештари матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр», пеш аз ҳама, иллату камбудиҳои ҷомеа ва ашхоси алоҳида ошкор гардидаанд. Дар ҷолибу рангин гардидани навиштаҳои ҳаҷвӣ воситаҳои тасвир ва унсурҳои хоси ҳаҷв нақши муассире бозидаанд.

Метавон бо овардани ин шеър иктифо кард, ки он ҳадаф ва мазмуну мундариҷаи нашрияҳои ҳаҷвиро батамом бозгӯӣ менамояд. Дар яке аз шеърҳо Анбӯр аз нашри саҳифаи ҳаҷвии «Ҷайра» изҳори хушҳолӣ намуда, чунин мегӯяд:

Ҷайраи навзод, табрику салом!
Як вагон шодам аз ин нав, нек ном.
Дар сафи мо боз як аъзои нав,
Мисли ту як зӯрзан барнои нав.
Дарс дода Крокодил устози мо
Мерасонад аз ту як кадри расо.
Хар дугат дар ҷангу ҷӯши бас зиёд,
Мисли хори Хорпуштак тез бод!
Мекунад Анбӯр ҳам дар ҳаққи ту
Хуш умеду орзуҳои накӯ.
Ҳар кучо торикдилҳо, бегумон,
Аз дуги Ҷайра намеёбанд амон.
Фош кун ҳар косаву нимкосаро,
Айби ҳар танпарвару дангосаро.
Бо салому эҳтиром: Анбӯри ту [10, с. 4].

Раванди омӯзиш нишон дод, ки дар бархе шумораҳои «Анбӯр» номаҳои шодбодии ӯ ба пайравонаш низ ҷой дода шудаанд. Масалан, дар яке аз номаҳои ӯ, ки «Аз «Анбӯр» ба «Занбӯр» унвон дорад», Анбӯр аз нашри «Занбӯр» изҳори хушҳолӣ намуда, чанд насиҳати хешро барои ӯ дареғ надоштааст. Чунончи: «Занбӯрҷон! Туро ба муносибати ба дунё омаданат табрику муборакбоди бебаркаш менамоям. Аминам, ки аз ибтидо... пою қадамат бахосият мешаваду дар мубориза бар зидди ноҳамвориҳои ҳаёти имрӯзаамон ҳамкору ҳамнафасам хоҳӣ гашт.

Шояд аз ба дунё омадани ту «табъи латифи» баъзеҳо тира гардад. «Аз чумчуқ тарсӣ арзан накор» гуфтаанд. Парво ҳам накун бепарво ҳам нашав! Лекин фаромӯш накун, ки каҷҷу килебиҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии шаҳру район ба сари ту борони кор меборанд. Барои ҳамин туро лозим аст, ки қанотатро аз таҳи дил ба кор андохта, нешатро ба чархи ҳаҷв қайроқ карда, дар майдони мубориза далеру тавоно бошӣ. Баробари ин мехоҳам оҳиста ба гӯшат пичиррос занам, ки дар шаҳр норасоиҳои муҳтоҷи ништари ту кам нестанд. Масалан, ту наметавонӣ дар боғи маданият ва

истироҳати «гӯшту шутурхӯрдаи» шаҳрӣ сайру гашт кунию аз гулҳои ранг ба ранги вай баҳра барӣ, мазза кунӣ. Ба толеат гуфтугӯҳои ташкил кардани боғ ҳар сол аз гӯши рости камкору сертараддудҳои шаҳр даромада аз гӯши чаппашон баромада меравад. Агар ту гӯши чаппашонро нағзакак газида монӣ, шояд гап-гапҳои бисёру ваъдаҳои бешумор минбаъд аз як гӯшашон даромада, аз дигар гӯшашон баромада наравад. Монанди ҳамин дар кори ободонии шаҳр ноҳамвориҳои бисёре ҳастанд, ки онҳоро бояд ҳамвор намуд. Дар кори хизматрасонии маданӣ-маишӣ низ камбудиҳо кам не.

Зинҳор ки бо камбудӣ ва норасоиҳои шаҳр банд шуда, аз шираю шарбатҳои боғу токзорҳо, аз ширу қаймоқҳои фермаҳои зархези колхозҳои район бехабар намон. Гӯши роҳбарони беғаму бепарво, танбалону бепарвоёнро сахтакак газида гир, ки онҳо ҳушёр шаванду ғами ҳосили фаровонро хӯранд.

Баробари ин, ту набояд фаромӯш кунӣ, ки бинніии бюрократону буҳтончиён, гардани гарданшаху гарданғафсон, гӯши лагандбардору ошнобозон, лаби ландаҳуру, бепарвоён, забони шӯрапушту безориён, хеккиртаки хиёнаткорону худписандон, махсусан, ҷоғи ҷарчиёни боқимондаҳои урфу одатҳои бой-феодалӣ мунтазири неши тези ту мебошанд. Бигузор, неши бурроят ба душманон заҳру ба дӯстон асал гардад! Ба саломи шалғамбаркаш: Анбӯр Хорпуштакович Крокодилов (1956, №54, 11 март).

Танқиди мушаххаси камбудиву иллату падидаҳои номатлуб дар гӯшаи «Анбӯр» бори дигар собит намудааст, ки ҳаҷв дар ҳама давру замон чун силоҳи мубориза бар зидди ҳама гуна норасоиҳои замона истифода шудааст. Ин нуктаро метавон дар бештари нигоштаҳои ҳаҷвӣ мушоҳида намуд. Умуман, агар таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоем, метавон он ҳама матолиби ҳаҷвии «Анбӯр»-ро чун як барномаи мушаххаси роҳи растагории ҷомеа аз камбудиву норасоиҳои замона шумурд. Яъне, бо бартараф намудани он ҳама мушкилоти дар навиштаҳои ҳаҷвӣ баёнгашта, ҷомеа метавонад рушду инкишоф намояд. Ҳамчунин, як рисолати азалии ҳаҷви публитсистӣ дар он аст, ки он дорои хусусияти тарбиявӣ мебошад ва маҳз ин вежагӣ

метавонад дар ташаккули афкору маънавиёти хонандагони нашрия низ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Аз замони пайдоиш то ба имрӯз «Анбӯр», воқеан, дар ҳаллу фасли бисёре аз мушкилоту норасоиҳои ҷомеа саҳми назаррасе гузоштааст. Дар арафаи ҷашни 60-солагии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар як номаи шодбодӣ «Анбӯр» аз фаъолияти пурсамари хеш ёдовар шуда, чунин таъкид менамояд, ки «соли сию дуюм аст, ки дар хизмати хонандагони рӯзнома мебошам. Тайи ин солҳо ба шарофати ман чӣ қадар кӯчаҳо мумфаршу чӣ қадар кӯчаҳо обод шуданд, чанд нафар аз вазифа рафту ба пӯсти лаки андар лак кайк даромад ва пайиислоҳи нуқсонҳо шуданд, касе ҳисобу китоб накардааст».

Таҳлили матолиби «Анбӯр» нишон медиҳад, ки аллакай аз рӯзи нахустини пайдоиш ин гӯша таваҷҷуҳи оммаро ба худ ҷалб намуда, ҳамчун минбари арзу ниёзи мардуми вилоят шинохта гардида буд. Номаҳои зиёди хонандагон ба унвонии «Анбӯр» далели он аст, ки мардум ба ӯ эътимод доранду онро ҳамчун мушкилкушои худ мешуморанд. Дар ин бобат дар яке аз номаҳои шодбодӣ «Анбӯр» ёд намуда, боғурур таъкид менамояд, ки мухлисону муҳибон ҳамеша аз ӯ розӣ ҳастанду ба ӯ боварии сахт доранд. Ӯ чунин мегӯяд, ки ман «фақат ҳаминро медонам, ки мухлисонам аз ман хурсанд, ба дақиқкорию нуктагирии ман бовар доранд. Ба ин номаҳое, ки ҳар рӯз хаткашон меораду бо суханони «Анбӯр» – тағои мададрасон..., «Арзи мо шунав, тездандон», «Гилаамонро ту гӯш накунӣ, кӣ мешунавад?» ва ғайраву ҳоказо оғоз меёбанд, гувоҳӣ медиҳад» [168, с.11].

Таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили мундариҷавии «Анбӯр» нишон дод, ки он ҳамеша бар зидди иллату норасоиҳои ҷомеа мубориза бурдаву он ҳамаро ҳамаҷониба маҳкум намудааст. Тавре мушоҳида мегардад, «Анбӯр» барои тарғибу ташвиқ намудани ғояҳои пешқадаму кору пайкори шоиста, пеш аз ҳама, аз василаҳои мухталифи баён, услуби ҳаҷвӣ бо назардошти унсурҳои муҳимми он, забони пуробуранг, ибораву зарбулмасалҳо, калима ва ибораҳои рехтаи халқӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Бо баррасии матолиби «Анбӯр» бори дигар эътимод пайдо намудем, ки ин гӯшаи ҳаҷвӣ

бо он ҳама фаъолияти доманадори хеш дар ҳаллу фасли бисёре аз муаммоҳои ҷомеа саҳми назаррасе гузоштааст. Дар яке аз номаҳояш «Анбӯр» чунин ваъда додааст, ки «мо ҳамагон барои нест кардани нуқсонҳои ҷамъият саҳм мегирем ва ба шумо, ҳаводоронам қавл медиҳам, ки барои мададрасонӣ ба одамон дандонҳоямро боз ҳам тезтар карда, тамоми қувваамро мебахшам» [168, с. 7].

Дар саҳифаҳои «Анбӯр» ҳамчунин матолиберо чун «Гургҳои навбаромад» (1955, №189, 23 сентябр), Э. Мӯминов «Обу адо нашавем» (1955, №189, 23 сентябр), Г. Короев «Раиси Калон» (1955, №241, 11 декабр), А. Каримҷон «Кӣ ҷавобгар?» (1956, №11, 15 январ), «Кӯза шикаст» (1956, №11, 15 январ), «Эълону шаҳодатномаҳои Анбӯр» (1956, №11,15 январ), А. Василенко «Фармони қатъӣ» (1956, №115, 15 январ), «Рокировка» (1956, № 22, 29 январ), А. Нарзиев «Акнун худат дахолат накунӣ, намешудагӣ барин» (1956, №22, 29 январ), Ҳ. Давронов «Ба мо ёрӣ расон» (1956, № 22, 29 январ), М. Бобоҳаитов «Аз «Анбӯр» ба «Занбӯр» (1956, № 54, 11 март), Ҳ. Ҳакимов «Девор афтад ҳам, ба тарафи мо афтад» (1956, № 54, 11 март), Қ. Баҳлулзода «Карнайҳои гунгалак, карнайчиҳои сергап» (1956, №65, 28 март), О. Шамсӣ-»Ҳоҷипушаймон» (1956, №65, 28 март), «Радио-телефон» (1958, №228, 16 ноябр) ва чанди дигар дарҷ гардидаанд, ки мавзуъҳои мухталифи ҷомеаро инъикос менамоянд.

Муаллифони фаъоли «Анбӯр» дар ин давраи омӯзиши мо пеш аз ҳама М. Аминзода, Қ. Баҳлулзода, Ҳ. Тоҷибоев, Т. Сайфуллин, Б. Иноят, Ғ. Муллоев, Қ. Йӯлдошалӣ, Ҳ. Қурбон, Ш. Олимов, А. Каримҷон, М. Бадриддинов, Р. Мирҷалол, М. Азимӣ, З. Аскаров, Р. Додо, Д. Ҷалолзода, Э. Мӯминов ва чанде дигарон мебошанд, ки ҳар яке чандин навиштаи худро дар ин гӯша дарҷ намудаанд.

Тавре омӯзиши гӯша нишон дод, яке аз фаъолони асосии он бештари навиштаҳояшро бо имзои мустаори «Анбӯр» нашр намудааст, ки, воқеан, таҳқиқро мехоҳад. Ба андешаи мо, шояд ин имзои мустаор дар ҳамон замон ба Қурбон Баҳлулзода мансуб бошад, ба он хотир ки чун ӯ яке аз асосгузорони ин гӯша ба шумор мерафт, талош менамуд, ки сафҳаҳои онро

бо матолиби ҷолибу хонданӣ пурра намояд. Дар журналистикаи муосир низ қоидаи нонавиштае роиҷ аст, ки дар ҳоле ки чандин навиштаҳоро як шахс менависад, он ҳама бо имзоҳои гуногун нашр мегарданд. Шояд дар он замон, ки саҳифаи «Анбӯр» аз нарасидани мавод танқисӣ мекашид ва чун чанд навиштаи мавсуф дар як шумора ҷой мегирифтанд, ин имзои мустаорро қабул намуда бошанд.

Омӯзишу таҳлили мундариҷавии гӯшаи «Анбӯр» собит менамояд, ки бештари анвои ҳаҷвӣ чун фелетону памфлет, луқма, эпиграмма ва нақиза камбудиву норасоиҳои ҷомеа ва хулқу атвори ношоистаи бархе нафаронро инъикос намуда, мавриди баррасии ҷиддӣ қарор додаанд. Аҳли эҷоди нашрия бо василаи истифодаи воситаҳои тасвир чун пичингу киноя, ришханду писханд ба ислоҳи камбудиҳову тарбияи маънавии мардум талош намудаанд. Таҳқиқу омӯзиши матолиби «Анбӯр» бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки он ҳама навиштаҳои ҳаҷвии гӯша чун маводи гаронбаҳои осори ҳаҷвӣ метавонанд дар оянда барои омӯзишу таҳқиқи анвои ҳаҷвӣ ва нозукиҳои хоси онҳо мусоидат намоянд.

Осори ҳаҷвӣ маҳсули андешаву афкор ва ҷаҳонбиниву тахайюли ҳар як муаллиф буда, дар иртибот бо воқеият ва пайвастагӣ бо аносири ҳаҷвӣ омода гардида, барои рушду густариши афкору ҷаҳонбинии омма низ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Таъсирпазирии осори ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, ба малакаву ҳунари нигорандагии муаллифон сахт вобастагӣ дорад. Ин вобастагӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки нигорандаи маводи ҳаҷвӣ муаммо ва мушкилоти ҷомеаро то кадом андоза дарк намудаву муҳиммияти рафъи он ҳолатро то кадом сатҳ пешбинӣ менамояд. Ба ин маънӣ, дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки нақши «Анбӯр» дар инъикоси камбудиву мазаммати амалҳои номатлуб барҷаста буда, бо сабку шеваи равон он ҳамаро маҳкум намудааст. Аз мутолиа ва баррасии мундариҷавии матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» метавон чунин бардошт намуд, ки масоили иҷтимоӣ, маишӣ ва ахлоқӣ ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва онро метавон ба гунаи зер табақабандӣ намуд:

1. Масъалаи доман паҳн намудани майнӯшӣ.

2. Вазъи ноободи роҳҳо ва паскӯчаҳо.

3. Муаммо ва мушкилоти ошхонаҳои ҷамъиятӣ.

4. Сатҳи пасти хидматрасонӣ дар ошхонаву чойхонаҳо.

5. Муомилаи дурушти бархе мағозачиҳо.

6. Бо роҳи фиреб ба даст овардани даромади зиёд ва фиреби мардум аз ҷониби мудирони мағозаҳо.

7. Саривақт нарасидани рӯзномаву маҷаллаҳо ба шаҳру ноҳияҳо.

8. Вазъи харобу валангори дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ.

9. Муаммои тайёр намудани хӯрокҳои якхела дар ошхонаҳо.

10. Маҳкум намудани амалҳои ҳаннотону фиребгарон.

11. Муомилаи бади мансабдорон бо мардуми одӣ.

Хулоса, он ҳама осори ҳаҷвии ин гӯша, пеш аз ҳама, дар бозгӯии мушкилоту муаммо ва норасоиҳои ҷомеа ба таври назаррас саҳм гузоштаанд. Аз баррасии матолиби ҷолиби ин гӯша метавон гуфт, ки бо он ҳама рангиниву шевоии баёни иллату камбудиҳои ҷомеа аҳли эҷоди нашрия равзанаи фарохеро дар самои чашмону дар ҷаҳони андешаву тафаккури омма боз намудааст.

Зимни омӯзиши матолиби ҳаҷвӣ мушоҳида гардид, ки дар бештар маврид муаллифон ба хотири тақвияти андешаҳои худ аз он ҳама дидаву шунидаҳо ва мушоҳидаҳояшон ба таври васеъ истифода намудаанд. Бешак, ин шеваи нигориш писандида мебошад, зеро бо мутолиаи ҳар навишта ҳарчанд дар ибтидо агар хонанда завқе намуда бихандад, аммо баъдан сари мушкилоту норасоие, ки муаллиф зикр намудааст, андеша менамояд. Маҳз ин андеша, ки маншаи дарки муаммоҳои замона мегардад, заминаи мусоиде фароҳам меоварад, ки ба вусъати андешаву тафаккури хонанда замина гузошта шавад. Чун дар бештари осори ҳаҷвӣ андешаву муносибати муаллиф ба таври интиқодӣ баён мегардад, он аз муаллифи навишта маҳорату малакаи хосеро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, ба хотири ҷолибу хонданӣ ва рангин гардидани навиштаҳои хеш бештари муаллифони «Анбӯр» аз мушоҳидаҳо ва дидаву шунидаҳояшон ҳамаҷониба истифода бурдаанд. Яъне, метавон чунин хулоса намуд, ки дар матолиби

ҳаҷвии ин гӯша дар баробари баёни назари интиқодии хеш, аз инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои муайяни зиндагии рӯзмарра ва мушоҳидаҳои худ ба таври шоиста истифода намудаанд. Пас, аз ин ҳама метавон чунин бардошт намуд, ки дар матолиби ҳаҷвӣ дидаву шунидаҳо ва мушоҳидаҳо мақоми шоистаеро соҳибанд. Метавон гуфт, ки саҳифаҳои «Анбӯр» аз маводди сазовору шоистаи таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ фаровон буда, онҳо дар шаклҳои мухталифи анвои ҳаҷвӣ нашр гардида, дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ нақши муассире гузоштаанд.

# БОБИ III
# ТАНОСУБИ ЖАНРИИ МАВОДДИ ГӮШАИ «АНБӮР»

## 3.1. Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ

Дар ҳама давру замон ҳаҷв ҳамчун шакли махсуси фошкунандаи камбудиҳо ва норасоиҳои иҷтимоӣ, ҳамзамон хулқу атвори ашхоси алоҳида як ҳадаф – аз байн бурдани бадӣ ва тантанаи ғояҳои мусбатро думболагир будааст. Табиист, ки он чун дигар жанрҳои адабиву публитсистӣ дар ҳама гуна шароити таърихӣ новобаста ба шароиту айём орзую омоли халқро ифода намудааст.

Ҳаҷв бо воситаи сурати зоҳирӣ ба ботин ва ҷаҳони маънавии инсон назар меафканад. Яъне, ҳаҷв ойинаи ботини инсон аст. Мазмуни амиқи танқидӣ тамоми анвои ҳаҷвиро фаро гирифта, дар омезиш бо бадеият ва тахайюл матолиби ҳаҷвӣ рангину ҷолиб мегардад.

Равшан аст, ки инсон чун нодиртарин, нозуктарин ва латифтарин офаридаи Худованд аз азал барои зиндагии шоиста талошу мубориза мебарад ва дар ин мубориза нафаре дастболо мегардад, ки, пеш аз ҳама, зебоиҳо ва накуиҳоро ҳамаҷониба эҳсос менамояду диду нигоҳи рангине ба олами атроф дорад. Ин диду нигоҳ низ самараи донишу ҷаҳонбинии шахс мебошанд, яъне агар шахс дар муҳити солиму ҷомеаи маънавӣ парвариш биёбад, ӯро некӣ ва накукорӣ ҳамеша ҳамсафару ҳамқадаманд. Аммо чӣ метавон гуфт, ки зиндагӣ аз пайванди тазодҳо иборат буда, на ҳама неку некбин ҳастанд, бархе бо андешаи манфиату суди хеш аз ягон амале даст намебардоранд. Яъне, онҳо ба дигарон коре надоранду ба ҷуз хеш дигаронро андеша намекунанд. Андешае ҳаст, ки мегӯянд: инсон чунин офарида шуда, ки наметавонад бидуни хайру шарр, яъне некӣ ва бадӣ либоси ҳастӣ ба бар намояд.

Дар натиҷаи бепарвоӣ ва бемасъулиятӣ ба омма ва ҷомеа шахс метавонад зиёни худро расонад, бехабар аз он ки ин амали ӯ ҳаргиз пӯшида

намемонад. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки бо кадом васила метавон монеи амали ин гуна ашхос гардид? Пеш аз ҳама, чун омили пурзӯр худи мардум ва ҷомеа метавонанд таъсиррасон бошанд. Дуюм омили аз ҳама муассиру таъсирбахш ҳаҷв буда метавонад. Имрӯз баъзан суоле пеш меояд, ки аслан ҳаҷв дар ҷомеаи муосир чӣ зарурату аҳаммият дорад ва аз он чӣ нафъе ба мардум мерасад?

Метавон гуфт, ки дар ҳама давру замон ҳаҷв дар инъикоси воқеаву мушкилот ва норасоиҳои ҷомеа нақши сазовор гузоштаву ҳамзамон дар рушду вусъати афкору ҷаҳонбинии омма хидмати назаррасро анҷом медиҳад. Дар даврони ҷаҳонишавӣ кишвари соҳибистиқлоли мо низ тибқи нақшаву дурнамои стратегӣ ба пешрафту тараққиёти соҳоти мухталиф талош мекунад. Он ҳама рушду ташаккул ва дигаргуниҳои куллии ҷомеаи муосир шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки ҳарчи бештар барои рушди кишвар талош намоем. Дар ин замина, метавон гуфт, ки ҳаҷв чун василаи баёни муассир яке аз омилҳои рушди ҷомеа ва афкори омма буда метавонад. Ба кадом далел? Аввалан, ҳаҷв чун василаи баёни муассир он ҳама иллату дардҳо ва норасоиҳои ҷомеаро баён намуда, заминаи мусоиде барои ҳаллу рафъи камбудиҳо фароҳам меоварад. Аз нигоҳи дигар, ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ ҳар он чизеро, ки ба рушди кишвар ва зиндагии шоистаи мардум монеа менамояду таъсири манфӣ мерасонад, мавриди танқид қарор дода, ба гунаи мухталиф онро маҳкум намуда, ба афкору шуури омма таъсир мерасонанд. Дар ин радиф, метавон боз чунин илова намуд, ки ҳаҷв чун василаи муассири баён чун «талабот ва табиати каломи инсонӣ мисли дигар навъҳои эҷод дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик таърихи қадима дорад» [103, с. 15].

Публитсистикаи ҳаҷвӣ дорои якчанд анвои ҳаҷвӣ мебошад, ки маҳз бо василаи онҳо камбудиҳои иҷтимоӣ ва амалҳои номатлуби бархе ашхос ифшо ва мунъакис мегарданд. Ин анвои ҳаҷвӣ латифа, фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма, нақиза мебошанд, ки ҳар яке вежагиҳои хос доранд. Профессор М. Муродов дуруст таъкид намудааст, ки «ҳаҷв ҳамчун шакли махсуси ошкор ва фошкунандаи хислату характери номақбули одамони

алоҳида, ҳодисоти нохуши зиндагӣ ва каму костҳои иҷтимоӣ дар ҳар давру замон танҳо як мақсад- аз байн бурдани бадӣ ва тантанаи ғояҳои мусбатро ифода мекардааст. Хосса ҳаҷви публитсистӣ дар давраҳои гуногуни таърихи инсоният нақши бузурге бозида, бар зидди тамоми унсурҳое, ки ба пешрафту инкишоф ва тараққиёти ҷомеа халал мерасониданд, мубориза бурдааст» [103, с. 16].

Дар ҳақиқат, ҳаҷв чун василаи муассири таблиғи некиву накукорӣ он ҳама бадиву бадкирдориҳоро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Мутолиа ва баррасии матолиби гӯшаи «Анбӯр» бори дигар собит намуд, ки ҳаҷви он ҳамеша воқеияти иҷтимоӣ, камбудиҳо ва норасоиҳои кишварро баён намуда, амалҳои зишту норасоиҳои ҷомеаро возеҳу равшан инъикос намудааст. Ба гунаи дигар, анвои ҳаҷвии публитсистӣ чун фелетон, памфлет, луқма, нақиза ва эпиграмма дар гӯшаи «Анбӯр» заминаи мусоидеро фароҳам овардаанд, ки ин ҳама камбудиҳои иҷтимоӣ ва амалҳои номатлуб ҳамаҷониба таҷассум гарданд.

Чунончи зикр намудем, анвои ҳаҷви публитсистӣ дар «Анбӯр» ба таври васеъ истифода шудааст. Яке аз он жанрҳои маъмули ҳаҷви публитсистӣ ин фелетон ба шумор меравад, ки дар он бештар кору пайкори манфии бархе ашхос мавриди танқиду мазаммат қарор гирифта мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба матолиби гӯшаи «Анбӯр» чандин нигоштаҳои ҳаҷвиро мушоҳида намудем, ки дар онҳо нозукиҳои ин жанри ҳаҷвӣ дида мешаванд. Чунончи, навиштаеро зери унвони «Аз асп фарояд ҳам, аз узангу намефарояд» мушоҳида намудем, ки дар он дар бобати фаъолияти «доманадор»-и Ҳ. Маҳмадҷонов ном шахс иттилоъ дода шудааст. Тавре, дар оғози навишта омадааст: «Анбӯрҷон! Мехоҳам «Аз нӯги хамир фатир» карда, дар бораи як хислати ношоями собиқ сардори бригадаи колхози ба номи Ленини райони Конибодом Ҳакимҷон Маҳмадҷонов як-ду сухан нақл намоям. Чунончи мегӯянд, вай «аз асп фарояд ҳам, аз узангу фаромадан намехоҳад».

Маҳмадҷонов якчанд сол пеш дар участкаи «Сталинобод» дар вазифаи сардори бригада буданаш вай худро ҳамчун шахси кордон не, балки

ноуҳдабаро нишон дод. Порсол бригадаи ӯ сардоримекардагӣ ба имкониятҳои калони доштааш нигоҳ накарда, плани давлатии пахтасупориро иҷро карда натавонист. Имсол ӯ аз вазифааш озод карда шуд. Баъди ин Мамадҷонов ба ҷойи дар меҳнат худро нишон додан «пӯстини худро чаппа пӯшид». Вай норозӣ шуда, гуфта гаштааст, ки «Чаро ман барин шахси ташкилотчию кордонро аз вазифаи сардории бригада холӣ мекардаанд?.

Ҳозир бошад, аз оилаи Мамадҷонов танҳо духтарчаи синни мактабиаш ба кори саҳро иштирок мекунад.... Анбӯрҷон, барои давои дарди ин мансабпараст худат ягон доруи муҷарраб тавсия намо! (1956, № 112, 3 июн).

Аз мутолиа ва баррасии ин навишта маълум гардид, ки он пурра ба жанри фелетон ҷавобгӯй мебошад. Зеро омӯзиши фелетон нишон дод, ки он аз кору пайкори як нафар собиқ раиси хоҷагӣ маълумот медиҳад ва муаллиф бо кинояву пичинг амалҳои ӯро маҳкум менамояд. Муаллиф айбу нуқсони қаҳрамони худро возеҳу равшан баён намуда, дар фарҷом аз Анбӯр хоҳиш менамояд, ки ба дарди ин мансабпараст давое ҷӯяд. Метавон гуфт, ки муаллифи фелетон нозукиҳои ин жанрро риоя намуда, ҳадафи худро возеҳ баён намудааст. Аслан, дар ҳама ҳолат «муаллифи фелетон ва дигар асарҳои ҳаҷви публитсистӣ ҳангоми ба шахсони муайян кор гирифтан аломатҳои характернокро на танҳо аз он нафар ҷӯё мешавад, балки кӯшиш мекунад аломатҳоеро пайдо намояд, ки барои ошкор ва мазаммати айбу нуқсони қаҳрамон мусоидат кунанд» [103, с. 252].

Нуктаи ҷолиб дар фелетони мазкур он аст, ки муаллиф дар оғоз барои рангину ҷолиб гардидани навиштааш ду зарбулмасалро овардааст, ки онҳо то ҳадде ба кадом мавзуъ бахшида шудани навиштаро ишора менамоянд. Агар зарбулмасали аввал ишора ба мухтасар будани нигошта намояд, дуюмӣ хонандаро водор менамояд, ки ба дарки он андешад ва навиштаро ба пуррагӣ хонад. Чунки бо мутолиаи зарбулмасали «аз асп фарояд ҳам, аз узангу фаромадан намехоҳад» хонандаро суолҳои зиёде метавонад ба андеша водор намояд. Бо таваҷҷуҳ ба матолиби гӯшаи «Анбӯр», масалан,

дар навиштаи яке аз асосгузорони он Қурбон Баҳлулзода мо истифодаи ду зарбулмасалро мушоҳида намудем. Чунончи:

1. «Ба болои сӯхта намакоб» гуфтагӣ барин ба харидорон гашта надодани пулҳои майда бошад, ҳаққи ҳаштяки баъзе коркунони савдо шуда мондааст («Дӯконҳои кӯтоҳметр»).

2. «Мо, ба гӯши сардори шуъбаи хӯроки умумии Ленинобод рафиқ Темуров оҳиста гуфтанӣ ҳастем, ки: «Охир, шикамсер чӣ парвои шикамгурусна» гуфта, ин қадар ҳам холабеғам шуда гаштан нағз нест [9, с. 4].

Муҳаққиқони соҳаи ҳаҷв истифодаи зарбулмасалро дар матолиби ҳаҷвӣ бамавриду зарур шуморидаанд. Чунончи, ба мушоҳидаи муҳаққиқ А. Мавлонов дар маҷаллаи «Хорпуштак» «зарбулмасалу мақолҳои ҳаҷвии халқӣ бештар айнан, дар шакли аслиашон барои офаридани типи ҳаҷвӣ, тасвири воқеа, пуррагӣ ва образнокии мазмуни ҳикоя, фелетон ва хабарҳои ҳаҷвии журнал ба кор рафтаанд» [81, с. 78].

Ба ин мазмун, дар гӯшаи «Анбӯр» низ дар бештари маврид зарбулмасалҳо айнан оварда шуда, ки, бешубҳа, дар пуробуранг ва ҷолиб шудани матолиби ҳаҷвӣ мусоидат намудаанд.

Фелетони дигаре, ки дар ин гӯша таваҷҷуҳи моро ҷалб намуд, «Як саволи беғараз» буд. Он дар бораи раиси маҳалла А. Қодиров ном шахс навишта шудааст.

Яке аз вежагиҳои хоси фелетон ин мавҷудияти факт дар он мебошад ва тавре мушоҳида мегардад, дар ин навишта факту далел низ оварда шудаанд. Дар мавриди нозукиҳои жанри фелетон муҳаққиқон ва назарияшиносони маъруфи русу тоҷик чун М. Колтсов, А. Алексеев, Э. Виленский, Л. Кайда, И. Усмонов, М. Муродов ва чанди дигар асару мақолаҳои ҷолибе таълиф намудаанд. Аз ҷумла, зимни таҳқиқу омӯзиши фелетонҳои матбуоти солҳои 1970-75 муҳаққиқ М. Муродов ба чунин хулоса расидааст, ки бо он ки матолиби ҳаҷвии ин давра мазмуни баланд доштанду таъсирбахш буданд, ҳамчунин дар фелетонҳои давраи мазкур низ интихоби мавзуи хурд, баъзан холӣ аз аҳаммияти ҷамъиятӣ ва

моҳирона истифода нашудани унсурҳои ҳаҷву танз, ханда ба назар мерасад.

Дар ин замина, метавон чунин илова намуд, ки сабку шеваи таълифи маводиби ҳаҷвӣ бахусус, фелетон дар нашрияи мавриди назари мо низ аз ҳам фарқ дорад. Омӯзиш нишон дод, ки фелетонҳое, ки дар «Анбӯр» нашр гардидаанд, аз ҷиҳати ҳаҷм гуногунанд, бештари онҳо аз ҷиҳати мавзуъ ва ҳаҷм хурд ҳастанд. Бешак, дар ҳоле ки мавзуи фелетон хурд аст, он имкон намедиҳад, ки баъзан ҳадафи муаллиф пурра баён карда шавад. Ҳамзамон, дар ин гуна матолиб наметавон он ҳама хислату рафтори ношоистаи қаҳрамонҳоро тасвир намуд. Ин фелетони мавриди назари мо низ аз ин камбудӣ орӣ нест. Ба андешаи мо, ин амал низ сабабҳои худро дошта метавонад:

1. Аввалан чун «Анбӯр» танҳо гӯшаи ҳаҷвӣ аст, имконе набуд, ки дар он фелетонҳо ва умуман, матолиби ҳаҷман калон нашр гарданд.

2. Дуюм, чун «Анбӯр» миёни ҷомеа маҳбубият пайдо намуда буд, ба унвонии ӯ номаҳои зиёди дӯстдоронаш меомад ва шояд ба хотири он ки ҳарчи шумораи навиштаҳои гӯша зиёд шаванд, аҳли эҷод аз ин шева истифода намудаанд.

Фелетон дар гӯшаи «Анбӯр» нуфузу бартарӣ дорад ва он ҳама камбудиву норасоиҳои бархе ашхос ва ҳамзамон иллату дардҳои ҷомеаро тасвир намудаанд. Чунончи, вазъи бади хидматрасонии чойхонаҳои Панҷакент дар фелетони «Худаш якта, ҷойи кораш сета» хуб инъикос гардидааст. Дар фелетони мазкур мудири чойхона Ҳоҷамуродов мавриди танқиду мазаммат гирифта шудааст. Дар ибтидо вазъият чунин тасвир шудааст:

«Аз он рӯзе, ки Хоҷамуродов ба чойхонаи колхози ба номи Сталин, Совети қишлоқи Чимқӯрғон мудир таъйин гардид, чойхона бад кор мекардагӣ шуд, чунки ӯ ғайр аз ин мудири ошхона ва қаровули магазин ҳам мебошад. Чӣ хеле ки мегӯянд, худаш якта, ҷойи кораш сета. Чойхона аксар рӯзҳо маҳкаму дар ошхона бошад, ба ғайр аз нӯшокиҳои спиртӣ дигар чизе ёфта наметонед. Илова ба ин, ошхона ҳар рӯз кор намекунад.

Мудири ошхона Хоҷамуродов бошад, ба талаботи халқ «Райпо ҳеҷ чиз надиҳад, ман чӣ кор кунам»! – гӯён ҷавоб медиҳад» [25, с. 4].

Чунон ки аз аз матлаби фелетон маълум гардид, муаллиф аз мудири чойхона ки дар се ҷой кор мекардааст, шикоят намуда, ӯро дар бемасъулиятӣ айбдор менамояд. Ҳамчунон, тавре аз ин қисмати навишта бармеояд, чойхона ҳар рӯз кор намекунад, ба ҷуз ин дар он ҷо чизе аз молҳои хӯрданӣ нест, аммо нӯшокиҳои спиртӣ, чӣ қадаре ки хоҳӣ, мудир онро зуд пайдо мекунад.

Фелетон чун жанри ҳаҷвӣ нозукиҳо ва хусусиятҳои худро дорад, ки ҳар муаллиф онҳоро бояд риоя намояд ва тибқи талаботи жанрӣ таълиф намояд. Чун фелетон бештар ба ҳаёту фаъолияти инсон таваҷҷуҳ дорад, муҳим аст, ки ҳангоми эҷоди он ба нозукиҳои жанрии он таваҷҷуҳ намуд ва аз принсипи беғаразӣ истифода кардан лозим аст. Бино ба таъкиди И. Усмонов яке аз вежагиҳои хоси жанри «фелетон маҳкуму мазаммати гуноҳи як шахс, ки вай сабаби бадбахтӣ ва нороҳатии як шахс ё гуруҳи камшумори одамон гардидааст» [94, с. 276]. Дар фелетон тақдири шахс, ҳатто баъзан қисмати гурӯҳи одамон мавриди муҳокима қарор мегирад, аз ин рӯ ҳар хулосаи муаллиф, баҳои он бояд асоси фактологӣ дошта бошад, беғаразона гуфта шавад. Муқаққиқ М. Муродов низ дар ин маврид зикр менамояд, ки «Фелетон жанри мураккабу душвори публисистикаи ҳаҷвӣ буда, аз муаллиф қобилияту истеъдоди хосса ва сайқали ҳамешагии маҳоратро тақозо менамояд. Мавзуи баҳси фелетон ҳамеша воқеаҳои ҳаётии манфии рӯзгор ва хислату характери ношоями ашхоси аниқ буда, камбудиву норасоиҳое, ки дар он мавриди танқиду мазаммат қарор мегиранд, ба инсонҳои воқеӣ иртибот мегирад» [94, с. 276].

Омӯзиши фелетонҳо собит намуд, ки, воқеан, муаллифон ба ин нуктаҳо эътибори ҷиддӣ додаанд. Дар бештари фелетонҳои «Анбӯр» дар баробари мазаммати амалҳои номатлуб ҳамзамон кирдору рафтори бархе нафарони тамаъҷӯ ҳамаҷониба маҳкум гардидаанд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов низ амалҳои номатлуб яке аз мавзуъҳои асосии фелетон ба шумор меравaнд, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ содир шудаанд.

Зимни баррасии фелетон мушоҳида гардид, ки муаллиф амалҳои номатлуби шахси воқеиро маҳкум намуда, чунин мегӯяд: «Ошхона, ки бад кор мекунад, «ризқ» ва нафси тамаъкори чойхоначӣ ҳам лабзада аст. Ӯ ба роҳгузарон нонҳои сиёҳи шабпаракмонандро 1 сӯму 50 тинӣ пул мекунад.

– Дар ҳама ҷо нонҳои сафед, ширмол 1 сӯму чаро шумо ин нони хурди сиёҳи нимпухтаатонро 1 сӯму 50 тин мефурӯшед? – мепурсанд роҳгузарон.

– Ман дасти шумоёнро надоштаам, аз нони яксӯма, марҳамат, оварда хӯрдан гиред, – ҷавоб медиҳад Хоҷамуродов истеҳзоомезона.

Дар бораи гӯшаи сурх ва газетаю журналҳо бошад, ҳоҷат ба баён ҳам нест. Вақте ки сухан дар бораи агитатор ва ба чойнӯшон хонда додани газетаҳо меравад, Хоҷамуродов худро ба нодонӣ зада мегӯяд:

– Агитатораш кӣ, ман ин номи навро акнун шунидаам!

Хоҷамуродов бо ҳамин гуна ҳилаву найранг «обро лой карда, моҳӣ дошта» гаштааст. Ин аҳвол ба ҳама оина барин равшан бошад ҳам, вале роҳбарони колхоз ва идораҳои дахлдори район аз назди ӯ чашм пӯшида мегузаранд».

Аз мутолиа ва баррасии навиштаи мазкур метавон чунин хулоса баровард, ки он аз ҷиҳати нозукиҳои жанрӣ ба фелетон монандӣ дорад, зеро дар он як нафар қаҳрамони муайян мавриди мазаммат қарор гирифтааст. Ин навишта боз аз он ҷиҳат таҳқиқро мехоҳад, ки дар он калимаи «агитатор» истифода шудааст. Он низ таваҷҷуҳи моро ҷалб менамояд, ки агитатор бо чойхона чӣ иртиботе дорад? Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки дар замони шуравӣ ба масъалаи тарғибу ташвиқи масоили сиёсӣ эътибори ҷиддӣ медоданд ва чун чойхонаҳо маркази ҷамъ омадани мардуми зиёд буданд, дар соати муайян нафарони масъул он ҷо рафта, бархе мавзуъҳои сиёсиро шарҳу тавзеҳ медоданд.

Дар гӯшаи «Анбӯр» фелетонҳои зиёде чун «Салими бедонабоз» (М. Азимӣ, 1955, №166, 5 август), «Дар як ист гуфтан бистро мезананд» (О. Ором, 1956, №245, 9 декабр), «Берунаш ҳой-ҳою дарунаш вой-вой» (Р. Шокиров, 1955, №173, 31 август), «Нотиқони беамал» (Ҳ. Файзӣ, 1955, №186, 18 сентябр), «Як саволи беғараз» (С. Бобобеков 1955, №189, 23

сентябр), «Раиси калон» (Г. Короев, 1955, №239, 3 декабр), «Кӣ ҷавобгар?», «Сардори навтарин» (Т. Сайфуллин, 1956, №11, 15 январ), «Сӯҳбати Анбӯр бо Ашрафов» (М. Furthermore Бобоҳаитов, 1956, №91, 5 май), «Девор афтад ҳам, ба тарафи мо афтад» (Ҳ. Ҳакимов, 1956, №91, 5 май), «Аз асп фарояд ҳам, аз узангӣ намефарояд» (Т. Сайфуллин, 1956, №112, 3 июн), «Шояд худи раис донад» (Б. Иноят, 1956, №117, 10 июн), «Дар таги коса нимкоса» (У. Тоҷибоев, 1956, №117, 10 июн) ва чанди дигар нашр гардидаанд.

Имрӯз ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ бо талаботи замон мазмуну мундариҷаи хешро тағйир додааст ва ин дигаргунӣ ба он боис гардида, ки баъзе жанрҳои ҳаҷвӣ моҳияти худро аз даст додаанд. Чунончи, фелетон қариб рӯ ба нестӣ овардааст. Дар ин бобат миёни муҳаққиқон ихтилофи назар мавҷуд аст. Ба таъбири Ш. Мӯсоев «ҳарчанд, ки имрӯз барои ҳаҷвнигорон шароити мусоид ва имконияти васеъ фароҳам омада бошад ҳам, ҳаҷв дар ҳолати ташвишомез қарор дорад. Он аз тазодҳои зиндагии воқеӣ хеле ва хеле қафо мондааст. Яке аз шохаҳои ҷанговари он – фелетон тамоман барҳам хӯрдааст» [151, с.10]. Ба андешаи мо, дар ин даврони ҳассосу сарнавиштсози ҷаҳонишавӣ аз байн рафтан ва ё кам шудани фелетон шояд аз он лиҳоз бошад, ки дар ҷомеаи имрӯза иллати «рӯйи хотир» бамаротиб афзудааст ва ҷомеа дигар таҳаммули танқиди шахсияте надорад. Ба андешаи муҳаққиқон ва мушоҳидаҳои мо дар замони шуравӣ ҳар материали танқидӣ аз тарафи матбуот на танҳо хеле хуб пазируфта мешуд, балки барои бартараф кардани иллатҳои дар он зикрёфта часпу талош мекарданд. Имрӯз рӯзномаву маҷаллаҳо ин ҷасоратро аз даст додаанд. Аз чопи ҳаҷвияҳои тезу тунд худдорӣ мекунанд. На ҳама танқидро хуш қабул менамоянду, андаки онро таҳқир ҳисобида, ба қавле «аз пашша фил месозанд». Табиист, ки на ҳар инсон қудрате дорад, ки айби хешро бубинад ва маҳз ин амал баъзан боиси пайдоиши ҳар гуна андешаву тафаккури носолим мешаванд. Ин амал аз бардошти нодуруст, ки боиси ранҷишу кина мегардад, маншаъ мегирад. Пас, боз ин ҷо суоли дигаре пайдо мешавад, ки бардошти нодуруст чӣ гуна сар мезанад? Дар ин маврид метавон гуфт, ки маншаи аслии бардошти нодуруст ва дарк накардани

моҳияти навиштаҳои ҳаҷвӣ ин, пеш аз ҳама, аз ҷаҳони ботинии инсон сахт вобаста аст. Ин иртиботу пайванди ногусастанӣ аз диду нигоҳ ва сатҳи ҷаҳонбинии хонандагон низ сахт алоқаманд мебошад. Он ҳама ҷаҳолату торикӣ ва нотавонбиниҳо, ки маҳсули дурӣ аз маърифату хираданд, ба ҷаҳони ботинии хонандагон таъсири муассир мерасонад.

Ҳини омӯзиш ва баррасии матолиби гӯшаи «Анбӯр» навиштае бо унвони «Кӯли хокин» таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд. Унвони ин навишта, воқеан, хонандаро ба худ ҷалб менамояд ва водор месозад, ки лаҳзае онро дар мазраи тафаккури хеш таҳлилу баррасӣ намояд, ки муаллиф бо ин чӣ гуфтанӣ аст ва ё ӯ чӣ ҳадафе дорад. Ин ҳолатро муаллиф гӯё худ низ дарк карда бошад, ки дар матлаи он чунин навиштааст: «Шояд ба сарфаҳми «Кӯли хокин» наравед. Мо ҳам аввалин бор дар ҳаётамон инро шунида, ангушти ҳайрат ба даҳон бурдем. Хайрият, ки хабардоре пайдо шуду мушкили моро осон намуд.

– «Навоварон»-и хоҷагии коммуналии шаҳри Конибодом, – ба мо мефаҳмонд ӯ, – навигарии аҷоибе ихтироъ карда, ба ин ҷо «Кӯли хокин» ном додаанд. Чӣ маъно дорад, мегӯед-мӣ? Ҳа, дар паҳлуи стансияи электрикии навсохташудаистода, кӯчаи васеи чуқуру рост вуҷуд дошт, ки чанде пеш на фақат машинаю аспу ароба, балки пиёдагардҳо ҳам бемалол нафас кашида мегузаштанд. Ҳоло сар то пойи ана ҳамин кӯча то чанд метр хок пур карда, ба «Кӯли хокин» табдил дода шудааст. Акнун нафақат пиёдагард бо душворӣ ҳам гузашта наметавонад, балки корвони уштур бо бораш «ғарқ» шуда меравад» [30, с. 4].

Ин ҷо тавре мушоҳида мешавад, муаллиф бо назардошти воқеияти иҷтимоӣ иборайи зебои «кӯли хокин»-ро офаридааст. Ин тасвир кинояе ба вазъи кӯчаҳои шаҳри Конибодом аст. Дар навбати аввал хонанда шояд гумон намояд, ки воқеан, чунин як кӯле мавҷуд бошад, аммо бо мутолиаи пурраи он дарк менамояд, ки сухан тамоман дар бораи чизи дигар аст. Яъне, чанд метр чангу хокеро, ки дар кӯчаҳо ҷамъ шудааст, он ҳамаро ба «кӯли хокин» шабоҳат додаанд. Муаллифон иборайи зебоеро пайдо намудаанд, ки ҳар хонандаро бетараф гузошта наметавонад. Ин, пеш аз

ҳама, аз ҳунару малакаи нигорандагии муаллиф сахт вобаста аст. Бархе назарияшиносон муътақид бар онанд, ки сарлавҳаи қолиб ҳамеша метавонад диққати хонандагонро ба худ ҷалб намояд. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст.

Дар ин навиштаи ҳаҷвӣ бо баёни муаммо муаллифон ҳамчунин ҳолати роҳгузаронро тасвир намуда, навиштаанд, ки ҳамаи «роҳгузарҳо аз ин кӯча як илоҷе карда дар пойҳояшон ҷӯбтаёқ баста, «ё пирам, мудири шуъбаи коммуналӣ» гуфта, гузашта истодаанд. «Дар лойгариҳои оянда чӣ тавр мекунанд, мегӯед-мӣ?» дар ин бора ҳоҷати ташвиш нест. Коркунони хоҷагии коммуналӣ ба роҳгузарон тавсия карда истодаанд, ки аз ҳоло завраққу киштиҳои худро тайёр карда, ғами зимистонро хӯранд, вагарна роҳи ҳавоӣ кушодан тӯғрӣ меояд» [30, с. 4].

Бо таваҷҷуҳ ба масъалагузорӣ ва шеваи баёни ин навишта метавон чунин хулоса баровард, ки дар он бештар аломатҳои жанри луқма мушоҳида мешавад. Ҳаҷву тамасхур чун аз унсурҳои асосии жанри луқма ба шумор меравaнд, дар ин навишта баръало мушоҳида мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми эҷоди луқма муаллифро зарур аст, ки аз баёни ҳаҷвӣ хуб истифода бибарад. Бо таваҷҷуҳ ба луқмаи «Кӯли хокин» метавон гуфт, ки муаллиф бо баёни воқеии масъала, яъне тариқи киноя аз ноободии роҳу кӯчаҳои шаҳри Конибодом иттилоъ додааст.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи жанр ва нозукиҳои он чун яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи журналистика ба шумор меравад. Дар ҳама давру замон «ҳар гуна таҳаввули иҷтимоӣ ба журналистика бе таъсир буда наметавонад. Ба ин маънӣ, дигаргуниҳое, ки дар чанд соли охир дар ҷомеа ба вуқуъ пайвастанд, ба журналистика низ таъсири худро расонидааст.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки низоми жанрҳои журналистика дар ВАО, хосса матбуот, воқеан, нисбатан дигаргун шудааст.

Дар ин маврид метавон афзуд, ки ба дигаргунӣ ва рушди анвои ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, чанд омиле сабаб гардидаанд:

1. Афзудани теъдоди нашрияҳои даврӣ ва маҷаллаҳои ҳаҷвӣ дар кишвар.

2. Дигаргун гардидани вазъи сиёсии ҷомеа ва диду нигоҳҳои мардум.

Тавре омӯзиши матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» нишон дод, аҳли эҷоди нашрия аз анвои ҳаҷвӣ чун латифа, фелетон, луқма, памфлет, эпиграмма ва нақиза бештар истифода намудаанд.

Яке аз жанрҳои ҳаҷвӣ, ки дар гӯшаи мавриди назари мо бештар мушоҳида гардид, луқма аст. Луқма аз ҷиҳати ҳаҷм ва таъҷилияш ба хабари васеъ шабоҳат дорад. Муҳаққиқони соҳаи матбуот луқмаро ба хабарҳои дар мавзуъҳои манфӣ навишташуда дар як радиф мегузоранд. Аммо чун ин жанрҳоро муқоиса менамоем, дарк карда мешавад, ки на танҳо ҳадафу мақсад, балки ҳамаи воситаҳое, ки луқманавис истифода мебарад, як хел нестанд, ҳар яке хусусияти ба худ хос дорад. Яке аз бартариҳои ин жанр, ба андешаи мо, он аст, ки дар он доир ба ҳодисае ва ё воқеаи муҳимме иттилоъ дода мешавад. Яъне, ин жанр ҷиҳати иттилоърасонӣ низ дорад. Зимни таҳлилу баррасии матолиби гӯшаи «Анбӯр» мо ба ин ҷиҳати жанри луқма эътибор дода, онро дар матолиби ин гӯша ҷустуҷӯ намудем. Чунончи, дар матлаби «Ба китобфурӯшӣ қасам доданд». Муаллифи ин матлаб ба «Анбӯр» муроҷиат намуда, аз ҳолатҳои нобасомони мағозаҳои шаҳри Конибодом иттилоъ додааст. «Бародарам, «Анбӯр!» Агар «сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр» гуфта, азми сафар кунӣ, мабодо .... ба магазинҳои селпои Қаракчиқуми райони Кони Бодом даромада, китобу дафтар пурсида намон, ки ҳам худро овораю ҳам фурӯшандагонро гаранг мекунӣ. Роҳбарони селпои Қаракчиқум ва мудирони магазинҳои вай: Агар ба дӯконҳо ғайр аз машруботи гуногун дигар чизҳоро биёрем, арақ кӯр кунад»,- гуфта қасами сахт хӯрдаанд. Бинобар он, ба муҷарради шунидани номи китобу қалам ғашашон омада, сарак-сарак карда мемонанд».

Дар ин қисмати луқма тавре мушоҳида мешавад, муаллиф ба яке аз одатҳои номатлуби ҷомеаи он замон, яъне майнӯшӣ ишора намудааст. Ин ишораи муаллиф чун пичингу тамасхур хонандаро ҳушдор медиҳад, ки дар

кишвар шумораи майнӯшон ба маротиб афзуда истодааст. Дар ин луқма роҳбарони селпо ва мудирони мағозаҳо мавриди интиқод қарор гирифтаанд. Дар идомаи луқма муаллиф ба хотири тақвияти андешаҳои худ чунин илова намудааст: «Агар бовар накунӣ, ба магазинҳои назди колхози ба номи Молотов, назди участкаи «Коммунизм» ва назди МТС, ба магазини қишлоқи Маҳрам даромада, назар андоз, ки дар рафи ин магазинҳо шишаҳои машруботи рангбаранг, қатор андар қатору аммо аз китобҳои бадеӣ, сиёсӣ, хусусан дарсӣ ва доир ба хоҷагии қишлоқро бо микроскоп ҳам кофта намеёбӣ. Бачаҳои синни мактабӣ ба он магазинҳо пиёдаю савора рафта, китобҳои дарсии аз синфи якум то даҳумро пурсанд, мудирони магазини аз бӯйи арақу вино саргаранг шудагӣ бо овози баланд: -Охир, дида истодаед-ку, ин ҷо магазин, дӯкони саҳҳофӣ не! Ба шумо китобу коғаз барин чизҳои «майда-чуйда» лозим бошад, давида як сари қадам ба магазинҳои китобфурӯшии шаҳр равед, – гуфта тамасхур ҳам менамоянд...

Аз мутолиаи навиштаи зерин метавон чунин хулоса баровард, ки дар он ду камбудии иҷтимоӣ мавриди тасвир қарор гирифта, ҳамчунон амали номатлуби майнӯшӣ маҳкум гардидааст. Камбудии аввал набудани китобҳо дар мағозаҳо буда, дуюмӣ доман паҳн намудани арақнӯшиву майзадагӣ миёни омма мебошад. Ҷолибии навиштаҳои ҳаҷвӣ низ дар ҳамин аст, ки дар онҳо мушкилот ва муаммои кишвар бо каломи муассир возеҳу равон тариқи аносири ҳаҷвӣ баён мегардад ва ҳар хонандаи худро бо он ки механдонаду завқ мебахшад, ҳамзамон аз мавҷудияти муаммо ва мушкилоти муайяне дар ҷомеа иттилоъ медиҳад. Ва ин иттилоъ мисли неше аст, ки ҳатман табобатро хоҳон аст. Аслан, «ҳаҷв неш аст. Неше, ки нӯш медиҳад. Яъне, беҳисоб фоида мебахшад. Ҳаҷв ин шодиест, ки андуҳ дорад. Воқеан, ин таъкид басо ҷолиб аст, зеро шодиву ғам дар навиштаи ҳаҷвӣ чун ду ҷузъи асосӣ ҳамеша мушоҳида мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки «Анбӯр» ба он таваҷҷуҳ намудааст, ин хунукназарии кормандони идораи алоқа мебошад. Дар луқмаи «То ба кай ҷавоби нест!» муаллиф аз он изҳори нигаронӣ менамояд, ки мардуми

Конибодом саривақт рӯзномаву маҷаллаҳоро дастрас кардан наметавонанд. Аз ин лиҳоз, ба унвонии «Анбӯр» нома ирсол намуда, хоҳиши дахолатро аз ӯ талаб намудаанд. «Анбӯрҷон! Ҳарчанд хостам, ки бе дахолати ту ҳамин мушкилӣ осон гардад, афсӯс ки нашуд. Хоҳ-нохоҳ лозим омад, ки хабари нохуше расонем. Мабодо табъат хира нашавад, ин камбудиро бо як даст ба гиребон шудан бо сардори идораи алоқаи Кони Бодом барҳам доданат будагӣ гап.

«Дарди кампир ғӯза» барин садҳо конибодомиҳо доимо муштоқи газетаю журналҳои наву тоза ҳар ҳафта рӯзи якшанбе бо ҳамин ният ба дӯкони газетафурӯшӣ меоянд.

– Газетаҳои нав диҳед?

– Агар бошад, ба ҷонам медодам.

– Чаро нест?

– Почтаро наовардаанд.

Ҳамеша дар рӯзи якшанбе аҳвол ана ҳамин. Дар ин рӯз кадом вақте газетаҳои навро хонданӣ шуда, ба ин ҷо ки омадӣ, тарбузат аз қӯлтуқат меафтад.

Тасвири камбудии мазкур дар нашрия бозгӯи он аст, ки мардум ҳар ҳафта интизори рӯзномаҳо будаанд. Масъулини идораи алоқа ба ин ҳолат беэътиборӣ намуда, бо мардум ваъдаҳои зиёд медодаанд. Бино ба шаҳодати муаллифи луқма «коркунони ба ин кор вобастаи идораи алоқа «як рӯз ҳеҷ гап не» гӯён дар сояи бепарвофалакии сардори худ ба ҷои иҷрои вазифаашон тӯппиро нимтаҳ карда гаштаанд. Рафиқ Каримов ба онҳое, ки дар ин бора арз кунанд, фавран пеши обро баста маслиҳат медодааст, ки дар рӯзи истироҳат истироҳат кардан даркор, на ин ки газета хондан!

То ба кай аз дӯкони газетафурӯшӣ ҷавоби «нест»-ро мешунавем? Магар «нест»-ро нест кардан мумкин нест? [24, с. 3].

Омӯзиши луқмаи мазкур нишон дод, ки дар он муаллиф бо сабку услуби шевову равон масъаларо таҷассум намуда, онро хеле ҷолиб ҷамъбаст намуда, ки «магар «нест»-ро нест кардан мумкин нест?.

Ин ҷо чун аз боби камбудӣ дар ҷомеаи он рӯз ёдовар шудем, бояд зикр намуд, ки тибқи бархе сарчашмаҳо нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар оғози фаъолият низ бо мухбирони хеш иртиботи ногусастанӣ доштааст. Бархе мухбирон ҳатто ба идораи нашрия омада, аз мавҷудияти ин ё он камбудӣ ва ё падидаҳои номатлуб дар ҷомеа иттилоъ медодаанд. Бино ба қавли муаррих У. Ғаффоров бино ба шаҳодати яке аз кормандони куҳансоли нашрия Э. Муҳсинзода «яке аз рӯзҳо мухбира Наҷми Набиева, ки дар умраш фаранҷӣ нагирифта буд, ба редаксия бо фаранҷӣ омад. Вай дар бораи одаме, ки духтари қадраси худро ба ивази чизу чораҳои бисёре зӯран ба шавҳар доданӣ шудааст, хабар расонида, тез рафт, ки он вақтҳо аз одамони ба редаксия омада рафтагӣ гумони бад бурдаю ба онҳо бо ягон баҳона зарар мерасониданд» [68, с. 17]. Аз ин порча метавон хулоса кард, ки ҳанӯз дар ибтидои фаъолияти худ нашрия ба иллату камбудиҳои ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамудааст.

Гӯшаи «Анбӯр» аз замони таъсис то ба имрӯз ҳамеша баҳри рафъи камбудиву норасоиҳои ҷомеа талош намудааст. Тавре дар яке аз шумораҳои бахшида ба 30-солагии «Анбӯр» дар бораи фаъолияти он чунин омадааст: «Умри мо аз рӯзи аввали ба дунё омаданамон ба муборизаи зидди ҳар гуна қаллобону майпарастон, холабеғамону мансабпарастон, ҳаннотону шуҳратпарастон, дурӯягону куҳнапарастон, коргурезон... барин зотҳои рафтору кирдор ва хислатҳояшон ба ҷамъияти мо бегона сарф мешавад». Ҳамзамон, дар бобати ҳадафҳои худ ёдрас шуда, чунин мегӯяд, ки ӯ барои баъзе «башараҳоро фошу масхара карда ва шармандаву шармсор намуда, барои пешравӣ дар пешбарии ҳаёти хоҷагию маданӣ ва одамони софдилу поквиҷдон кумак» расонидан талош менамояд.

Аз мутолиа ва омӯзиши рӯзнома маълум гардид, ки дар гӯшаи «Анбӯр» луқмаҳои зиёде нашр гардидаанд, ки фарогири мавзуъҳои мухталиф мебошанд. Чунончи, «Анбӯри азиз!»-и Р. Додо (1955, №171, 28 август), «Ба болои сӯхта намакоб»-и Ғ. Ҷӯраев (1955, №176, 4 сентябр), «Кӯли хокин»-и Қ. Йӯлдошев (1955, №176, 4 сентябр), «Ба китобфурӯшӣ қасам доданд»-и Наимҷон Шукур (1955, №184, 15 сентябр), «Аз «Анбӯр ба

«Занбӯр» бо имзои Анбӯр (1956, №54, 11 март), «Ҳоҷипушаймон»-и О. Шамсӣ (1956, №58, 18 март), «Ба ҳавли меравам»-и Миршоҳид (1956, №132, 1 июл) ва чанди дигар сафҳаҳои нашрияро зинат бахшидаанд.

Табиист, ки яке аз талаботҳои асосии инсон воқиф шудан аз хабари тоза мебошад. Яке аз василаҳои иттилоотрасонӣ телефон мебошад, ки мардум аз он ба таври васеъ истифода мебаранд. Ҳангоми омӯзиш мо дар гӯшаи «Анбӯр» луқмаеро дучор омадем, ки ба ин масъала бахшида шудааст. Ин луқма дар боби мушкилоти соҳаи алоқа иттилоъ медиҳад. Навишта бо унвони «Алло, алло» нашр гардидааст, ки дар он аз бемасъулиятии кормандони соҳаи алоқа иттилоъ дода мешавад. Тавре дар нигошта омадааст, бо вуҷуди он қадар арзу шикояти мардум то ба имрӯз аз ин мушкилӣ озод нашудаем. Омилҳои ин ҳамаро ҷӯё шуда, муаллиф хитоб менамояд, ки «азбаски шикояти ҳаққонии мо ба гӯши роҳбарони фориғмаслаки шуъбаи алоқа овози пашша барин ҳам надаромадааст, ҳанӯз мо аз азоби телефонӣ халос нашуда истодаем».

Дар ин луқма ҳамчунин камбудии дигари хадамоти почта мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз кашолкорӣ ва ноуҳдабароии кормандони почта ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки «дирӯз мо ба сардори почта арз карданӣ шудем, ки барои чӣ газетаҳои вилоятиро баъзе районҳои дур ба тарзи ҳаррӯза мегиранду вале обуначиёни райони Ленинобод дар рӯзи дуюм».

Ин таъкиди муаллиф, воқеан, хеле ҷолиб аст, зеро он суолест, ки масъулинро ба андеша водор месозаду талаб менамояд, ки дар ин самт ҳар чи зудтар дарислоҳи вазъ кӯшиш намоянд. Яъне, ин суол аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки он чун ҳушдорест ба масъулини хадамоти почта. Ин шеваи нигориш боз аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки ин суол чун ба таври умумӣ баён гардидааст, он метавонад масъулини почтаҳои тамоми вилоятро аз хоби ғафлат бедор намояду онҳоро водор созад, ки ба кори худ такон бахшанд.

Яке аз нозукиҳои жанри луқма он аст, ки дар он факте баррасӣ гардида, ҳамаҷониба тариқи киноя маҳкум мегардад. Аз омӯзиши

луқмаҳои гӯша бармеояд, ки дар онҳо камбудиву норасоие ҳатман зери мазаммат қарор гирифтаанд. Дар ин бобат муҳаққиқ И. Усмонов хуб таъкид намуда, ки «воқеаи наве, ки дар луқма ҳаст, факт аст ва онро факти барангезанда номидан мумкин аст. Ҳамин факт муаллифи луқмаро ба навиштан во медорад ва одатан луқма аз он оғоз меёбад» [126, с. 118].

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои муҳаққиқ мо дар раванди омӯзиши гӯшаи «Анбӯр» луқмаеро мушоҳида намудем, ки дар он аз ихтироъкории корчаллонҳои заводи нонпазии шаҳри Конибодом маълумот дода шудааст. Луқма «Хелҳои нави нон» унвон дошта, дар он оид ба истеҳсоли хелҳои нав ба нави нон аз ҷониби ихтирокорони корчаллони заводи нонпазии шаҳри Кони Бодом сухан меравад. Аз ҷумлаи хелҳои нави нонҳои ихтироъкардаи онҳо: нони туруш, турушчаи камнамак, турушчаи сернамак, нони хом, хоми сероб, хоми камоб, нонҳои хасдор (шояд ба ҷои нони пиёздор бошад), нони ресмондор (шояд нони ба девор овехта мемондагӣ бошад) дар байни аҳолии шаҳр шуҳрат пайдо карда истодаанд.

Ба наздикӣ аз даруни нони тахминан 1,5-2 килогӣ канабе баромад, ки нафақат ба миёни директори завод рафиқ Ҳисомов, балки ба миёни инспектори санитарӣ рафиқ Пажданов ҳам миёнбанд мешавад.

Яке аз шартҳои асосии луқма ин истифодаи киноя дар он мебошад, ки ин нуктаро мо дар ин навишта бараъло ҳис мекунем, чунончи муаллиф нонпазонро зери тозиёнаи танқид гирифта, амалҳои онҳоро ихтироъкорӣ шуморидааст, ки хеле ҷолиб аст. Муҳаққиқ И. Усмонов низ кинояро асоси луқма шуморида, чунин таъкид менамояд, ки дар луқма «унсури асосӣ киноя аст. Яъне, луқма бе киноя навишта намешавад. Киноя маҳкум кардан, хандидан, писханд задан ба ҳолу ақидаи дигарон: ба ҳақиқати дигарон ё таҳрифи ҳақиқат аз ҷониби дигарон, рафтори дигарон аст. Луқманавис ба касе хандидан мехоҳад» [126, с. 118].

Ба андешаи мо, худ ин шеваи эҷоди матолиби ҳаҷвӣ шаҳодати он аст, ки дар он замон гӯшаи «Анбӯр» чун василаи фошсозии иллату норасоиҳо ва камбудиҳои ҷомеа машҳур гардида буд. Чунончи, дар рӯзнома баъзе луқмаҳое дарҷ гардидаанд, ки ин гуфтаҳои моро собит менамоянд.

Масалан, дар навиштаи «Анбӯр ёрӣ расонд» аз ҷумла чунин омадааст: «Дар №58 Анбӯр 2 сентябри соли ҷории газетаамон бо сарлавҳаи «Харад зам кун» хабаре баромада, дар вай кирдорҳои ношоистаи мудири магазини №3, сабзавотфурӯшии коопторги Ленинобод Пӯлотов танқид карда шуда буд.

Ба қарибӣ сардори шуъбаи ташкилотии Иттифоқи матлуботи вилояти Ленинобод рафиқ Д. Рауфов ба редаксия мактуб навишта, маълум намуд, ки фактҳои дар хабар зикршуда исбот гардиданд. Мудири магазини №3 Пӯлотов ҳамчун вайронкунандаи тартиботи савдо ... бо фармони директори коопторг аз вазифааш холӣ карда шуд. Барои минбаъд беҳтар ба роҳ мондани савдои мадании советӣ ва бо махсулотҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ таъмин карда истодани магазинҳои даршаҳрбудаи коопторги Ленинобод чораҳои конкретӣ андешида шуданд.

Луқмаи мазкур гувоҳи он аст, ки дар ҳақиқат гӯшаи «Анбӯр» бо он ҳама матолиби ҷолибаш дар бартараф намудани бархе норасоиву камбудиҳои иҷтимоӣ нақши назаррасе доштааст.

Памфлет низ дар сафҳаҳои «Анбӯр» зиёд ба назар мерасад, ки дар онҳо низ амалҳои номатлуб ва камбудиҳои ҷомеа ҳамаҷониба инъикос гардидаанд. Чунончи, памфлете бо унвони «Пешгӯяндагони тақдир». Ин памфлет чун гузориши махсус дар бораи қаҳрамони махсус таълиф гардидааст. Бино ба таъкиди муаллиф рӯзе «як рӯзи бозори чоршанбеи шаҳри Ленинободро «пешгӯяндаи тақдир» иҷора гирифта буд. Дар болои қуттии пур аз қоғазҳои печдарпечи ӯ «тақдирҷунбон»-парандае менишаст.

– Як сӯм диҳеду тақдиратонро озмоед! – ба ҷону ҳолатон намонда даъват мекард касе. Аввалин шуда, пирамарде яксӯмаи худро қурбон карда, «тақдирномааш»-ро гирифта, хонду хандид:

– Тавба, – гуфт қоғазчаро пора-пора кардаистода, – ба наздикӣ тӯйи абераамро мебинаму боз гӯё кадом як соҳибҷамоле ба ман ошиқи беқарор бошад. Ҳе, фолат саратро хӯрад!

– Ҳе, мана инро бинед! – ҷавоне қоғазчаро хонда мегуфт, – гӯё ман аз пирсолиам афсӯс нахӯраму аз паи саломатии худ шавам, будааст» [28, с. 4].

Дар ин памфлет муаллиф дар бораи фолбине, ки сарнавишти инсонҳоро гӯиё маълум менамояд, иттилоъ дода, ҳамзамон аз он андешаҳои ҷолиби қаҳрамонаш, ки ҳама бофтаву сохта мебошанд, ёдоварӣ намудааст. Масалан, фолбин ба писарбачаи тахминан 12-13-сола гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки аҳли хонаводаи шумо аз шумо хурсанд нестанд. Бояд шумо бо зану фарзандатон меҳрубон бошед!

Бино ба иттилои муаллиф ин фолбинҳо он қадар зиёд шудаанд, ки дар ҳама шаҳру ноҳияҳо онҳоро дидан мумкин аст. Аҷиб он аст, ки бо таваҷҷуҳ ба номи муаллиф мо имзои мустаори ҷолиберо мушоҳида намудем. Муаллифи памфлет Ҷӯраи аламзадаи Ҷалолзода аст. Ба андешаи мо, шояд муаллиф аз фолбинҳо озори зиёде дида бошад, ки худро аламзада ном ниҳодааст. Дар фарҷоми памфлет муаллиф боз ба Анбӯр имдодталабона чунин мурочиат намуда, хоҳиш мекунад, ки ин гуна «пешгӯяндагони тақдир» на фақат дар шаҳри Ленинобод, балки дар Советобод, Нову Пролетар ва шаҳру районҳои дигари вилоятамон ҳам одамони содаро ба доми фиреби худ фароварда мегарданд. Хусусан, рӯзҳои бозор кори онҳо авҷ мегирад. Наход «тақдирҷунбонҳо» набошанд, ки тақдири ин «пешгӯяндагони тақдир»-ро ҷунбонда монанд.

Дар гӯшаи «Анбӯр» боз памфлетҳои «Берунаш ҳой-ҳою дарунаш вой-вой», А. Каримҷон «Кӯза шикаст», Э. Мӯминов «Обу адо нашавем» (1956, №11, 15 январ), Т. Сайфуллин «Кӣ ҷавобгар?», А. Василенко «Эълону шаҳодатномаҳои Анбӯр», «Фармони қатъӣ», «Рокировка (1956, №32, 12 феврал), А. Нарзиев «Акнун худат дахолат накунӣ» (1956, №32, 12 феврал), «Раиси Калон» (1955, №29, 11 декабр), «Ба мо ёрӣ расон» (1956, №32 12 феврал) ва чанди дигар нашр гардидаанд. Омӯзиши памфлетҳо нишон дод, ки чи аҳли эҷоди рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ва чи муштариёни гӯшаи «Анбӯр» он иллату камбудиҳои ҷомеаро ба таври муфассал инъикос намудаанд.

Бино ба таъкиди назарияшиносон жанрҳое мавҷуданд, ки ҳадафи сиёсӣ ё маънавиашон дар ҷойи аввал қарор мегирад ва мактуб, мақола ва памфлет аз ҷумлаи онҳо мебошанд ва шояд памфлет асоситарини онҳо

бошад. «Дар памфлет мақсад ҳазли маҳз нест, яъне маҳкум кардан, танҳо хандидан ё хандондан нест, балки дар заминаи ин ҳазлҳо андешаи ҳикматомези худро гуфтан, ақида ва муносибати хешро дар хусуси ин зуҳурот баён кардан аст». [126, с. 120].

Омӯзиши матолиби гӯшаи «Анбӯр» нишон дод, ки дар бештар маврид ба унвонии он номаҳои зиёди шикоятӣ омадаанд, ки дар он хонандагон бо умеди ҳалли мушкилоташон аз иллату камбудиҳои ҷойдошта маълумот додаанд. Ин амал, аввалан, аз нақшу мақоми ҳаҷв дар бозтоби мушкилоту муаммои ҷомеа дарак диҳад, баъдан далели муътамаде ба он буда метавонад, ки «Анбӯр» дар миёни мардум маҳбубияти хосса дошт. Чунончи, дар номаи «Мактуб ба Анбӯр» омадааст: «Анбӯрҷони азиз! Ман ба ту ҳамчун дӯст арзи ҳол, рози дил менамоям, гӯш дор. Ман ҳамчун коргарзани фаъоли заводи рехтагарӣ-механикии шаҳри Кони Бодом аз соли 1948 инҷониб кор мекунам. Якчанд вақт пеш аз ин духтурҳо аҳволи саломатии маро ба назар гирифта, барои ба инвалиди меҳнатӣ гузаштан ба шуъбаи таъминоти сотсиалии шаҳрӣ фиристонда буданд.

Аммо мудири шуъбаи таъминоти сотсиалии шаҳр Такаббурнисо Тоҳирова ҳуҷҷатҳои маро дида, «Ин ҳуҷҷатҳоятон нопурра, инаш нодуруст, пагоҳу паси фардо биёед» гӯён овора карда гаштааст. Ман бошам, хеле вақт боз идора ба идораи шаҳр даву ғеҷ карда, кори худро баробар карда натавониста гаштаам».

Номаи мазкур аз чанд ҷиҳат судманд аст. Аввалан, он шаҳодати маҳбуб ва маъруф будани саҳифаи «Анбӯр» миёни мардум аст. Дуюм, муроҷиат барои ҳалли муаммои ҷомеа худ нишони эътимоди аҳли ҷомеа ба ин гӯшаи ҳаҷвӣ ба шумор меравад.

Памфлети мазкур ба шакли мусоҳиба навишта шуда, аз хунукназарии масъулини хоҷагӣ ба мушкилоту норасоии мардум иттилоъ медиҳад. Бино ба гуфтаи И. Усмонов «дар памфлет мақсад ҳазли маҳз нест, яъне маҳкум кардан, танҳо хандидан ё хандондан нест, балки дар заминаи ин ҳазлҳо андешаи ҳикматомези худро гуфтан, ақида ва муносибати хешро дар хусуси ин зуҳурот баён кардан аст. Аслан, хандаи маҳвкунандаи памфлет

гиряи дардноки нависанда аст» [126, с. 120]. Бешак, памфлети мавриди назари мо ин ҳамаро собит менамояд, зеро дар он бо сабки шевову равон муаллиф бо ҳазл аз муваффақиятҳои хоҷагӣ ёдрас шуда, ҳамзамон аз мавҷудияти норасоиҳои ҷомеа иттилоъ додааст.

Дар идомаи памфлет боз мардум аз норасоиҳо ёдовар шуда, чунин мегӯянд: «Хайр, – сухани ҳозирҷавобро бурида гуфт шахси дигар. «Аз анбори холӣ садман шолӣ» гуфтаанд, мо ин ваъдаҳоро хеле зиёд шунидем. Гӯё, ки дар қишлоқи мо кай сартарошхона кушода мешавад?

– Сартарош-сартарош, – сари худро xорида гуфт боз ҳамон намояндаи правленияи колхоз, – истед, ки ба шумо сартарош чӣ лозим? Охир, ҳар яке аз шумо занҳои чевар доред.

– Э, зани чевар ба мӯйсари мо чӣ дахл дорад? – сухани ҳозирҷавобро бурида пурсид як қотмагии дигар. – Ҳозир, мегӯям, – сухани худро давом дод ҳозирҷавоб. -Ана, ҳамон занҳоятон дар вақтҳои зарури мӯйсари шуморо бо қайчии чокбурӣ гирифта монанд ҳам мешавад. Кор тамом, вассалом!... –Эй, қандатона хуред акаи маслиҳатчӣ, – гуфт қадре пичингомезона як ҷавоне, мӯйсари расидаи худро бо панҷаҳояш шона мекард. Кошки худи келинбибиям якборакак мӯйсари шуморо бо қайчӣ тоза мекарданд.

... – Ҳой акаи сергапу камкор, – аз паси ӯ фарёд кард, як марди чорпаҳлӯ,-дар қишлоқ кай устохонаи пойафзолремонткунӣ кушода мешавад? ... – Ҳой бародарон, – худи ҳамин вақт ба сари гап расида омад, мудири «чойхона» Абдувоҳид Шарифов, – ба «Анбӯр» нависед, ки бо марҳамати правленияи колхоз дар вақтҳои охир чойхонаи сурх ба бинои порунигоҳдорӣ, анбор, табелчихона табдил дода шудааст.

– Моро ҳам нависед, – ба гап ҳамроҳ шуд як фаъоли қишлоқ. – Гӯед, ки нимаи бинои мактабро ҳам ба анборхона табдил додаанд.

– Боз баъд аз салом нависед, ки дар Қотмаи боло дар давоми қариб 8 соли охир на барои колхозчиён ва на барои талаботи маданӣ ягон бино сохта нашудааст, – гуфт яке аз намояндагони Қотмаи боло. – Ба ҷои ин дар ин ҷо молхона, анбори калон ва саройро ғалтонида, ба замин яксон карда

мондаанд, – илова кард дигаре. – Ҳамаи ин айби роҳбарони колхози ба номи Сталини райони Ленинобод аст, ки Қотма яке аз участкаҳои калони ӯст».

Гӯшаи «Анбӯр» дар саҳифаҳои худ ашъори ҳаҷвиро низ ҷой додааст, ки ба масоили гуногун бахшида шудаанд. Тавре мушоҳида намудем, шеъре бо унвони «Суханчин» нашр гардидааст, ки бешак ба нафарони суханчину ҳангомасоз бахшида шудааст. Аз нигоҳи талаботи жанрӣ ин шеър памфлети хуб аст, ки дар он яке аз падидаҳои номатлуби ҷомеа суханчиниву дурӯягӣ мазаммат карда шудааст:

Чӣ хуш гуфт Саъдӣ-сухандони кулл,
Ба боғи сухан беҳтарин даста гул:
«Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст» [5, с. 4].

* * *

Хандонлаби пӯсидадаҳон аст суханчин,
Ширинсухани заҳрзабон аст суханчин,
Озори дили хурду калон аст суханчин,
Аз зишттарин рӯхунукон аст суханчин [5, с. 4].

Яке аз жанрҳои ҳаҷвии маъмул ин нақиза мебошад, ки баъзе намунаҳои онро дар саҳифаҳои «Анбӯр» мушоҳида намудем. Тавре равшан аст, яке аз вежагиҳои асосии ин жанр дар он аст, ки он дар асоси ду санъати бадеӣ-тазмин ва назира эҷод карда мешавад. Ҳамзамон, дар нақиза бештар мавзуъ ва усул, шаклҳои қолабӣ, куҳнашуда ва дигар зуҳуроти ба назм нолоиқ масхара карда мешаванд. Хусусияти дигари нақиза дар он аст, ки он ҳам ба шакли наср ва ҳам ба назм навишта мешавад.

Ба андешаи назарияшиносон дар ҳолати ба шакли назм навиштани нақиза бештар аввал байт ё мисраи ашъори шоире, ки сабаби навишта шудани пародия гардидааст, иқтибос ва номи муаллиф зикр мешавад, баъд матни пародия оварда мешавад. Бе иқтибоси ашъор, асар, сабки эҷодии шоир, рафтори муаллиф мавриди ҳаҷву истеҳзо қарор мегирад.

Ба ин маънӣ, дар яке аз шумораҳои «Анбӯр» шеъри М. Аминзода зери унвони «Ҳама рафтанд» нашр гардидааст, ки мушкилоти ҷомеаро бозгӯйӣ намудааст. Нақизаи мазкур гӯё чун марсияи чорвоҳое, ки аз бепарвоии роҳбарони баъзе колхозҳо харобу беҳол шудаанд ё ба вафоти хешу ақрабо ва ёру дӯстони онҳо бахшида шудааст. Аз як нигоҳ, дар ин шеър тамсил низ мушоҳида мешавад. Он бо фарёду фиғон оғоз мешавад:

Фарёду фиғону дод, ки ёрон ҳама рафтанд,
Ҷон дода ба сармои зимистон, ҳама рафтанд!
Бе оғили гарми пуру хасмон ҳама рафтанд,
Бо ишками гушна, тани ларзон ҳама рафтанд,
Аз беғамии баъзе «калонон» ҳама рафтанд [4, с. 4].

Тавре мушоҳида мешавад, дар воқеъ ин нақиза аз забони чорпоён баён гардида, ки инъикосгари муаммо ва мушкилот мебошанд. Агар ин нақизаро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, бешак, пеши назар чандин камбудиҳои ҷиддие, ки масъулини ин соҳа намудаанд, ҷилвагар мешавад. Маҳорати шоир низ ин ҷо баръало ба назар мерасад, ки бо шеваи бисёр ҷолибу муассири хеш аз забони чорпоён дарду аламашонро баён намудааст. Аз як ҷониб, ин шеърро метавон чун як ҳушдори басо ҷиддӣ ба масъулини соҳа шумурд, зеро бидуни муболиға метавон гуфт, ки дар паси ҳар калимаву ибора ва сатри ин шеър норасоӣ ва камбудиеро пайдо намуд. Чунончи, агар ба оғози шеър таваҷҷуҳ намоем:

Фарёду фиғону дод, ки ёрон ҳама рафтанд,
Ҷон дода ба сармои зимистон, ҳама рафтанд! [4, с. 4].

Тавре дида мешавад, дар мисраи аввал аз рафтани ёрон иттилоъ дода шудааст, дар сатри дуюм бошад, сабаби аз олам рафтани онҳо таъкид гардидааст, ки ба иллати сармои зимистон он гову гӯсолаҳо фавтидаанд. Ин ишора, ки аз сармои зимистон чорвоҳои хоҷагӣ фавтидаанд, худ як ҳушдорест, пеш аз ҳама, ба масъулини хоҷагиҳои чорвопарварии вилоят. Бояд зикр намуд, ки шоир дар ин шеъри худ аз тасвирҳо низ бомаҳоратона истифода намудааст, чунончи:

Ғам хӯрда ба танҳоии чӯпон, ҳама рафтанд.
Ку он бузи серриш, ки саркардаи мо буд,
Дар бераҳаҳо ҳам ба ҳама роҳнамо буд?
Бар ҳар сари санге чу уқобони ҳаво буд,
Нотарс, далер аз ҳама, хуллас, ки «бало» буд.
Афсӯс, дар охир шуда қурбон, ҳама рафтанд [4, с. 4].

Аз кам ва нест шудани шумораи чорпоён ёдовар шуда, шоир ба масъулин мурочиат намуда, аз онҳо пурсон мешавад, ки канӣ:

Ку он рамаи дунбакалони ҳисорӣ?
Гӯед, канӣ он ҳама аспу хари корӣ?
Ширу қатиқу равғани мо буд наҳорӣ,
Некиву бадӣ карда, бикуштед ба хорӣ.
Нон хӯрда, шикастед намакдон, ҳама рафтанд [4, с. 4].

Дар мавриди носипосиву ношукрӣ ёдовар шуда, муаллиф аз он изҳори нигаронӣ менамояд, ки масъулин ба намакдон носипосӣ намуда, дар фасли сармо андешаи гову гӯсфандонро накардаанд. Ва ин бечора ҳайвонҳои безабон ба он ҳама сардиву хунукиҳо ва беэътибориҳо тоб наоварда, ҳамеша:

Худро ба таги яклаба девор кашида,
Мех аст ва ё бех, ба умед газида,
Оби даҳан аз ҳасрати хошок чакида,
Дар зиндагии худ шиками сер надида,
Аз чабри шикамсер раисон, ҳама рафтанд [4, с. 4].

Ин нақизаи ҷолиб дар заминаи шеъри маъруфи «Азизон ҳама рафтанд»-и шоиру мутафаккири маъруф Ҷалолиддини Балхӣ навишта шудааст, ки матлаи он чунин аст:

Ғофил манишин бин, ки азизон ҳама рафтанд,
Ковусу Каю, Қайсару Қубод ҳама рафтанд... [4, с. 4].

Хуллас, ҳадафи ин нақиза бо шеваҳои ҳаҷвӣ ошкор ва маҳкум сохтани фаъолияти фермаҳои чорводорӣ ба шумор меравад.

Дар гӯшаи «Анбӯр» нақизаҳои зиёди М. Аминзода «Барқи ханда» (1957, №112, 3 июн), бо имзои Анбӯр «Завқи ман бедор шуд» (1958, №112, 3 июн), А. Насимӣ «Дилам месӯзад» (1958, №122, 3 июл) ва чанди дигар нашр гардидаанд, ки ба масоили гуногун бахшида шудаанд.

Мутолиа ва баррасии гӯшаи «Анбӯр» маълум намуд, ки бархе нақизаҳо дар асоси шеърҳои дигар шоирон низ гуфт шудаанд. Масалан, ҳини мутолиаи бастаи нашрия нақизаеро зери унвони «Дар шаъни жвачка» мушоҳида намудем. Нақизаи мазкур тазмин ба шеъри ҳаҷвии М. Ҳайдаршо мебошад:

Жвачка дар даҳон чун тӯби футбол,
Забон аз лунҷ ба лунҷаш занад гол.
Лабон ҷунбида мегӯянд: шуд хол!
Жвачка, эй жвачка, эй жвачка.
Туро гиранд мардум пачка-пачка.

Дар заминаи шеъри мазкур чунин нақиза нигошта шудааст:

Барам чун куҳна шуд баъди скачка
Либоси парнасамро бар прачка.
Ҳамин ки пул гирифтам пачка-пачка,
Туро бар хона орам ман ба тачка,
Жвачка, эй жвачка, эй жвачка [26, с. 4].

Нақизаҳо бо он ки тариқи шеър бештар таълиф гардидаанд, ҳамзамон ба масоили мухталиф бахшида шудаанд. Тавре раванди омӯзиш маълум намуд, баъзе нақизаҳо ба масоили маънавӣ низ бахшида шудаанд. Чунончи, дар нақизаи «Чу бинам», ки бар асоси шеъри Гулназар навишта шудааст, бархе амалҳои номатлуби ҷомеа мазаммат карда шудаанд:

Чу донам «Шашмақом» имрӯз ноҷур аст,
Чу бинам оина дар хидмати кӯр аст,
Ба лавҳи хотири мо лавҳаи гӯр аст,
Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад,

Ба ҳоли зиндагӣ сӯзад (Гулназар).

Нақиза чунин оғоз меёбад:

Чу бинам гургро бар галлае ҳамроҳ,
Чу бинам шерро дар хидмати рӯбоҳ,
Даме бидҳанд нисбат devro бар моҳ,
Дилам бар моҳ месӯзад,
Дилам чун коҳ месӯзад.
Чун оқилро ба ҷоҳил ҳамтабақ бинам,
Чун олимро гирифтори арақ бинам,
Ба дасти ёр ҷойи гул табақ бинам,
Дилам бар ёр месӯзад,
Дилам чун хор месӯзад.
Чу бинам зумраеро кунду нодонанд,
Валекин хешро аллома мехонанд,
Ба гӯри Рӯдакиҳо санг ғурронанд,
Дилам бар ҳоли мо сӯзад,
Зи дарди бедаво сӯзад [14, с. 4].

Анвои ҳаҷвӣ – публитсистӣ ба жанрҳои мухталиф тақсим мешаванд, ки ҳар яки он вежагиҳои хоси худро дорад. Яке аз он жанрҳои маъмули ҳаҷвӣ-публитсистӣ ин эпиграмма мебошад. Аслан, мафҳуми «эпиграмма» аз вожаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш «навиштаҷот», «катиба» гуфтан аст. Ба ин жанри ҳаҷвӣ аввалин шуда нависандагони Юнони Қадим-Катулла ва Марсеал оҳанги ҳаҷву мазҳакавиятро дохил намудаанд. Баъд аз ин ҳаҷв чун ҷузъи ҳатмии эпиграмма шинохта шуд ва он ҳамчун жанри ҳаҷвӣ ба майдон омад. Раванди омӯзиши гӯшаи «Анбӯр» собит намуд, ки тариқи эпиграммаҳо камбудӣ ва амалҳои номатлуб баррасӣ ва муҳокима гардидаанд. Эпиграмма назар ба гуфти назарияшиносон ҳамчун василаи тавонои маҳкум ва хандасор кардани иллатҳои иҷтимоӣ ва ноадолатиҳои ҷамъият ба шумор меравад. Асоси эпиграммаро ҳаҷв ташкил медиҳад.

Ҳар он чизе, ки дар ин жанри ҳаҷвӣ гуфта мешавад, саропо аз киноя ву рамз иборат аст. Вазифаи аслии эпиграмма маҳкуми бадиҳо мебошад.

Тавре мушоҳида гардид, дар баъзе шумораҳои «Анбӯр» эпиграммаҳои зиёде дарҷ гардидаанд. Чунончи, яке аз онҳо, ки «Эълону шаҳодатномаҳои Анбӯр» унвон дорад, чанд масъалаеро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар яке аз он эълонҳо омадааст, ки агар ҳар кас фаҳмиданӣ бошад, ки ғайрат чӣ маънӣ дорад, аз роҳбарони райони Шаҳристон пурсад. Онҳо дар бораи ба ҳаёт татбиқ намудани қарори Пленуми январи партияамон чунон ташаббус нишон дода истодаанд, ки дар моҳи декабр мувофиқи район ба ҳисоби миёна аз ҳар сар модагов кам не-ғам не, расо 3 литрӣ шир дӯшида шудааст. Мабодо, аз ин рекорди шармандагӣ ҳаммусобиқаҳои ӯротеппагӣ бохабар шуда намонанд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин эпиграмма ба тарзи киноя аз муаммои мавҷудаи ҷомеа ёдовар шудааст. Он ҳама вазъи номусоиди хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳристонро тасвир намуда, муаллиф ба тарзи киноя иттилоъ медиҳад, ки бо ғайрати калон ширдӯшони ин ноҳия рекордҳои нав гузоштаанд, яъне аз ҳар сар модагов 3 литрӣ шир дӯшида истодаанд.

Дар эпиграммаи дигар аз вазъи номусоиди чойхонаҳои шаҳри Ленинобод иттилоъ дода шудааст. Бино ба гуфти муаллиф имрӯз аксари чойхона-қироатхонаҳои шаҳри Ленинобод шоҳмот, домино, биллиардҳои худро гум кардаанд. Агар коркунони управленияи маданияти вилоятӣ дараки онҳоро ёфта тавонанд, бо як чойник оби ҷӯш мукофотонида мешаванд.

Аз омӯзиши эпиграммаҳои нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» метавон пай бурд, ки муаллифон бо он ҳама кинояҳои нешдори худ аслан чӣ гуфтанӣ ҳастанд ва ё ҳадафи эшон чӣ ҳаст. Масалан, дар солҳои шастум пойафзоли резинӣ, яъне калӯш хеле камчин гардида буд ва маҳз ин муаммо дар яке аз эпиграммаҳо чунон баён гардидааст, ки на ҳар хонанда метавонад ҳадафи муаллифро ба зудӣ пай бибарад. Масалан, ба маълумоти бошандагони Ленинобод расонида мешавад, ки агар калӯшҳои размерҳои зарурӣ лозим бошад, зинҳор беҳуда овора шуда,

остонаи магазинҳоро охурча накунанд. Ин вақтҳо калӯшро аз бағали ҳаннотони бозори «Чоршанбе» ёфтан мумкин, ки дар сояи давлати коркунони органҳои дахлдор болу пар зада мегарданд.

Нуктаи ҷолиби ин эпиграмма дар он аст, ки муаллиф дар чанд ҷумла, яъне мухтасар аз камбудии иҷтимоӣ дарак додаасту ҳамзамон омилони зуҳури мушкилотро ифшо намудааст. Яъне, муаллиф хеле боадабона аз муаммо ёдоварӣ менамояду ба иззати нафси касе нарасида, танҳо ишораи ҷолибе менамояд. Бо омӯзиш ва баррасии анвои ҳаҷвӣ метавон зикр намуд, ки шеваи баёни эпиграмма хеле ҷолибу муассир ба назар мерасад, зеро муаллиф тамоми воқеаро бо ҷузъиётҳояш возеҳу равшан баён менамояд. Аммо тавре мушоҳида мегардад, муаллиф бо кинояҳои нишонрас ҳадафи худро баён намудааст, яъне ҳар он чи ки мақбулу писандида нест, онро қайд намудааст. Чунончи, дар яке аз эпиграммаҳои «Анбӯр» омадааст, ки ба маъмурияти кинотеатрҳои шаҳри Ленинобод ҳуқуқ дода шудааст, ки қарори Совети шаҳриро писанд накарда, тамошоро дар соати муайянкардашуда сар накунанд ва дар сеансҳои шабона бачагони аз 16-сола поёнро чӣ қадаре ки хоҳанд мондан гиранд.

Тавре мушоҳида мешавад, ҳар он чи ки ин ҷо баён гардидааст, аслан баръакс мебошад. Яъне, ба андешаи муаллиф маъмурияти кинотеатрҳо набояд аз қарори Шурои шаҳрӣ сарпечӣ намоянду кай ки хоҳанд намоишро оғоз намоянд, ҳамчунон бачаҳои аз 16-сола поён бояд ба сеансҳои шабона роҳ дода нашаванд. Метавон гуфт, ки ҳарчанд шеваи баёни эпиграмма он қадар сӯзонанда ва нешзан нест, аммо баъзан ин гуна шеваи гуфтор хеле таъсирбахшу муассир аст, зеро хонанда бо мутолиаи он дарҳол дарк менамояд, ки, аслан, ҳар он чи ки дар эпиграмма омадааст, мухолиф ба андешаҳои муаллиф аст.

Аз омӯзишу баррасии матолиби «Анбӯр» бармеояд, ки баъзан эпиграммаҳо ба шакли фармон низ омадаанд. Чунончи, дар яке аз навиштаҳо, ки «Фармони қатъӣ» ном дорад, чунин омадааст: «Управлениями сети электрики шаҳри Ленинобод фармон медиҳад:

1) Ҳамаи роҳбарони муассисаҳои шаҳр нигоҳ карда шаванд, ки беиҷозати управлениями сети электрикӣ ягон касро аз кор на холӣ кунанд ва на қабул;

2) Минбаъда тартиботи зерин муқаррар карда шавад;

а) касоне, ки зан мегиранд ё шавҳар кунанд, аз управлениями сети электрикӣ рухсат гиранд;

б) бе иҷозати сети электрикӣ ба тӯю тамошо, бозору ҳаммом нараванд;

в) ба автобус савор нашаванду «таксӣ» савор шаванд. Дар вақти пиёдагардӣ на тезу на суст қадам монанд, ё аз тарафи чап ва ё аз тарафи рост гарданд. Дар роҳ бо ҳамдигар гапзанон кардан манъ карда мешавад.

Эпиграммаи зерин хонандаро ба андеша кардан водор менамояд, ки ҳадафи муаллиф чӣ бошад? Бо таваҷҷуҳ ба эпиграмма танҳо метавон он нуктаеро шарҳ дод, ки «ба автобус савор нашаванду «таксӣ» савор шаванд» худ шояд, ишора ба он бошад, ки кормандони муассиса ба автобусҳо савор нашуда, бештар таксисавор мегарданд. Ва ин вожаи «таксисавор» дар ин ҷумла, гӯё норизоии муаллифро аз кормандони сети электрикӣ ифода менамояд. Шояд ҳадафи муаллиф танқид намудани харҷи зиёди кормандони муассисаи мазкур бошад.

Дар эпиграммаи дигар, ки ба қалами П. Бурҳонов мансуб аст, аз номи правлениями селпои Ёва ба мудири мағоза Мушарраф Зиёбоева чунин имтиёзҳо пешниҳод гардидааст, ки ӯ метавонад «дари магазинро кай хоҳад кушояд, кай хоҳад пӯшад. Агар ба хушаш наояд, бегоҳӣ як-ду соат барвақт ҳам рафта метавонад; б) агар касе таъриф кунад, гӯшашро най кунад, агар шикоят кунад, гӯшашро кар кунад; в) метавонад ба аҳолӣ ба ҷойи равғани лампа арақу вино, атру упо пешкаш кунад. Агар фавқулода акси ин ҳол рӯй дода монад, ҳаргиз ба равғани лампа наздикӣ накунад» [17, с. 4].

Тавре мушоҳида мегардад, ҳар он чи ки дар ин эпиграмма омадааст, аввалан хонандаро ба андеша намудан водор менамояд, ки наход чунин бошад. Бо омӯзиш ва мутолиаи амиқи эпиграммаи мазкур метавон пай

бурд, ки аслан сухан дар бораи чӣ меравад, яъне муаллиф тариқи кинoя нуқсу камбудиҳои қаҳрамони худро баён намуданӣ шудааст. Ин ҷо наметавон аз маҳорати нигорандагии муаллиф сарфи назар намуд, зеро маҳз тахайюли бою рангини ӯ боис гардида, ки нуқсу камбудиҳои як нафар ба чунин шеваи ҷолибу рангин баён гардад.

Мутолиа ва баррасии сафҳаҳои «Анбӯр» нишон дод, ки баъзе намунаҳои эпиграмма дар шакли номаи табрикӣ оварда шудаанд, ки басо ҷолибу рангин ба назар мерасанд. Масалан, Анбӯр дар яке аз номаҳояш ки «Ба мухбири касмахар...» унвон дорад, чунин мегӯяд: «Шуморо ба муносибати барзиёд иҷро намудани плани таваккалчигӣ аз як кунҷи дил табрик менамоям. Бисёр нағз мешуд, ки ба дурӯғчигиатон дурӯғгӯӣ накарда, аз пайи баровардани саводатон шавед»... Бо саломи қаланфурдор АНБӮР!

Ё ин ки дар номаи дигар ки «Ба саринженери заводи хишт рафиқ Пшеничный» унвон дорад, чунин омадааст: Хиштҳои пухтае, ки дар соли гузашта баровардед, дар мусобиқаи гӯштингирӣ бо хиштҳои хом дамхӯр шуда монданд. Дар соли нав умедворам, ки кор аз сар лой нашаваду лой аз сар кор шавад. Бо саломи чамбарагулчин Анбӯр!

Тавре мушоҳида мешавад, эпиграмма дар гӯшаи «Анбӯр» ба шаклҳои мухталиф оварда шудааст, ки бархе муаммо ва мушкилоти ҷойдошта дар онҳо маҳкум гардида шудааст. Ҳамзамон, дар нашрия эпиграммаҳои дигар чун Кунҷков-Бародар Анбӯр (ҲЛ 1956, №112, 3 июн), Анбӯр «Хонандаи муҳтарам» (ҲЛ 1956, №112, 3 июн), Қ. Йӯлдошев «Харад зам кун» (ҲЛ 1958, №58, 2 сентябр) ва чанди дигарро метавон мушоҳида намуд, ки ба масъалаҳои гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ бахшида шудаанд.

Дар маҷмуъ, дар бештари эпиграммаҳо на танҳо тамасхуру кинояи зиёди муаллиф эҳсос мегардад, балки нафрати ӯ ба камбудиҳои иҷтимоӣ бештару ҷиддитар ҷилвагар мегарданд. Бо тасвирҳои муассир инъикос гардидани шароит ва вазъи номусоиди бархе корхонаву муассисаҳо бешак, на танҳо масъулинро, балки хонандагони одиро низ ба андеша намудан водор менамояд.

Ба ин маънӣ, дар маҷмуъ аз мутолиа ва баррасии мундариҷавии матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» метавон чунин бардошт намуд:

1. Он ҳама эпиграммаҳои ин гӯша, пеш аз ҳама, дар бозгӯии мушкилоту муаммо ва норасоиҳои ҷомеа ба таври назаррас саҳм гузоштаанд. Аз нигоҳи дигар, ба ин шева баёни вазъи ҷомеа ҳар хонандаро метавонад ба андеша водор намояд, ё ин ки ба он ҳама муаммо ва мушкилоти рӯз эътибор бидиҳад ва ё аз роҳи эҳтиёткорӣ амал намояд.

2. Аз баррасии эпиграммаҳои ҷолиби «Анбӯр» метавон гуфт, ки бо он ҳама рангиниву шевоии баёни иллату камбудиҳои ҷомеа аҳли эҷоди нашрия равзанаи фарохеро дар самои чашмону дар ҷаҳони андешаву тафаккури омма боз намудааст.

3. Бо назардошти вазъи ҷомеа муаллифони фаъоли «Анбӯр» талош намудаанд, ки дар боби камбудиву норасоиҳои ҷомеа чун майпарастӣ, ҳаромкориву нотавонбинӣ, макру фиреб ва бахилӣ, амалҳои номатлуб чун майпарастиву ошнобозӣ ва кашолкорӣ навиштаҳои ҷолиб таълиф намоянд.

Бо мутолиа ва баррасии матолиби ҳаҷвӣ метавон чунин хулоса намуд, ки аҳли эҷоди нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ба хусус, гӯшаи «Анбӯр» аввалан дар хандонидани мардум талоше намудаанд. Ин ханда бошад, шабеҳи хандаи муқаррарӣ нест, зеро ин хандаи талху ҷиддӣ ҳар хонандаро лаҳзае ғарқаи андеша менамояд. Ин ханда дар худ дард дорад, сарзанишу мазаммат ва неши сӯзонанда дорад. Зеро бо шеваи ҳаҷв инъикоси ҳақиқати талхи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, он нафарони гунаҳкору айбдорро ба хатои хеш мутаваҷҷеҳ месозад. Дар ин замина, нуктаеро бояд илова намуд, ки на дар ҳама ҳолат матолиби ҳаҷвӣ писанди хонандагон гашта метавонад, зеро чун дар он баъзан ҷиҳатҳои ахлоқии инсонҳо низ мавриди мазаммат қарор мегиранд ва ҳар он нафаре, ки дорои он сифатҳои ҳаҷвшуда аст, албатта, наметавонад онро хуш қабул намояд. Яъне, дар паси ҳар матолиби ҳаҷвӣ мо метавонем ханда, дилсӯзӣ, мазаммату масхара ва сарзанишу танбеҳро мушоҳида намоем.

Хуллас, матолиби ҳаҷвӣ дар ҳама давру замон сабақомӯз буда, хонандаро ба табассуме намудан ва андеша кардан водор месохт ва месозад. Табиист, ки ханда низ худ аз худ пайдо намешавад, он дар мизони ақл баркашида шуда, дар қолаби андеша дар мазраи тафаккур зуҳур менамояд ва инсонро водор месозад, ки боре ба ҷаҳони ботину зоҳири худ назар намояду амалеро анҷом бидиҳад ва ин амал низ метавонад мухталиф бошад. Суоле пайдо мешавад, ки чаро?! Дар ин маврид бояд гуфт, ки ҳар нафар чун навиштаи ҳаҷвӣ ё ҳаҷвияеро мутолиа менамояд, бидуни ихтиёр баъзан табассум ё ханда менамояд, аммо бархе шояд бо хондани чунин ҳаҷвияҳо ба қаҳру ғазаб оянд. Яъне, матолиби ҳаҷвӣ чунон қудрате доранд, ки метавонанд бевосита дар тарбия ва ташаккули инсон саҳми муассир гузоранд. Он ҳама чун теғи ҷарроҳӣ тамоми захмҳои ҷомеаро бартараф намуда, ашхоси ғафлатзадаро аз хоби ноз бедор намуда, ба беморони мубталои захмҳои мухталиф шифо мебахшад ва ё дар роҳи бартараф намудани иллатҳои он кумак мерасонад.

Омӯзиши матолиби ҳаҷвӣ собит намуд, ки бо василаи ҳаҷв инъикос намудани камбудиву иллатҳои ҷомеа аз чанд ҷиҳат бартарӣ дорад:

1. Иллату камбудиҳову норасоиҳои ҷомеа тариқи анвои ҳаҷвӣ фош гардида, дар баробари хандонидан ва завқ бахшидан ба хонандагон ҳамчунон аз ҳастии мушкилоту муаммо дар кишвар иттилоъ медиҳанд.

2. Тариқи ҳаҷв баён намудани иллату камбудиҳои ҷомеа на танҳо ашхоси масъулу гунаҳкор, балки нафарони дигарро низ метавонад аз хоби ғафлат бедор намояд, яъне навиштаи ҳаҷвиро чун ҳушдор ба омма қабул менамояд.

Аммо дар ин замина нуктаеро бояд илова намуд, ки матолиби ҳаҷвӣ дар баробари ҷолибу рангин будан ҳамчунин баъзе норасоиҳо низ доранд. Дар бархе матолиби ҳаҷвӣ умумигӯй мушоҳида мегардад ва қаҳрамони навишта ё худ мухотаби асосии муаллиф номуайян аст. Ин номуайянӣ шояд таъсиргузор набошад, аммо чун ҳушдор ба аҳли ҷомеа метавонад хидмат намояд. Ҳамзамон, агар ин номуайяниро чун норасоии матолиби ҳаҷвӣ шуморем, аз нигоҳи дигар, он низ ба манфиати кор аст. Масалан,

дар баъзе ҳолатҳое, ки навиштаи ҳаҷвӣ ба таври умумӣ дар мавриди дурӯғ ва ашхоси дуруғгӯй навишта мешавад, он метавонад ба ҳар нафаре, ки ин хислатро дӯст медоранд, таъсиргузор бошад. Пас, метавон хулоса кард, ки ҳар навиштаи ҳаҷвӣ ҳушдор ба аҳли ҷомеа мебошад. Ин ҳушдорро бештар онҳое дарк менамоянд, ки сатҳи тафаккуру маърифати онҳо васеъ мебошад.

Аз омӯзишу баррасии мавзуъ бармеояд, ки аҳли эҷоди нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ба сухан чун неруи бузургу муқтадир, сӯзонандаву созанда муносибат намуда, ҳангоми таълифи осори ҳаҷвӣ аз рӯйи эҳтиёткорӣ амал намудаанд ва аз ҳаҷв чун омили аслии растагории ҷомеа аз мушкилиҳову камбудиҳо ва норасоиҳои ҷомеа ба таври ҳамешагӣ истифода намудаанд. Ин муносибати самимӣ ва таваҷҷуҳи бевосита ба анвои ҳаҷвӣ шароити созгореро ба вуҷуд овард, ки дар як муддати кӯтоҳ гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» миёни ҷомеа маҳбубияти зиёде пайдо намуд. Ва маҳз ин маҳбубият боз беш аз пеш масъулияти ҳаҷвнигоронро баланд намуда, тақозо намуд, ки ҳарчи бештар ба анвои ҳаҷвӣ таваҷҷуҳ бештар гардад.

Ҷиҳати тарбиявӣ яке аз вежагиҳои хоси ҳаҷв ба шумор меравад, зеро аз азал мардуми тоҷик ба ин шеваи муассири баён чун василаи инъикоси иллату камбудиҳои ҷомеа таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Баёни он ҳама камбудиҳо ва мазаммати амалҳои номатлуби бархе ашхоси ҷомеа, аз як ҷониб, агар ҷанбаи иттилоотӣ дошта бошанд, аз нигоҳи дигар, ҷанбаи тарбиявии онҳо бештар ба назар мерасад. Зеро бо баёни як муаммои ҷомеа нигорандаи матолиби ҳаҷвӣ ҳамзамон таъкиди нишонрасе менамояд, ки ин падидаи номатлуб бояд ҳарчи зудтар дар миқёси кишвар бартараф карда шавад. Метавон хулоса намуд, ки ин навиштаҳои ҳаҷвӣ худ чун ҳушдори ҷиддӣ ба аҳли ҷомеа равона карда шудаанд. Пас, метавон чунин бардошт намуд, ки яке аз вежагиҳои хоси ҳаҷви публитсистӣ ин бартарият доштани ҷузъи тарбия дар он мебошад. Яъне, дар навиштаи ҳаҷвӣ муаллиф дар баробари тасвири камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати нафарони алоҳида, аз як тараф, қаҳрамони асари худро тарбия менамояд, аз ҷониби дигар,

хонандаро аз роҳи бад, амали зишт нигоҳ медорад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти ин таъсирбахшӣ ба омма муаллифи навиштаи ҳаҷвиро лозим аст, ки ҳангоми таълиф ба нозукиҳои анвои ҳаҷвӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Зеро таҷриба ва амалия имрӯз собит намудааст, ки бидуни огоҳӣ аз нозукиҳои анвои ҳаҷвӣ ва завқу шавқи ҳаҷвнигорӣ наметавон навиштаи ҷолибу рангинеро омода намуд, ки муассир бошад.

Дар маҷмуъ, раванди омӯзиши матолиби гӯшаи «Анбӯр» нишон дод, ки он ҳама норасоиҳои ҷомеа ва камбудиҳои иҷтимоӣ чун майнӯшӣ, роҳҳои ноообод, мушкилоти ошхонаҳо, саривақт нарасидани рӯзномаву маҷаллаҳо ба шаҳру ноҳияҳо, маҳкум намудани фиребгарон ва муомилаи бади мансабдорон бо ҳар гуна шеваҳои муассир мавриди танқид қарор гирифта, ҳамаҷониба инъикос гардидаанд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки «Анбӯр» ҳамеша бар зидди норасоиҳои ҷомеа ва иллату камбудиҳои ҷомеа мубориза бурдааст ва дар ин самт аз тамоми шеваҳои муассири баён ва анвои ҳаҷвии публитсистӣ чун фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма ва нақиза ба таври васеъ истифода намудааст. Навиштаҳои ҷолиби гӯша, пеш аз ҳама, гувоҳи он аст, ки «Анбӯр» гӯиё дар инъикоси ноҷӯриҳои замона худро муваззаф шуморида, ба тамоми масоил ва иллатҳои мавҷудаи ҷомеа дахолат намудааст. Ҳарчанд дар ибтидо шояд хонанда гумон намояд, ки ин ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ танҳо барои завқ бахшидан ба аҳли ҷомеа бошанд, аммо бо мутолиаи амиқи онҳо ҳар хонандаи закӣ дарк менамояд, ки ҳадафи аслии муаллиф чист ва ӯ чӣ гуфтан мехоҳад. Яъне, маншаи тамоми осори ҳаҷвӣ воқеаву ҳаводиси муҳимми ҷомеа ба шумор меравашд. Ва маҳз воқеаву ҳаводиси муҳим бо тахайюлу бофтаҳои муаллиф омезиш ёфта, боиси таълифи навиштаи ҷолиби ҳаҷвӣ мегарданд. Нуктаеро бояд илова намуд, ки чун бештари навиштаҳои ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» аз ҷониби хонандагони нашрия таълиф гардидаанд, муайян намудани ба кадом жанр мувофиқ будани навиштаҳои ҳаҷвӣ то андозае мушкил аст. Чунки на дар ҳама навиштаҳо нозукиҳои анвои ҳаҷвӣ риоя гардидаанд. Аммо, новобаста ба ин матолиби ҳаҷвии саҳифаи «Анбӯр» ҳар яке мушкилоти ҷомеаро тасвир намудаанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки гӯшаи «Анбӯр» дар инъикоси камбудиҳои иҷтимоии рӯзгори он замон, ҳақиқатҳои талхи он даврон нақши сазоворе гузоштааст. Дар ин самт, аз ҳама анвои ҳаҷви публитсистӣ чун фелетону памфлет, луқмаву эпиграмма ва нақиза фаровон истифода намудааст. Хулоса, «Анбӯр» дар самти мӯайян намудани вежагиҳои жанрии бархе анвои ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, таҳлилу баррасии амиқи он ҳама метавонад судманду нофеъ бошад. Бешак, метавон гуфт, ки «Анбӯр» бо он ҳама матолиби ҷолиб ҳамзамон дар шаклгирии анвои ҳаҷви публитсистӣ низ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

## 3.2. Таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ- публитсистии нашрия

Равшан аст, ки олами эҷод нозукиҳои хос дорад ва на ҳар нафар метавонад, он чи мехоҳад баён намояд, зебо тасвир бисозад. Ба хотири он ки чун дар ҳаҷвияҳои адабӣ ва анвои ҳаҷвӣ аносири воқеияту тахайюли рангин ҷой дода мешавад, мо тасмим гирифтем, ки дар ин қисмати рисола ин масъаларо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳем.

Яке аз нозукиҳои хоси ҳаҷв ва анвои он, пеш аз ҳама, бардошт аз воқеияти зиндагӣ ва иллату норасоиҳои ҷомеа ба шумор меравад. Омили дигаре, ки, воқеан, дар муассирӣ ва ҷолибии матолиби ҳаҷвӣ заминаи мусоид мегузорад, мушоҳидакору ҳақиқатнигор будани муаллифи он мебошад. Ва ин ҳама дар натиҷаи омезиш бо унсурҳои бадеӣ ва тахайюли бою рангин маншаи эҷоди ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистӣ мегардад. Суоле пеш меояд, ки ҳаҷв чун василаи муассири баён ба воқеият чӣ иртиботе дошта метавонад, дар ҳоле ки тахайюл низ дар он мушоҳида мегардад? Дар ин маврид танҳо ҳаминро метавон гуфт, ки бидуни омӯзиши ҳаёту воқеияти ҷомеа ҳаҷвнигор наметавонад, матолибе омода созад, ки дархури он замона бошад. Дар ҳоле, ки матолиби ҳаҷвӣ ба талаботи айёму табиати инсонӣ созгору мувофиқ наояд, наметавон аз ҷолибии навиштаҳои ҳаҷвӣ ёдовар шуд. Омилҳои сатҳӣ ва умумӣ будани матолиби ҳаҷвиро мавриди омӯзиш қарор дода, муҳаққиқ Ш. Мӯсоев чунин таъкид менамояд, ки

«афсӯс, омӯзиши ҳаёти воқеӣ ва тахайюли рангин мақоми хешро то ба ҳол пайдо накардааст. Аз ин рӯ, ҳаҷви мо сатҳӣ ва умумӣ мебошад» [151, с.10].

Дар ин радиф, мо наметавонем андешаҳои мавсуфро ҳадди ниҳоии ин масъала шуморему бо он қаноат намоем, зеро раванди мутолиа ва омӯзиши матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» нишон дод, ки бештари навиштаҳо дар асоси воқеияти иҷтимоӣ таълиф гардида, ҳамзамон бо услуби бадеӣ омезиш ёфтаанд. Ва ин омезиш ба андешаи мо, омили муассиру ҷолиб гардидани он ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ гардидааст. Тавре мушоҳида намудем, дар яке аз шумораҳои нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар гӯшаи «Анбӯр» мактубе бо унвони «Анбӯри азиз!» нашр гардидааст, ки муаллифи он аввалан бо тасвирҳои зебо вайронаву харобазор будани баъзе кӯчаҳои шаҳри Хуҷандро инъикос намудааст. Аз ҷумла, дар мактуб омадааст: «Хоҳишмандам, ки «Аз нӯги хамир фатир» карда, як боракак бо миқдори тавоноии худ аз гӯши чапи коркунони хоҷагии коммуналии шаҳри Ленинобод сахтакак кашида мон, то ки онҳо чашмони шираолудашонро калонтар кушода, кӯчаҳои баландию чуқурчазор, ифлосу «пудраи бепул» пошандаи Озодӣ, Мопр, Чорбоғ, Горкий, ҳуҷум ва Набережнаяро бемалол бинанд. Агар ҳавсала карда аз кӯчаҳо гузашта монӣ, ҳамон замон маҷбур мешавӣ, ки пойафзолатро ба пардозчию либосатро ба тағораи ҷомашӯӣ командировка кунӣ. Охир, ба ин аҳвол то кай тоқат кунем!

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин мактуб муаллиф воқеиятро бо бадеият омезиш дода, ибораи «пудраи бепул»-ро дар мавқеяш истифода бурдааст. Ҳадафи муаллиф дар ин ҷо хоку чанг аст, ки ҳамарӯза аз он кӯчаҳои номбурда ба осмон мехезад. Маҳз ин ибора вазъи он кӯчаҳоеро, ки мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд, возеҳу равшан тасвир намудааст. Ҳамчунин, вожаи дигаре, ки, ба андешаи мо, хонандаро водор месозад, ин калимаи русии «командировка» мебошад, ки маводро ҷолибу рангин гардонидааст. Шояд бо назардошти он ки маводди мазкур ҳаҷвӣ аст, муаллиф ин вожаро дар ин ҷо муҳим донистааст. Бо мутолиаи ин

навишта як табассуме дар лабҳо пайдо мешавад, аммо ин табассум аз пайи худ боз дарде дорад. Ба қавле «ҳаҷв ин шодиест, ки андуҳ дорад» [151, с.10].

Дар ин маврид метавон чунин илова намуд, ки ин андуҳ ба хотири он ҳама норасоиҳо ва иллатҳои ҷомеа мебошад, ки муаллифони ҳаҷвияҳо ва матолиби ҳаҷвӣ онҳоро инъикос менамоянд.

Боиси қайд аст, ки аксари матолиби ҳаҷвӣ бо тариқи назм низ таълиф гардидаанд ва мусаллам аст, ки назм бидуни тахайюл ва бадеият буда наметавонад. Дар гӯшаи «Анбӯр», пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи моро шеъре бо унвони «Арзи ариза» ҷалб намуд. Ин шеър ба қалами шоир М. Аминзода тааллуқ дорад. Дар шеър чунин омадааст:

Ариза арз кард охир ба сардор,
Ки «ман дар дела мехобам-чӣ бекор?
Ба кори соҳиби ман чорае ҷӯед,
Ҷавоби «ҳаю не» бар вай бигӯед [6, с. 4].

Чунончи, мушоҳида мешавад, дар ин шеъри ҳаҷвӣ ариза ба забон омада, аз сардораш хоҳиш менамояд, ки ӯро боре ҳам варақ занаду ҷавоби ҳаюнеяшро ба соҳибаш расонад, охир аз хобидан ҳам ба ҷое расидааст. Аслан, худ унвони шеър ҷолиб аст ва ҳар нафаре, ки ин шумораи нашрияро варақ занад, ҳатман ин шеърро бозавқ мутолиа менамояд.

Чу ман бисёрҳо дар дела таҳ-таҳ,
Бихобиданд ҳафта-ҳафта, маҳ-маҳ.
Намеоем мо ҳаргиз ба хотир,
Мағору пӯпанак бастем, охир! [6, с. 4].

Шоир аз забони ариза гӯё иттилоъ медиҳад, ки ман тули чандин моҳ боз дар кадом як «дела» қабат-қабат монда шуда, хоби ноз дорам. Аз он ки мо дар дохили ин «дела»-ҳо хоби ноз дорем, касе моро ёд ҳам намекунад, аз ин ҳама интизориҳои бепоён мағор бастаем. Дар ин порча тавре мушоҳида мешавад, боз калимаи русии «дела» оварда шудааст. Аз як нигоҳ ин шеър басо ҷолибу ҳаҷвӣ ба назар мерасад, аммо дар асл он бисёр маънои танқидиву эътирозомезе дорад. Масалан, ин ҳадафи худро шоир метавонист, дар кадом як навиштае бо як ё ду ҷумлае баён созад, аммо бо

назардошти ҷолибияти матолиби ҳаҷвӣ бавежа, шеъри ҳаҷвӣ мақсади худро тариқи назм ифода намудааст:

Зи номи соҳибон ҳастем мо арз,
Чӣ гап, ки оқибат аз арзҳо арз!»
Ҷавобаш дод сардори идора:
«Манам якка, шумоён бешумора.
Магар коре ҷуз ин дигар надорам,
Дигар ташвишу дарди сар надорам?!
Биёбад то ба худ роҳи гурезе,
Зи нав зад бар дарун худро ба тезӣ.
Кунун, Анбӯр, кори ин кашола,
Ба ҷои чорабин бошад ҳавола! [6, с. 4]

Нуктаи ҷолиби ин шеър боз дар он аст, ки сухан дар бораи кадом қаҳрамон ва кадом ариза меравад, номаълум ва номуайян аст. Ин шева ба андешаи мо, аз чанд ҷиҳат писандида аст. Аввалан, ҷиҳати хубии ин шеваи нигориш, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ин таъкиду ишораҳо метавонанд ба ҳама раису сарварони хоҷагиҳо ва умуман, муассисаҳои мухталиф таъсири худро расонад ва онҳоро ба масъулиятшиносӣ водор намоянд. Баъдан, шеваи мазкур гӯиё як навъ ҳушдорест ба он ҳама шахсони масъул, ки нисбати арзи мардум нописандӣ менамоянд.

Муҳофизати табиат ва ҳифзу нигоҳубини сарватҳои табиӣ аз зумраи муҳимтарин мавзуъҳое ба шумор мераванд, ки дар сафҳаҳои матбуоти тоҷик хеле зиёд ба он таваҷҷуҳ шудааст. Ба андешаи мо, ин ҳама бесабаб нест, зеро аз азал мардуми тоҷик ба нигоҳубини ниҳолу дарахтон арҷ мегузоранду шикастани навдаи сабзро хуш қабул надорад.

Аммо, ҳастанд бархе нафароне, ки дар фасли зимистон ба хотири манфиати хеш ба дарахтон озор расонида, баъзан онҳоро решакан месозанду ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд. Бо назардошти он ки дарахтон чун манбаи тоза нигоҳ доштани боду ҳаво хидмат менамоянд, аҳли эҷоди гӯшаи «Анбӯр» низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, навиштаи ҷолибу хондание таҳия намудаанд. Нигошта «Ба болои сӯхта намакоб»

унвон дошта, хонандаро бетараф гузоштан наметавонад. Дар он аз ҷумла омадааст: «Анбӯр маҳкам ба стул часпида гирифта нишастану пашша киш гуфта, ё ба қоғазу телефонбозӣ машғул шуданро дӯст намедорад. Вай душмани сахти ин ҳама хислатҳои бюрократист».

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин оғози навишта муаллиф бо киноя ишорае ба нафарони масъул менамояд, ки бархе аз онҳо ба ҷуз утоқи кории хеш шояд ба берун нигоҳ ҳам намекунанду парвои оламу одам надоранд. Онҳо корашон рӯзи дароз фармон додану қоғазу қоғазбозӣ ва ё сармасти суҳбат шуда, рӯзи худро шом менамоянд. Аммо, маълум нест, ки ҳадафи аслии муаллиф кӣ ва ё киҳо бошанд. Нуктаи ҷолиб дар ҳамин аст, ки хонанда дар оғоз дарк намесозад, ки сухан дар бораи кадом масъулин меравад, аммо чун навиштаро пурра мутолиа месозад, дарк менамояд, ки сухан дар бораи чисту ҳадафи муаллиф чӣ мебошад. Муаллиф хеле зебо тасвир менамояд, ки «Анбӯр» гӯиё ба сафар ё ба рейди махсус баромадааст. Ба ин сабку шева баён намудани мақсаду маром, пеш аз ҳама, аз маҳорату малакаи ҳаҷвнигории муаллифи навишта дарак медиҳад. Яъне, дар ин навишта воқеият бо тахайюли бадеӣ омезиш ёфта, хонандаро водор месозад, ки онро батамом бихонад. Аз рейди «Анбӯр» иттилоъ дода, муаллиф чунин менависад: «Дирӯз Анбӯр кӯчаҳои маркавии шаҳрро давр зада, аз ободонии он хурсанд мешуд. Вай кӯчаҳои калони ба номи Орҷоникидзе, Сталин, биноҳои навро тамошо мекарду даҳони ба баногӯш расида ҳеҷ табъи латифи ӯро хира намуд. Бисёр дарахтони атрофи кӯча баробари дидани Анбӯр ба забони ҳол омада, ба арзу дод даромаданд.

– Аз рӯят гардем, Анбӯрҷон! – гуфтанд онҳо, баргҳои пажмурдаи худро шилдирос занонда, – як вақтҳо мисли кӯдак хурд будем. Моро меҳрубонона бо ду дасти одоб бардошта оварда, ба ҷой-ҷоямон шинонда буданд. «Тезтар калону сабз шавед, ба одамон соя диҳед», – гуфтанду баъд ба ҳоли худамон партофтанду рафтанд. Моҳҳо, солҳо мегузаранду рӯйи меҳрубонӣ, нимнигоҳи ҳеҷ касро намебинем. Мо бисёр будем. Афсӯс, ки қисми мо хилачӯби маркабсаворон, аспакчаи бачагон шуда рафт. Ғайри ин ҳар сол як бор ё ду бор ҳезумкашҳои шуъбаи алоқа ба баҳонаи аз симҳои

телефон дур кардани мо шоху навдаҳои моро мусичаи думкалта барин карда монданду дар амал бошад, барои зимистон ҳезум тайёр мекунанд» [8, с. 4].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин қисмати навишта дарахт гӯиё ба забон омада, аз бераҳмиҳои мардум нисбати онҳо иттилоъ медиҳад. Дар ин навишта муаллиф аз тасвир низ ба хубӣ истифода бурдааст. Чунончи, дар нигошта омадааст, ки «бисёр дарахтони атрофи кӯча баробари дидани Анбӯр ба забони ҳол омада, ба арзу дод даромаданд». Ин ҷо метавон ҳунари нигорандагии муаллифи ин навиштаро эътироф намуд, ки бо як усули зебои тасвир он ҳама дарду алами дарахтонро баён намудааст. Дар адабиёт аз ин шеваи тамсилӣ зиёд истифода мешавад ва хуб ҳам ҳаст, ки дар матбуоти даврӣ низ ин шеваи писандида мавриди корбурд қарор гирифтааст. Нуктаи ҷолиби дигари навишта боз дар он аст, ки дарахт ба дод омада, аз муносибати хунукназаронаи мардум шикоят менамояд ва чунин шиква мекунад, ки касе ба доди мо намерасад, моро «ба ҳоли худамон партофтанду рафтанд. Моҳҳо, солҳо мегузаранду рӯйи меҳрубонӣ, нимнигоҳи ҳеҷ касро намебинем.

Дар ин замина, бояд як нуктаро илова намуд, ки навиштаи мазкур ҳамчунон аз мавҷудияти масоили экологӣ дар ҷомеа дарак медиҳад. Ин навиштаро метавон гуфт, ки аҳаммияти таърихӣ низ дошта метавонад, зеро он аз муаммои экологӣ аллакай дар нимаи солҳои 50-60 хабар додааст. Имрӯз бошад, тамоми ҷомеаи ҷаҳониро масоили экологӣ сахт ба ташвиш овардааст ва мусаллам аст, ки парваришу нигоҳубини дарахтону ниҳолҳои гуногун аз умдатарин вазифаи аҳли ҷомеа ба шумор меравад. Дар ин маврид файласуфи машҳур Сенека хуб таъкид намудааст, ки «тафаккур аз инсон чӣ таманно дорад? Кори бисёр саҳле – зиндагии ба табиат муносибе». Дарахт дар идомаи шикояти худ бо таассуфи зиёд боз чунин гилагузорӣ менамояд, ки ба ҳамаи он мо сабру тоқат кардем, акнун «Ба болои сӯхта намакоб» аз марожнафурӯшон ба дод омадем. Фурӯшандагони ин роҳатиҷонро бинем, аз реша то барамон ба ларза медарояд. Моро бо намакоб обёрӣ мекунанд, ки таъсири он ба мағз-мағзи

устухонамон рафта мерасад. Наход коркунони шуъбаи коммуналӣ ва «Зелонстрой» нафаҳманд, 132 сол аз намакоб қимоб ҳастем.

Анбӯрҷони азиз! Илтимоси мо аз ту ҳамин, ки масъаларо худат якбор ба назди Совети шаҳриамон бурда, кӯндаланг карда мон. Шояд аз ту шарм карда, ба ҳоли мо раҳму шафқат намоянд» [8, с. 4].

Воқеан, ҳар хонандаро ин навишта сахт ба ташвиш ҳам меоварад, зеро он масъалае нест, ки ба он бепарвоӣ зоҳир намоем. Дар ҳоли ҳозир низ аҳаммият ва зарурати дарахтонро барои кишвар таъкид намуда, мутахассисон шинонидани дарахтонро ҳамасола тавсия медиҳанд. Бино ба шаҳодати мутахассисон кишвари мо гӯё ба 16 миллион дарахт ниёз дорад. Бино ба шаҳодати мутахассисон як дарахти ҳаҷмаш миёна дар давоми як шабонарӯз 180 м оксиген ҳосил мекунад, ки ба нисфи талаботи як одам дар давоми 24 соат рост меояд. Яъне, дар ин шабу рӯзҳо ба ҳар нафар 2 бех дарахти миёнаҳаҷм зарур аст, ки аз оксиген таъмин гардад. Агар инро ба аҳолии имрӯзаи кишвар, ки аз 8 миллион нафар мегузарад, ... дар ҷойҳои сераҳолии мамлакат бояд 16 миллион ниҳолу дарахтони сояафкан ва ороишӣ ё мевадор мавҷуд бошад, ки ҳавои муҳити зистро аз оксиген ғанӣ гардонад». Ё худ «1 гектар майдони дарахтзор метавонад 30 ҳазор нафарро бо ҳавои тоза таъмин кунад. Пас барои аҳолии беш аз 8-миллионаи ҷумҳурии мо дар минтақаҳои сераҳолӣ 267 га дарахтзор зарур аст.

Дар навиштаи мазкур масъалаи ҳассос мавриди бозгӯйӣ қарор гирифтааст. Инсон чун узви табиат ҳамеша бо ӯ дар пайвастагӣ ва алоқамандии том вуҷуд дорад ва табиат асоси зисту зиндагӣ, саломатӣ ва зебоии инсон аст. Вале дар ҷаҳони муосир ҳоло истифодаи сарватҳои зеризаминӣ (соле аз қаъри Замин зиёда аз 100 млрд истихроҷ карда мешавад), ифлоскунии манбаъҳои оби нӯшокӣ, несткунии дарахтони бешазор ба газу партовҳои заҳролудкунии ҳаво боиси ташвиши зиёд дар сайёраи мо гардидааст. Мувофиқи нишондоди Созмони Милали Муттаҳид дар натиҷаи мудохилаи бемавриди одамон ҳоло 10%-и заминҳои обӣ, зиёда аз 50%-и заминҳои лалмӣ ва 75%-и чарогоҳҳои кураи Замин ба биёбон табдил ёфтаанд. Ҳар сол дар натиҷаи биёбоншавии зиёда аз 5 млн гектар

заминҳои ҳосилхези ҷаҳон талаф меёбанд, ки зарари иқтисодии онҳоро бо 40 млрд доллар баробар медонанд.

Маҷаллаи бонуфузи ҳаҷвии кишвар «Хорпуштак» низ тибқи мушоҳидаҳои мо ба ин масъалаи ҳассоси ҷомеа дахолат намудааст. Дар яке аз шумораҳои ин маҷалла масал-фелетони шоир А. Деҳотӣ бо унвони «Баҳси Сабзак ва Зардак» нашр гардидааст. Шоир дар ин шеъри худ аз муносибати хунукназаронаи масъулин ба дарахтони шоҳроҳҳо маълумот дода, ин манзараи ҳузнангезро ба гунаи зер тасвир менамояд:

...Мегузаштам аз миёни шаҳр дар гармои сахт,
Мешунидам аз ду ҷониб баҳси байни ду дарахт.
-Ҳой, Зардак, - гуфт Сабзак, - кай шудӣ баргаштабахт?
Аз чӣ шуд, баргат хазону навдаҳоят ҳам карахт?
Моҳи июнро ғалат ноябр донистӣ магар?
Ё гирифторӣ ба дарди зарпарма ё дигар?...
Ба ин гуфтаҳои Сабзак Зардак чунин ҷавоб медиҳад, ки :
...Гап дар ин, ки ту мудом аз ҷӯй ҳастӣ баҳраёб,
Аз ҳамин рӯ қад кашию шоху баргат ҳам батоб.
Лек мани бечораро мироб маҳрум кард аз об,
Ҷӯи қоқам обро ҳатто набинад ба хоб.
З-ин сабаб ҳарчанд дар як кӯчаем, як замин,
Ту чунон пуравҷию ман нимҷон ҳастам чунин [81, с. 158].

Тавре мушоҳида мегардад, дар ин шеър ду дарахт, ки яке аз об сер асту дигаре ташнаи об аст, бо ҳам баҳс мекунанд. Ва аслан, ин баҳс маҳсули тахайюли шоир аст, ки ӯ он чиро ки мушоҳида кардааст, бо бадеият ва тахайюли рангин омезиш додааст. Ҳадафи шоир равшан аст, яъне ӯ мехоҳад, ки масъулин ба вазъу ҳолати дарахтони кӯчаҳо бетараф набошанду онҳоро ҳамеша зери назорат бигиранд. Ба гуфти муҳаққиқ А. Мавлонов низ шоир дар ин шеъри худ «баҳси ду дарахт Сабзак ва Зардакро меорад ва ба воситаи он сардорони колхоз ва зеленстройи шаҳрро ҳаҷв ва танқид карда, барои ислоҳ намудани чунин камбудӣ даъват мекунад» [81, с. 158].

Ҳини омӯзиш маълум гардид, ки баъзе навиштаҳо унвони қолибе доранд. Чунончи, яке аз онҳо, ки бо номи «Гургҳои навбаромад» нашр гардидааст, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд. Дар ибтидои навишта муаллиф иттилоъ медиҳад, ки дар «яке аз рӯзҳои аввали июн чӯпони рамаи гӯсфандҳои дар участкаи Ғазантерак будаи колхози ба номи Сталин райони Ӯротеппа Абдулло Бойматов овоза паҳн кард, ки гурге омада, як сар барраи хеле фарбеҳро гирифта рафтааст. Баъди якчанд рӯз боз гап-гап шуд, ки хамон гург ба ивази барраи гирифтабурдааш гӯё як баррачаи лаънатии миҷморукро оварда партофтааст. Аммо роҳбарони колхоз дили чӯпон Бойматовро наранҷонданду ба ӯ лом ҳам нагуфтанд ва гургро ҳам таъқиб накарданд. Дар натиҷа охирҳои моҳи июл боз ҳамон гурги мазахӯракшуда, бо ёрдамчиёни зӯроварони худ омада, се сар гӯсфанди думбаларзони колхозро гирифта рафту то ба рама омадани комиссияи тафтиш ба ҷойи онҳо се сар гӯсфанди хароби лоғарро оварда монд.

Аҷабо, ин гуна гургҳои навбаромади қишлоқи Ғазантеракро мо дафъаи аввалин шунида истодаем. Ташкилотҳои дахлдори район агар ин гуна «гургҳои» ба бузу гӯсфандҳои фарбеҳу хароб нағз сарфаҳм мерафтагиро ёфта танбеҳашонро надиҳанд, онҳо аҷаб не ҳамаи гӯсфандҳои фарбеҳро хӯрда, ба ҷояшон гӯсфандҳои харобу ҳалокро оварда монанд.

Аз мутолиа ва мушоҳидаҳои мо бармеояд, ки дар бештари маврид муаллифони матолиби ҳаҷвӣ бо назардошти рангину қолибии навиштаҳои хеш ҳамагуна иттилои қолибро бо бадеият омезиш додаву бо тасвири зебо ишораи қолиб намудаанд. Масалан, дар навиштаи «Ба китобфурӯшӣ қасам доданд» муаллиф чунин мегӯяд, ки як бор ба магазини қишлоқи Маҳрам даромада назар андоз, ки дар рафи ин магазинҳо шишаҳои машруботи ранг ба ранг, қатор андар қатору аммо аз китобҳои бадеӣ, сиёсӣ, хусусан, дарсӣ ва доир ба хоҷагии қишлоқро бо микроскоп ҳам кофта намеёбӣ. Дар ин порча вожаи микроскоп ҷумларо рангину қолиб намудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба саҳифаҳои «Анбӯр» матолиберо низ мушоҳида намудем, ки бо шеваи навишту сабки нигориши масъала таваҷҷуҳи ҳар

хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Маҳаки асосии ин навиштаи ҳаҷвӣ тавре мушоҳида гардид, ин тасвирҳои ҷолибе ҳастанд, ки дар омезиш бо бадеият ва тахайюлоти рангин пешниҳод гардидаанд. Нуктаи аҷиб он аст, ки муаллиф он ҳама мушкилоту норасоии кишварро дар экрани телевизор гӯё намоиш додааст. Навишта «Дар экрани телевизори Анбӯр» ном дошта, бо чунин тасвири ҷолиб шуруъ мегардад, ки дар ойинаи ҷаҳоннамо «биноҳои нави маркази районни Мастчоҳ менамояд. Кӯчаи рости дароз. Лойи монанди хамири турушшуда ба зону мерасад. Дар як сӯ гурӯҳи одамон ба обу арақ ғӯтида, машинаи сабукраверо аз чанголи лойи бераҳм халос карда истодаанд. Дар сӯйи дигар машинҳои боркашон мунтазири трактори тасмачарх... Ҷойи инҳоро намуди дигар иваз менамояд: касе дар дасташ панҷшоху бел ҷойҳоро чаппагардон карда истодааст; каси дигар дар болои пойи чӯбин монанди шутур қадам монда меояд.

– Ин қадар кичирӣ пухта истодаед-мӣ бародар? – мепурсад ӯ аз шахси якӯм. – Калӯшамро кофта истодаам, – ҷавоб медиҳад шахси якӯм.

– Гуфта намешавад, мабодо аз коркунони роҳсозӣ ҳам баромада монанд ба ман хабар медиҳед-дия...

Маҳорати нигорандагии муаллифи ин луқмаро бояд эътироф намуд, зеро ӯ тавонистааст, ки се мушкилиро дар як навишта ҷой диҳад ва он ҳам бо васила экрани телевизор хеле ҷолиб тасвир гардидааст. Бо ин шеваи баён тасвир намудани муаммо ва мушкилоти ҷомеа, бешак, ба ҳар нафар таъсиррасон аст.

Чунончи, зикр намудем, сарлавҳаҳои ҷолиби «Анбӯр» яке аз бартариятҳои он ба шумор мераванд. Чунончи унвони «Меваҳои сухангӯ». Дар ин матлаб сухан дар бораи меваҳое меравад, ки илми табиатшиносӣ аз он тамоман бехабар аст. Ин меваҳои навбаромад хеле аҷоиб ва ҷолиби диққатанд. Барои ин ки хонандагони муҳтарам дар бораи ин меваҳо тасаввуроти дурусттар пайдо намоянд, онҳоро пурратар шарҳ медиҳем. «Ин меваҳо ҳам монанди дигар меваҳо дар шохи дарахт мешаванд. Аз вазнинии онҳо гоҳе шохи дарахтон мешикананд. Ҳамаи ин тамоман табиист. Лекин аҷибаш дар ин ҷост, ки ин меваҳо либос мепӯшанд. Ранги

либосашон гуногун аст. Баъзеи ин меваҳо ришу мӯйлаб ҳам доранд ва ҳамаашон сухангӯ мебошанд. Онҳо шавқуну тӯпаланг менамоянд, ҳақорату ҷанҷол карда, одамонро нороҳат мекунанд ва ҳоказо ва ғайраҳо.

Не, ҳайрон нашавед. Ин сухани мо рост аст. Агар бовар накунед, метавонед, худатон рафта онҳоро бо гӯшатон шунавед! Барои ин дур рафтан лозим нест. Ҳангоме ки дар бинои баҳоронаи театри ба номи Пушкини шаҳри Ленинобод дар боғи шаҳрӣ ягон тамошо ба саҳна гузошта шавад, шумо ҳам ба театр дароед. Ана, дар ҳамон вақт бо як тир ду нишон зада, бо як билет ду тамошоро дида мегиред. Агар дар саҳна артист ашӯла гӯяд, аз шохи дарахтони дар атрофи театр буда «меваҳои сухангӯ» гиребонҳои худро даронда «дӯст» гӯён ба сари синаҳои худ мушт мезананд. Онҳо аз шоҳи дарахт истода ҳар чи ба забонашон ояд, талаффуз менамоянд. Шавқуну мағали онҳо гӯши касро ба дод меоварад. Хусусан, дар ҳамон шабе, ки консерти хотимавии ҳаваскорони бадеии вилоят мегузашт, дар шохи дарахтон ин гуна «меваҳои сухангӯ» фаровон буданд ва онҳоро дида яке аз тамошобинон ба ҳамроҳи худ ҳавломезона гуфт: - Ҳо, ана он йигити шохи баланд нишаста аҷаб не исбот карданӣ бошад, ки дар шохи дарахт на фақат маймунҳо, балки одам зиндагӣ карда метавонад. Агар онро ҳозир милитсионер аз он ҷо фарорад, чӣ мегуфта бошад?

– Чӣ ҳам мегуфт. Ман «меваи навбаромад, ман меваи гап мезадагӣ» гуфта аҷаб не ҷанҷол кунад, – ҷавоб дод ҳамроҳаш.

Омӯзиш собит менамояд, ки муаллифони зиёде ба хотири ҷолиб гардидани навиштаҳои ҳаҷвиашон, ки аз воқеияти зиндагӣ маншаъ гирифтаанд, ҳамзамон ба он бадеият низ ворид намуда, то ҳадди имкон аз тасвирҳои мухталиф истифода намудаанд. Умуман, дар ҳар матолиби ҳаҷвӣ тахайюли бою рангин, усули дарки воқеияти реалӣ ва малакаи ҳаҷвнигорӣ мушоҳида мегардад.

Чун сухан дар мавриди истифодаи саҳнаҳои тахайюлӣ дар осори ҳаҷвӣ рафт, бояд зикр намуд, ки назари муҳаққиқон дар ин бобат гуногун буда, на ҳама тарафдори он ҳастанд, ки саҳнаҳои тахайюлӣ дар осори ҳаҷвӣ истифода шаванд. Масалан, муҳаққиқ М. Муродов таъкид

менамояд, ки саҳнаи тахайюлӣ бояд ба факту далел мувофиқат намояд, вагарна дар ҳолати риоя накардани ин ҷиҳат бо номувофиқӣ ва норавшании муносибати фактҳои гуногун, носаҳеҳии таҳлил ва арзиши сатҳӣ бурда мерасонад.

Муҳаққиқ М. Муродов хуб таъкид намудааст, ки мо низ ба гуфтаҳои мавсуф мувофиқем. Омӯзиши матолиби ҳаҷвӣ нишон дод, ки дар ҳолати мувофиқат накардани саҳнаҳои тахайюлӣ бо далелу санади навишта он таъсиррасон намебарояд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки эҷоди анвои ҳаҷвӣ аз ҳар нафар эҷодкор маҳорату малакаи хосро талаб менамояд ва на ҳар нафар метавонад, дар ин самт комёбу муваффақ гардад. Дар ин маврид ба андешаи мо, ҳар нафар эҷодкоре, ки барои рушду пешрафти соҳаҳои мухталифи кишвар талош менамояд ва ё хостори он аст, метавонад он ҳама иллату норасоиҳоро дарк намояду ҳамаҷониба мушоҳида созад. Ва шояд ин ҳама мушоҳидакориҳо омили аслии таълифи матолиби ҳаҷвӣ гарданд. Бад-ин шева таҳия намудани матолиби ҳаҷвӣ, ба андешаи мо, чанд омиле дошта метавонад. Аввалан, набояд фаромӯш намуд, ки ҳар ҳаҷв аз пайи худ ҳақиқате дорад, яъне маншаи таълифи ҳама гуна навиштаҳои ҳаҷвӣ ин воқеияти зиндагӣ мебошад. Ва маҳз ин воқеияти зиндагӣ эҷодкори асилро водор менамояд, ки дар омезиш бо анвои бадеӣ ва тахайюли рангини хеш навиштаеро таълиф намояд. Эҷоди матолиби ҳаҷвӣ аз муаллиф ҳамчунон маҳорату малака ва донишу ҷаҳонбинии махсусро талаб менамояд, зеро воқеиятро бо ҳаҷву ханда омезиш додан мушкилоти худро дорад, ки онро нафаре, ки дар ин самт заҳмат мекашад, хуб дарк менамояд. Дар ин маврид бархе муҳаққиқон диду нигоҳи хешро доранд, зеро «бо эҳсоси баланди худшиносиву ифтихори миллӣ, бо дарки рисолати эҷодӣ ҳар он иллате, ки барои пешрафти ҷомеаи мо халал мерасонад, бетаъхир ба риштаи ҳаҷв кашидан корест, хеле савоб» [169, с. 5].

Яке аз ҷиҳатҳои асосии фелетон он аст, ки ҳангоми таълифи он бояд муаллиф ба мувофиқати факту далели воқеӣ бо саҳнаи тахаюлӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин шева мо ҳангоми омӯзиш чанд

навиштаеро мушоҳида намудем, ки бо инъикоси чанд саҳнаи тахайюлӣ аз мавҷудияти муаммо ва мушкилоту норасоиҳо иттилоъ додаанд. Чунончи, аз баррасии гӯшаи «Анбӯр» маълум гардид, ки он амали хуберо пайгирӣ намудааст, ки дар ҳар шуморааш аз сафараш ба шаҳру ноҳияҳои вилоят иттилоъ дода, ба қавле бо «суханҳои тару тозаву намакин»-и худ, пеш аз ҳама, аз вазъи иҷтимоӣ ва бемасъулиятии масъулин маълумот медиҳад. Тавре мушоҳида мешавад, ин ҳама «ҳарфҳои ширину дилсӯзона»-и «Анбӯр»-таѓо парда аз рӯйи баъзе камбудиву норасоиҳои манотиқи гуногуни вилоят мебардорад. Дар яке аз навиштаҳо ҳатто саҳнаи ба Исфара омадани «Анбӯр» инъикос гардида, чунин оварда шудааст: «Дар шаҳри Исфара ногаҳон пайдо шудани Анбӯр димоғи бошандагони онро басе чоқ кард. Намояндагони онҳо ба қабулгоҳи вай омаданд ва деги суҳбат ҷӯш зад.

– Бародар Анбӯр, дер боз ба сӯйи мо ташриф наовардӣ, мо ба ту арзу шикояти бисёр дорем, – гуфтанд онҳо.

– Ман ҳам ба ин ҷо барои он омадам, ки аз пастию баландиҳои шаҳр хабардор шавам.

– Дар шаҳри мо, – гуфт яке аз ҳозирон, – чунон саг бисёр шудааст, ки дар кӯчаҳо рама-рама шуда мегарданд, ки аз тарс то гузашта рафтани онҳо дар таги девор ду даст пеш гирифта меистед. – Чӣ зарар дорад? Ба шунидам, – гуфт Анбӯр, – шуъбаи хоҷагии коммуналии шаҳратон аз ин захираи фаровон моҳирона истифода бурда, фермаи сагпарварӣ ташкил карданӣ будааст-ку.

Анбӯр-ака, – гуфт мудири шуъбаи хоҷагии коммуналии шаҳр рафиқ Норматов, ки дар суҳбат ҳузур дошт, – «Аввал андешаю баъд гуфтор» гуфтаанд. Мо мутахассисони сагшикоркунӣ надорем. Аз аввали сол инҷониб ман дар ин бора майна об мекунам, вале илоҷ нест. Ё ҳамаро монда, худам миён баста, ба ғазоти сагҳо бароям-мӣ?

Дар ин қисмати муқаддимавӣ «Анбӯр» он бемасъулиятӣ ва ноуҳдабароии масъулинро мавриди танқид қарор додааст. Муаллиф бо шеваи ҷолибу рангин ҳадафи худро баён намуда, мушкилоту норасоии

мавҷударо аз забони омма иброз намудааст. Бо истифода аз унсурҳои ҳаҷвӣ чун кинояву пичингу тамасхур муаллиф ишора ба таъсиси фермаи сагпарварӣ менамояд, ки ин худ як навъ кинояи нишонрасе ба масъулин мебошад. Ҷолибии навишта боз дар он аст, ки дар он Анбӯр чандин муаммо ва норасоии ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор дода, иллату нуқсонҳои ҷойдоштаро фош менамояд. Ва ҳамзамон ин навишта аслан шакли мунозара ё худ суҳбатро дорад, ки тариқи саволу ҷавоб ҳадаф равшан мегардад. Тавре дар идомаи суҳбат яке аз иштирокчиёни суҳбат ба Анбӯр чунин мегӯяд: «Моро директори заводи спиртбарорӣ танг карда истодааст, – гуфт яке аз ҳамсояҳои завод. – Шабу рӯз аз осмон қум меборад. Аз дасти он на хӯрокамон ҳалол ва на сару либосамон тоза.

– Ҳе, одами қизиқ будед-дия, – гуфт дигаре аз ҷо хеста, – сагу қумро як сӯ монда, масъалаи электрикро гуфтугӯ кунед намешавад-мӣ».

Бояд зикр намуд, ки дар ин қисмат муаллиф хеле бо тасвироти зебо муаммои ҷойдоштаро баён намудааст. Ин шеваи нигориш муассиру ҷолиб аст, зеро бо каломи муъҷазу аниқ айбу иллатҳои мавҷуда баён гардидаанд. Ишораи муаллиф ба он ки дар заводи спиртбарорӣ аз осмон ҳар шому саҳар қум меборад, худ кинояи нишонрасе ҳаст ба масъулини ин корхона, ки мебояд сари ин масъала низ чораҷӯие намоянд.

Яке аз мушкилоти дигаре, ки дар ин навишта мавриди муҳокима қарор гирифтааст, масъалаи барқ ва таъминот бо он мебошад. Дар ин қисмат чунин омадааст: «Электрики шаҳрамонро, – гуфт суханашро давом кунонда он кас,-шалаққунандаи асабу сӯҳони умр гуфтан мумкин. Вай дер боз девонатабиат шуда, одати зуд-зуд мурда даргирифтан пайдо кардааст. Аз сабаби дар сари вақт муолиҷа накардан дар моҳҳои охир ҷунунаш ба авҷи камол расид, ҳоло то як пиёла чой нӯшидан 10-15 бор мурдаю зинда мешавад. Баъзан ҷазабааш сахттар гирад, якбора 20-30 дақиқа ҳамаро торикистон мекунад. Тоқатамон намондааст, ки шаб шавад, Анбӯрҷон! -Ба ин шумо чӣ мегӯед, ҷиянам? – гуфт Анбӯр ба мудири стансияи электрикии шаҳр Ҷумъабой Ҳакимов.

– Гуфтаҳояшон ҳазор фоиз рост аст, – гуфт вай.

– Рост бошад, ба лаб кулӯх молида мегардед-мӣ?

– Афсӯс, ки аз дасти ман ҳеҷ чиз намеояд. Агар ин ҳодиса бо айби ман мешуд, кайҳо пӯстакамро меафшонданд. Аммо ҳамаи ин кори луттибозони стансияи электрикӣ мебошад. Ҳамаи инро калонони шаҳрамон нағз медонанд. Вай ҳамеша шабҳои тантанавиро ҳамчун ба ош пашша афтидагӣ мекунад. Мана шаби тантанавии ба 1100-солагии Рӯдакӣ бахшидашударо гирем, электрик баробари нафасгирии одамон мурда ва даргирифта истод» [21, с. 4].

Ин ҳама тасвири вазъу ҳолати бо барқ таъмин кадани аҳолӣ, ки дар навишта омадааст, бидуни шак фош намудани бемасъулиятӣ ва бепарвоии масъулини ин ниҳод мебошад. Нуктаи ҷолиб дар ин қисмат боз дар он аст, ки тамоми мушкилоти ҷойдошта аз забони шахсони дигар баён гардидаанд, ки ин навиштаро хонданиву эътимодбахш мегардонад. Аз забони дигарон баён гардидани иллату нуқсонҳои ҷомеа аз як ҷониб хуб аст, зеро он масъулини сохторҳои гуногунро ба такопӯ медарорад, ки ба кору фаъолияти хеш таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоянд. Ба андешаи мо, бад-ин шакл пешниҳод намудани матлаб чанд омиле дошта метавонад:

1. Аз ибтидои фаъолияти гӯшаи «Анбӯр» ҳадафу вазифаҳои ӯ возеҳу равшан буд, ки бар зидди ҳамагуна амалҳои ношоиста мубориза мебараду иллату нуқсонҳои ҷомеаро фошу ошкор месозад. Аз ин лиҳоз, баъзан ба хотири гуногунрангии матолиби гӯша аҳли эҷод ба ин шеваи нигориш рӯй оварданд.

2. Аҳли эҷоди «Анбӯр» бо дарназардошти мақоли «сухан аз даҳони Луқмон хуш аст» амал намуда, бо он ҳама номаву навиштаҳои хонандагонашон сафҳаҳои хешро зинати маънавӣ бахшидаанд.

Хуллас, ҷолибии ин навишта дар он аст, ки он фарогири чанд муаммои муҳимми вилоят буда, аз мавҷудияти иллату норасоиҳо дар соҳаҳои гуногун иттилоъ додааст. Аз баррасии ин нигошта метавон чунин бардошт намуд, ки он фелетон мебошад, ки бо аносири бадеӣ ва ҳаҷвӣ зикри муаммоҳои ҷойдошта дар ҷомеаро намуда, ишорае ба масъулин менамояд, ки баҳри рафъи камбудиҳо талош варзанд.

Нуктаеро бояд баён намуд, ки бардошт ва таъсирпазирӣ аз осор ё матолиби ҳаҷвӣ на дар ҳама ҳолат яксону якхела мебошанд. Ин хулосабарорӣ ва ё дарки маънии матолиби ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, ба донишу ҷаҳонбинӣ ва ҳамзамон диду нигоҳи шахс ба зиндагӣ сахт иртибот дорад. Ва шояд танҳо матолиби ҳаҷвӣ дорои чунин вежагиҳои хосе бошанд, ки дар миёни ҷомеа ихтилофоти назарро ба вуҷуд меоранд. Ҳадаф аз ин гуфтаҳо дар он аст, ки чун бештари матолиби ҳаҷвӣ қаҳрамонҳои хаёлӣ доранд, дар аксар маврид он айбу нуқсонҳое, ки дар осори ҳаҷвӣ баён мегарданд, нафаронеро онҳо ҳушдор месозанд. Ва ин ҳушдор натиҷаи хубе ҳам ба бор оварда метавонад. Чунончи, нафареро метавонад аз амали баде боздорад ва ё дар ҷаҳони андеша ва тафаккури ӯ дигаргунии куллие ба вуҷуд оварад. Аммо, бояд иқрор шуд, ки дар ҷомеаи муосир на ҳама нафар ба матолиби ҳаҷвӣ ва публитсистикаи ҳаҷвӣ некбинанд ва мавҷудияти онро хуш қабул надоранд. Дар ин маврид адиб Ш. Мӯсоев хуб таъкид намуда, ки «имрӯз бисёриҳо ба ҳусну қубҳи ахлоқии ҳаҷв қоил нестанд, ба он ба назари шакку бадбинӣ менигаранд ва гузашта аз он нолозим медонанд. Не, имрӯз ҳаҷв чун обу ҳаво зарур аст» – хулоса менамояд мавсуф. Андешаҳои Ш. Мӯсоев қобили дастгирианд, аммо нуктаеро низ бояд илова намуд, ки ба назари шакку бадбинӣ нигаристан ба ҳаҷву матолиби ҳаҷвӣ сабабу омилҳои ҷузъӣ дорад, яъне нафароне, ки нисбати ҳаҷв хушбин нестанд, аз он зараре дидаанд ва ё мазаммат гардидаанд. Табиати инсонӣ чунин аст, ки наметавон танқидеро дар ҳаққи худ ба хушӣ пазируфт. Пазируфтану эътироф намудани танқид низ шояд ҳунаре бошад, зеро танқид ва ё маҳкум намудани амалу рафтори шахсе танҳо ба хотириислоҳу пешравии шахс ва ҷомеа сурат мегирад. Яке аз вежагиҳои хоси ҳаҷви публитсистӣ ва умуман, ахлоқи журналистӣ ин орӣ аз ғаразу тамаъҷӯйӣ будани навиштаи ҳаҷвӣ мебошад.

Дар ин замина, метавон чунин илова намуд, ки имрӯз миёни мардуми мо масали «дидани айби хештан ҳунар аст» машҳур аст. Вале, бояд иқрор шуд, ки мо ҳанӯз ба он дараҷае нарасидаем, ки айбу нуқсонҳои хешро бидуни қаҳру ғазаб ва ё кинаву қасосгирӣ қабул намоем. Имрӯз кам касоне

ёфт мешаванд, ки айби худро мебинанду бидуни танқиди дигарон пайи ислоҳи онҳо талош намоянд. Ин ҳама дарки айбу иллатҳо ва бартараф намудани онҳо ба андешаи мо, пеш аз ҳама, ба манфиати ҷомеа ба шумор меравад, зеро ҷомеае, ки барои рушду пешрафти хеш талош дорад, ҳамеша ба он мекӯшад, ки иллату камбудиҳои мавҷударо бартараф созад. Барои рушди кишварамон муҳим ва зарур аст, ки он ҳама иллату камбудиҳои ҷомеаи муосир бо василаи муассири анвои ҳаҷвӣ фошу маҳкум карда шаванд. Яъне, аҳли эҷод бори дигар собит намоянд, ки матбуот ва адабиёту публитсистика низ чун василаҳои муассиру тавонои таблиғу ташвиқ метавонанд дар рушду пешрафти кишвар ҳамаҷониба заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Умуман, матбуоти даврӣ чун василаи муассири ҷилваи афкор ва ойинаи рӯзгор ҳамзамон ба рушду ташаккули ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Яъне, набояд нақши матбуотро дар инкишофи анвои ҳаҷвӣ нодида гирифт, зеро маҳз матбуоти даврӣ чун майдони сайқали афкор дар рушди ҳаҷви публитсистӣ нақши сазовор гузоштааст. Чунончи, муҳаққиқ М. Муродов навиштааст: «Майдони ташаккулу инкишофи ҳаҷви публитсистӣ маҳз матбуоти даврӣ аст» [95, с. 118]. Дар ҳақиқат матбуот чун манбаи рушди анвои ҳаҷвӣ хидмати сазоворе анҷом дода истодааст. Чун матбуот доманаи фарохи паҳншавӣ дорад ва онро мардуми гуногункасб мехонанд, аҳли эҷоди нашрияҳои даврӣ низ бо дарназардошти завқу маърифату тафаккури хонандагони худ баъзан ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистӣ нашр намудаанд.

Таҳқиқу омӯзиши мо нишон дод, ки дар бештари матолиби ҳаҷвӣ пайванди воқеа, андеша ва аносири ҳаҷвӣ бо унсурҳои бадеият мушоҳида мегарданд. Баёни маҷозии андеша, фикрҳои ҷолиби киноятдор низ дар бархе навиштаҳо мушоҳида мегарданд, ки бешак, ҳар хонандаро ба андеша кардан водор менамоянд. Аз мутолиа ва баррасии матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» метавон чунин хулоса намуд, ки маҳаки асосии он ҳамаро воқеияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар меҳвари он ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ муаммо ва андеша нақши бориз дошта, дар пайванд бо аносири

ҳаҷвӣ ва адабӣ рангину ҷолиб тасвир гардидаанд. Предмети инъикоси матолиби ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, воқеа ва иллату норасоиҳои ҷомеа мебошанд. Ин аст, ки аксари матолиби ҳаҷвӣ ба масоили муҳимми рӯз бахшида шудаанд.

Ҳаҷви публитсистӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз аз унсурҳои воқеият ва тахайюл иборат буда, дар ҳар марҳалаи муайяне ба гунаҳои мухталиф ҷилвагар гардидаанд. Ин ҷилвагарӣ аз ҳар нигорандаи матолиби ҳаҷвӣ малакаву маҳорати хоссаро талаб менамуд. Баъзе муҳаққиқон низ ба масъалаи воқеият ва тахайюл дар ҳаҷви публитсистӣ дахолат намуда, ба хулосаҳои аҷиб омадаанд. Ба қавли муҳаққиқ М. Муродов дар ҳаҷви публитсистӣ тахайюл воқеӣ буда, муаллифон ҳодисаву рӯйдод, рафтору кирдор ва дигар зуҳуроти номатлуби иҷтимоиро вобаста ба руҳияи ҷомеа ба риштаи тасвир кашидаанд. Хусусияти чунин тасвирот танҳо ба мақсади дарки ҷаҳон ва маърифати зиндагӣ набуда, балки кӯшиш ва муборизаест барои ошкор ва дарёфти роҳи беҳбуд.

Истифодаи тахайюл дар матолиби ҳаҷвӣ барои боз ҳам ҷолибтару рангинтар гардидани навишта кумак менамояд ва ҳамзамон, хонандаро аз иллату норасоиҳои мавҷуда огоҳ намуда, ҳушдор медиҳад. Аммо, аз нигоҳи дигар ин шеваи нигориш дар баъзе маврид ба манфиати кор нест, зеро истифодаи зиёди тахайюл ва ё бадеият метавонад ҳадафи аслии муаллифро рӯйпуш намояд ва, албатта, ин аз ҳунари нигорандагии муаллиф сахт вобастагӣ дорад, ки онҳо то кадом андоза ба ин нукта таваҷҷуҳ медиҳанд. Истифодаи аз меъёр зиёди тахайюл ва бадеият метавонад навиштаи ҳаҷвиро ҳикояи ҳаҷвӣ ва ё ҳаҷвияи адабӣ намояд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таълифи навиштаҳои ҳаҷвӣ меъёри истифодаро набояд фаромӯш сохт ва воқеиятро чун маҳаки асосии навишта бояд пайванди тахайюлу бадеият намуд. Яъне, ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки меҳвари асосии осори ҳаҷвӣ-публитсистӣ ин воқеияти иҷтимоӣ мебошад.

Омӯзиши матолиби ҳаҷвӣ нишон дод, ки як ҷиҳати умумии аксари навиштаҳои ҳаҷвӣ дар он аст, ки дар бештари матолиби ҳаҷвӣ дар ибтидо муаммо баён гардида, баъдан тасвири мушаххаси воқеа ва ё норасоиҳо бо

далелҳои ҷолибу нишонрас сурат мегирад. Баъдан, пайванди андеша бо воқеа ва тасвири воқеа бо унсурҳои ҳаҷвӣ сурат гирифта, дар натиҷа ин ҳама бо бадеият омезиш ёфта, як навиштаи ҷолиби ҳаҷвӣ омода карда мешавад. Аз ин раванди таълифи матолиби ҳаҷвӣ метавон чунин тарҳ ё формуларо омода намуд, ки он чунин буда метавонад. Аввалан, воқеа ё тасвир, баъдан муаммо ё муаммои мавҷуда ва ниҳоят, хулосаҳои муаллифон мушоҳида мегардад. Ин ҷо ба хотири он ки ин андешаи худро собит намоем, фелетони Ҳ. Ҳакимовро, ки зери унвони «Девор афтад ҳам, ба тарафи мо афтад» дар нашрия дарҷ гардидааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар оғоз муаллиф ба Анбӯр мурочиат намуда, асли воқеаро чунин нақл менамояд: «Анбӯрҷон! Гапро майдахоним карда нашишта буду шудашро мегӯяму мемонам. Раиси колхози ба номи Маленкови райони Ӯротеппа Саттор Раҷабов ба зарбулмасали «Девор афтад ҳам, ба тарафи мо меафтад» амал карда, барои ободонии қишлоқҳои тобеи колхоз бо як чашм нигоҳ намекунад. Ба назари ӯ фақат қишлоқи истиқоматии ӯ – Қалъаи Баланд гарм менамояд. Барои ҳамин ҳам хонаҳои аҳолии ин ҷо ба нуқтаҳои радио ва электрик таъмин шудаанд.

Муаллифи фелетон аз «қаҳрамонӣ»-ҳои қаҳрамонаш нақлҳо намуда, ҳамаҷониба ӯ ва талошҳояшро мавриди «ситоиш» қарор медиҳад. Ин ҷо муаллиф бо баёни воқеа ҳамзамон аз норасоиҳои ҷойдошта ёдовар гардидааст, ки навиштаро ҷолибу хонданӣ гардонидааст. Дар фарҷоми фелетон муаллиф аз фаъолияти қаҳрамонаш изҳори нигаронӣ намуда, чунин таъкид менамояд, ки «Раҷабов ба ободонии қишлоқҳои Сариҷияк, Сурхӣ, Сандуғундак, Обҷувоз ва Бағалӣ бо пушти сараш ҳам нигоҳ намекунад. Аҳолии ин қишлоқҳо ду сол пеш даву ғеҷ карда, ба шинондани симчӯбҳо муваффақ шуда буданду вале то ба ҳол ба ин чӯбҳо сими электрик кашида нашудааст. Дар ин бора ба адреси раис монанди мӯру малах аризаю шикоятҳо меояд. Раҷабов бошад, чувол-чувол ваъда медиҳад, ки «фардо ё пасфардо, албатта, монтёрро ба тарафи шумоён мефиристонему ба симчӯбҳо сим кашида медиҳад». Лекин ваъдаҳои

хушкухолии раис 145 сол боз ба рӯйи об набаромада истодаанд. Ё аҳолии ин қишлоқҳо ӯгай-мӣ?» [27, с. 4].

Дар маҷмуъ, жанри фелетон дар гӯшаи «Анбӯр» зиёд мушоҳида мешавад, аммо бояд зикр намуд, ки онҳо ҳаҷман калон набуда, ҳамзамон на он қадар аз тасвиру бадеият истифода намудаанд. Аммо, дорои факту далелҳои ҷолиб мебошанд, ки андешаҳои муаллифонро аз як ҷиҳат эътимоднок менамоянд.

Таҳқиқу омӯзиши «Анбӯр» собит намуд, ки ҳар як навиштаи ҳаҷвӣ бо он ҳама аносири ҷолиби хеш дар бозтоби мушкилоту муаммоҳои рӯзгори мардум нақши назаррасе гузоштаанд. Ин нақш, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бо мутолиаи амиқи онҳо метавон бо мушкилоту норасоиҳои мавҷуда ошноӣ пайдо намуд. Ва ин ошноӣ, пеш аз ҳама, вазъи он давронро ба гунаҳои мухталиф пеши назар ҷилвагар месозад.

Ҳаҷви публитсистӣ дар омезиш бо бадеияту тахайюл аз он ҳама унсурҳои ҳаҷвӣ чун кинояву пичинг, мазаммату тамасхур ба таври васеъ истифода намуда, аз мавҷудияти иллату камбудиҳо дар ҷомеа иттилоъ додааст.

Хулоса, воқеият ва тахайюл чун унсурҳои муҳимми анвои бадеӣ ҳамеша дар ҷолибу рангин гардидани матолиби ҳаҷвӣ нақши муассир доранд. Ҳамин тариқ, дар ҳаҷвияҳои гӯшаи «Анбӯр» таносуби воқеият ва тахайюл ба таври табиӣ сурат мегирад. Воқеият ҳамчун асос ва манбаи эҷод хизмат мекунад, дар ҳоле ки тахайюл ва унсурҳои бадеӣ барои пурқувваттар ва ҷолибтар ифода намудани он истифода мешаванд. Ин омезиш имкон медиҳад, ки муаллифон воқеиятро дар шакли ғайриодӣ, кинояви ва таъсирбахш тасвир намуда, ҳадафи интиқодӣ дошта бошанд. Дар ин раванд, мувофиқати тахайюл бо воқеият ҳамчун шарти муҳимми муассирии ҳаҷв арзёбӣ мегардад, зеро ҳадафи ниҳоӣ аз ин омезиш таъсир расонидан ба афкори ҷомеа ва мусоидат кардан ба ислоҳи камбудиҳои мавҷуда мебошад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи даврии «Ҳақиқати Ленинобод» ба чунин хулосаҳо расидем, ки дар ҳама давру замон вобаста ба талабот ва набзи ҷомеа ҳаҷв низ чун ҳамқадаму ҳамдами замон рушд менамояд. Бозтоби мушкилот ва норасоиҳои ҷомеа бо шеваҳои гуногуни ҳаҷвӣ, пеш аз ҳама, имкони мусоидеро фароҳам овардааст, ки анвои ҳаҷвӣ чун фелетону памфлет, луқмаву эпиграмма, нақизаву ҳазлҳои рафиқона рушд намоянд.

Рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ва хосса гӯшаи ҳаҷвии он «Анбӯр», дар рушди публитсистикаи ҳаҷвӣ нақши мондагореро гузоштааст. Аҳли эҷоди ин нашрияи вилоятӣ дар муддати чандин сол матолиби ҷолибу арзишмандеро дар ин гӯша ҷой дода, ҳамзамон то андозае дар шаклгирии анвои ҳаҷвӣ хидмати сазовореро анҷом додаанд.

Аз таҳқиқу омӯзиши мавзуи мавриди пажуҳиш метавон ба чунин натиҷае расид, ки ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ дар ҳама давр чун василаи муассири баёни камбудиву мушкилот ва норасоиҳои мавҷуда аз тарафи адибону публитсистон ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба андешаи мо, ин амали аҳли эҷод чанд омиле доштааст. Аввалан, ҳаҷв имконияти фаровони сабку баёни мушкилоту норасоиҳоро дорост ва метавон бо ҳама гуна шакл ҳадафу мароми хешро тасвир намуд ва ё баён кард. Сониян, анвои ҳаҷвӣ чун вежагиҳои хоси худро доранд, бо риояи онҳо метавон ҳамагуна мушкилоту норасоиҳои ҷомеа ва кишварро баррасӣ намуда, ҳамзамон дар шаклгирии анвои ҳаҷвӣ саҳми муассир гузошт.

Таваҷҷуҳ ба ҳаҷв далели он аст, ки дар он даврон ва имрӯз низ ин шеваи муассир чун талаботи айёму замон муҳим ва зарурӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки аз қадим мардуми тоҷик ба ҳаҷв ва шеваи ҳаҷвӣ майл доштанду дар мавридҳои зарурӣ аз он бамавқеъ истифода мебурданд.

Гӯшаи «Анбӯр» чун фарогири муҳимтарин матолиби ҳаҷвӣ аст, пеш аз ҳама, таҳқиқу омӯзиши он дар муайян намудани сохтор ва мазмуну мундариҷаи маводди ҳаҷвии рӯзнома ва ҳамзамон дар таъйини ҷойгоҳи

ҳаҷв дар матбуоти тоҷик аҳаммияти махсус дорад. Ҳамчунон дар ин замина равшан намудани вежагиҳои сохториву жанрӣ ва дигар мушаххасоту нозукиҳои маводди ҳаҷвии рӯзнома дар шинохти мавзуъ ва масоили муҳимми ҷомеа заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр», ба андешаи мо, аз чанд ҷиҳат судманд буда метавонанд:

1. Ҷиҳатҳои тарбиявию ахлоқӣ дар матолиби ҳаҷвии гӯшаи мазкур хеле нуфузу бартарӣ дорад, ки инро зимни баррасии ҳар навиштаи ҳаҷвӣ метавон дарк намуд. Равшан аст, ки ҳаёти воқеии мо чун маҳсули хираду дониш ва маърифату руҳияамон аз андешаҳо сахт вобастаанд. Он ҳама навиштаҳои ҳаҷвӣ хонандаро ба он водор менамояд, ки, аввалан, ба кору пайкори хеш таваҷҷуҳ карда, мақсаду мароми зиндагии худро муайян намояд [3-М].

2. Матолиби ҳаҷвии нашрия аз чанд ҷиҳат сабақомӯз мебошанд, зеро мутолиаи онҳо ҳар як хонандаро водор менамояд, ки маншаи он ҳама норасоиҳо ва бадбахтиҳои зиндагиро дар рӯзгори хеш низ ҷӯё бишаванд. Ин амал боис ба он мегардад, ки омма дар андешаи тағйири зиндагии хеш шаванд [2-М].

3. Зикр намудан бамаврид аст, ки навиштаҳои ҳаҷвӣ метавонанд чун сарчашмаҳои омӯзиш қарор бигиранд, зеро он ҳама мушкилоту норасоиҳое, ки дар онҳо инъикос гардидааст, замоне чун муаммо ва мушкилот миёни ҷомеа мавҷуд буданд [6-М; 7-М].

4. Гӯшаи «Анбӯр» ва он ҳама матолиби ҳаҷвии он мушкилоту норасоиҳои ҷомеаро тасвир намуда, ҳамзамон аз аҳли ҷомеа гӯиё талаб бинмуда, ки ҳамеша роҳи адолату некандешӣ ва накукориро пеш гиранд. Яъне, метавон гуфт, ки дар матолиби ҳаҷвӣ ҷанбаи ахлоқӣ нуфузи бештаре дорад [5-М].

5. Мутолиа ва баррасии матолиби гӯшаи «Анбӯр» бори дигар собит намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми анвои ҳаҷвӣ ин ҷиҳати тарбиявӣ доштани онҳо мебошад. Аз рӯйи таҳлилҳои мо ва андешаи олимон тамоми маводди тариқи ҳаҷв таълифгардида ва ҳамаи осори бадеӣ ва публитсистӣ

дорои ҷиҳати тарбиявӣ мебошанд. Аммо дар ин радиф ҷиҳати тарбиявии осори ҳаҷвӣ фарқкунанда мебошад. Тафовут дар он зоҳир мешавад, ки дар навиштаҳои ҳаҷвӣ муаллиф бо баробари баёни хислатҳои манфии қаҳрамони худ ҳамчунон дар тарбияи аҳли ҷомеа ва, пеш аз ҳама, худаш мусоидат менамояд. Яъне, бо тасвири он ҳама андеша, тафаккур ва ҷаҳони ботинии қаҳрамон муаллиф инчунин бадбинии хешро нисбат ба чунин ашхос инъикос менамояд [1-М; 6-М].

6. Вазифаи ҳаҷв ва гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр», аслан, хандондан нест, ё ин ки табъи нафареро болида сохтан низ нест. Ҳадафи аслии он бо шеваи ҳаҷвӣ тариқи кинояву пичинг ва аносири дигари ҳаҷвӣ баён намудани мушкилоту норасоиҳои ҷомеа ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти ин матлаб аҳли эҷоди нашрия талош ба он намудаанд, ки унсурҳои ҳаҷвиро дар матолиби таълифнамудаашон ба мавқеъ мавриди истифода қарор бидиҳанд [4-М].

7. Гӯшаи «Анбӯр»-ро метавон чун парвозгоҳи ҳаҷвнигорони ҷавон шинохт, зеро маҳз дар саҳифаҳои он нахустин навиштаҳо ва ё бештари матолиби ҳаҷвии ҳаҷвнигорони тоҷик дарҷ гардидаанд. Чунончи, агар навиштаҳо ва ашъори ҳаҷвии Муҳиддин Аминзодаро дар як ҷо гирдоварӣ намоем, он ҳама метавонад як китоби арзишманди ҳаҷвӣ шавад [4-М].

8. Дар маҷмуъ, омӯзишу таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки публитсистикаи ҳаҷвӣ аз ибтидо то ба имрӯз аз унсурҳои воқеъгароӣ, тахайюлоти бадеӣ ва ҳаҷвӣ ба таври назаррас истифода намудааст, ки дар рангину ҷолиб гардидани матолиби ҳаҷвӣ саҳми муассир доранд. Тахайюлоти бадеӣ ки дар матолиби гӯшаи «Анбӯр» истифода гардидааст, бешак, дар рангину ҷолиб таълиф гардидани нигоштаҳои ҳаҷвӣ заминаи мусоиде гузоштааст. Бад-ин шева таҳия намудани матолиби ҳаҷвӣ ба чанд омиле вуҷуд дошта метавонад. Аввалан, набояд фаромӯш намуд, ки ҳар ҳаҷв аз пайи худ ҳақиқате дорад, яъне маншаи таълифи ҳама гуна навиштаҳои ҳаҷвӣ ин воқеияти зиндагӣ мебошад. Дар ин самт аҳли эҷод, хоса, рӯзноманигорон воқеияту ҳаҷву тахайюлоти бадеиро ба ҳам пайванд намуда, матолиби ҳаҷвии хуберо таълиф намудаанд [1-М].

9. Дар бештари маврид ҳангоми муайян намудани жанрҳои ҳаҷвӣ мушкилот пеш меояд. Чун бархе аз навиштаҳои хонандагони нашрия низ масоилеро фарогир буда, аммо ба талаботи жанрҳои ҳаҷвӣ мувофиқ нестанд. Ё ки аз унсурҳо ва нозукиҳои жанрҳои ҳаҷвӣ васеъ истифода накардаанд [3-М].

10. Дар бештари навиштаҳои ҳаҷвӣ баёни маҷозии андеша, афкори пандомезу киноядор зиёд мушоҳида мегарданд, ки, бешак, дар пурқуввату пурҷозиба тасвир шудани муаммо ва мушкилоти ҷомеа мусоидат намоянд [1-М].

11. Воқеият ва тахайюл чун унсурҳои муҳимми анвои бадеӣ дар ҷолибу рангин гардидани матолиби ҳаҷвӣ нақши муассир доранд. Дар ҳаҷвияҳои гӯшаи «Анбӯр» таносуби воқеият ва тахайюл ба таври табии сурат мегирад. Воқеият ҳамчун асос ва манбаи эҷод хизмат мекунад, дар ҳоле ки тахайюл ва унсурҳои бадеӣ барои пурқувваттар ва ҷолибтар ифода намудани он истифода мешаванд. Ин омезиш имкон медиҳад, ки муаллифон воқеиятро дар шакли ғайриодӣ, киноявӣ ва таъсирбахш тасвир намуда, ҳадафи интиқодӣ дошта бошанд. Дар ин раванд, мувофиқати тахайюл бо воқеият ҳамчун шарти муҳимми муассирии ҳаҷв арзёбӣ мегардад, зеро ҳадафи ниҳоӣ аз ин омезиш таъсир расонидан ба афкори ҷомеа ва мусоидат кардан ба ислоҳи камбудиҳои мавҷуда мебошад [8-М].

12. Дар маҷмуъ, бояд зикр намуд, ки дар гӯшаи «Анбӯр» жанри фелетон зиёд мушоҳида мешавад, аммо онҳо ҳаҷман калон набуда, ҳамзамон на он қадар аз тасвиру бадеият истифода намудаанд. Аммо, дорои факту далелҳои ҷолиб мебошанд, ки андешаҳои муаллифонро эътимоднок менамоянд [1-М].

13. Аз мутолиа ва баррасии матолиби ҳаҷвӣ метавон чунин хулоса намуд, ки ҳар он нафаре, ки иллату муаммои ҷомеаро дар қолаби анвои ҳаҷвӣ ва ё ҳаҷвияҳо баён намудаанд, бешак, бо эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва танҳо ба хотири рушди ҷомеаи мо даст ба ин кор задаанд. Тавре мушоҳидаҳо ва раванди зиндагӣ нишон медиҳад, на ҳама аввалан он ҳама норасоиҳои ҷомеаро дарк менамоянд ва агар

мушоҳида намоянд ҳам, шояд ба он эътиборе надиҳанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» бо он ҳама матолиби ҷолибу рангини хеш, пеш аз ҳама, дар инъикоси муаммо ва мушкилоти он замон нақши сазовор гузоштааст [5-М].

Дар маҷмуъ, осори ҳаҷвии «Анбӯр» шабеҳи пулест, ки дирӯзу имрӯзро бо ҳам пайванд месозад. Имрӯз он ҳама матолиби ин гӯша дар омӯзиши осори ҳаҷвии солҳои 50-60-уми асри гузашта заминаи мусоиде фароҳам меоварад. Дар ин маврид бояд таъкид намуд, ки матолиби гӯшаи «Анбӯр» дорои аҳаммияти таърихӣ низ мебошанд. Масалан, дар оянда ҳини омӯзиши вазъи он солҳо ва муайян намудани мушкилоти иҷтимоӣ матолиби гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» метавонад чун манбаи муътамад ва маводди гаронбаҳо мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор бигиранд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун маводди таълимӣ ва таҷрибаи амалӣ дар омӯзиши таърихи матбуоти даврии тоҷик, асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ, вежагиҳои рубрикаҳои ҳаҷвӣ, публитсистикаи ҳаҷвӣ, махсусиятҳои инкишофи жанри ҳаҷв дар матбуоти даврӣ, инчунин дар таҳлили ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва жанрии маводди баррасишуда истифода шаванд.

2. Тавсия мешавад, ки дар таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ таъсири рубрикаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба рубрикаҳои ҳаҷвии нашрияҳои мақомоти маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шавад.

3. Бо мақсади таъмини истифодаи густурдаи маводди рубрикаи ҳаҷвии «Анбӯр», тавсия мегардад, ки намунаҳои баргузидаи ин мавод дар шакли маҷмуаи алоҳида ба нашр расонида шаванд.

4. Маводди рисолаи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун заминаи эмпирикӣ ва методологӣ дар омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории тоҷик, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он, публитсистикаи ҳаҷвӣ, фаъолияти эҷодии ҳаҷвнигорони маъруф ва гуногунии жанрии публитсистикаи ҳаҷвӣ истифода гардад.

5. Маводди таҳқиқот инчунин метавонад ҳам барои мутахассисони соҳаи медиашиносӣ ва ҳам барои доираи васеи хонандагон дар фаҳмиши равандҳои таҳаввулоти соҳаи матбуот, аз ҷумла эволютсияи нашрияи «Ҳақиқати Суғд», ҳамчун манбаи иттилоотӣ хизмат намояд.

6. Таҷрибаи гӯшаи ҳаҷвии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, рисолаи мазкур ибтидои таҳқиқоти мушаххаси илмӣ дар ин самт мебошад, ки зарурати ҷалби таваҷҷуҳи олимон, унвонҷӯён ва мутахассисони соҳаро ба ин мавзуъ муайян менамояд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо

1. Азизӣ, Б. С.Айнӣ – ҳаҷвнавис. «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1935, №11-12.

2. Азизӣ, Б. Як назар ба хандонидани мо. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи «Гӯшмол» ва маҷаллаи ҳаҷвии Мулло Мушфиқӣ [Матн] / Б. Азизӣ // Тоҷикистони сурх. – 1928. – 30 декабр.

3. Аминзода, М. Баъзе фактҳо [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1955. – 23 сентябр.

4. Аминзода, М. Ҳама рафтанд [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 19 январ.

5. Аминзода, М. Суханчин [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 25 январ.

6. Аминзода, М. Арзи ариза [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 8 июн.

7. Аминзода, М. Дӯстии Анбӯр ва Қайчӣ [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 4 сентябр.

8. Аминзода, М. Ғофил намонед! [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. –1956. – 11 сентябр.

9. Аминзода, М. Ба ҷои пахтачинӣ – сояшинӣ [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 21 октябр.

10. Аминзода, М. «Анбӯри»-и садум [Матн] / М. Аминзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1958. – 23 феврал.

11. Аминзода, М. Ҷавоб ба нома [Матн] / М. Аминзода // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 9 апрел.

12. Анбӯр. Менюи абадӣ тағйирнаёбанда [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1958. – 19 январ.

13. Анбӯр. Номаи дод! [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 22 январ январ.

14. Анбӯр. Чу бинам [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 5 май.

15. Баҳлулзода, Қ. Карнайҳои гунгалак, карнайчиҳои сергап [Матн] / Қ. Баҳлулзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 28 март.

16. Баҳлулзода, Қ. Дӯконҳои кӯтоҳметру ошхонаҳои дарозлапша [Матн] / Қ. Баҳлулзода // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 13 май.

17. Бурҳонов, М. Мактуб ба Анбӯр [Матн] / М. Бурҳонов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 13 май.

18. Воҳидов, Ё. Баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад [Матн] / Ё. Воҳидов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1958. – 12 октябр.

19. З., Ф. Шиква аз замон // [Матн] / З.Ф. // Самарқанд – 1913. – 13 август.

20. Зоконӣ, У. Ҳикоёти латиф [Матн] / У. Зоконӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.

21. Латифаҳои Анбӯр [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1957. – 12 феврал.

22. Мирзо, С. Оинаи ибрат ё асри маданият [Матн] / С. Мирзо // Бухорои шариф. – 1912. – 20 апрел.

23. Обидхӯҷаев, Л. Оқибат [Матн] / Л. Обидхӯҷаев // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 17 феврал.

24. Узоқова, М. То кай ҷавоб нест [Матн] / М. Узоқова // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 21 октябр.

25. Хушвақтов, В. Худаш якта, ҷои кораш сета [Матн] / В. Хушвақтов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 8 июл.

26. Ҳайдаршо, М. Дар шаъни жвачка [Матн] / М. Ҳайдаршо // Ҳақиқати Ленинобод – 1956. – 3 июн.

27. Ҳакимов, Ҳ. Девор афтад ҳам, ба тарафи мо афтад [Матн] / Ҳ. Ҳакимов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 11 март

28. Ҷалолзода Ҷ. Пешгуяндагони такдир [Матн] / Ҷ. Ҷалолзода // Ҳақиқати Ленинобод. –1958. – 12 октябр

29. Ҷураев, Ғ. Ба болои сӯхта намакоб [Матн] / Ғ. Ҷураев // Ҳақиқати Ленинобод. – 1955. – 4 сентябр.

30. Ҷураев, Ғ., Юлдошев Қ. Кули хокин [Матн] / Ғ. Ҷураев, Қ. Юлдошев // Ҳақиқати Ленинобод. – 19555. – 11 сентябр.

31. Юлдошев, Қ. Айб не-мӣ [Матн] / К. Юлдошалӣ // Ҳақиқати Ленинобод. – 1956. – 8 июн.

## II. Адабиёти илмӣ

32. Абдуллаев, М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XIX – первая половина XX века [Текст] / А.М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.

33. Абдуллоев, С. Илм ва фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи аввали қарни XX [Матн] / С. Абдуллоев. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1998. – 246 с.

34. Абдураҳим, Б. Парвозгаҳи суханварон [Матн] / Б. Абдураҳим. – Душанбе, 2014. – 72 с.

35. Азимов, А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик (солҳои 1920-30) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 90 с.

36. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 80 с.

37. Азимов, А. Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2007. – 52 с.

38. Азимов, А. Марзи сухан [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2008. – 94 с.

39. Азимов, А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 88 с.

40. Азимов, А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1950) [Текст] / А. Азимов. – Душанбе, 2014. – 313 с.

41. Азимов, А. Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ. – Душанбе, 2018. – 112 с.

42. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – Ҷ.1. – 360 с.

43. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. – Ҷ.4. – 350 с.

44. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Сталинобод: нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – Ҷ.5. – 296 с.

45. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – Ҷ.7. – 906 с.

46. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст [Матн]: осори баргузида дар ду ҷилд / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. – 478 с.

47. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст [Матн]: осори баргузида дар ду ҷилд / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – Ҷ.2. – 464 с.

48. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – Ҷ.8. – 521 с.

49. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.

50. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн]: иборат аз 15 ҷилд / С. Айнӣ. – Душанбе, 2005. – Ҷ.14. – 276 с.

51. Ализода, С. Маслаки мо ҳақ [Матн] / С. Ализода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 160 с.

52. Амонов, Р. Лирикаи халқии тоҷик [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 389 с.

53. Амонов, Р. Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе, 1970. – 170 с.

54. Армуғон [Матн]: бахшида ба 70-солагии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» / муҳ. С. Ҷило. – Хуҷанд: Нашриёти дав. ба номи Р. Ҷалил, 2000. – 164 с.

55. Асрорӣ, В. Ҳаҷв дар адабиёти тоҷикӣ [Матн] / В. Асрорӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 114 с.

56. Асрорӣ, В. Адабиёт ва фолклор [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 278 с.

57. Асрорӣ, В. Халқ ва адабиёт [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе, 1968. – 176 с.

58. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс,. – М., 1960. – 554 с.

59. Бобохонов, М.Б. Из истории периодической печати Туркестана [Текст] / М.Б. Бобохонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 180 с.

60. Брагинский, И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ [Матн] / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 194 с.

61. Гаффаров, Н.У. Общественно-политеческая деятелность М. Бехбуди [Текст] / Н.У. Гаффаров. – Душанбе: Сино, 1997. – 32 с.

62. Гаффаров, Н.У. По страницам газеты «Бухорои шариф» (О первой таджикской прессе) [Текст] / Н.У. Гаффаров. – Худжанд, 1999. – 30 с.

63. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.

64. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.

65. Гулов, С. Махсусияти очерки муосир [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2012. – 136 с.

66. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе, 2016. – 176 с.

67. Гусарева, И. Сатирические жанры в творчестве поэта-демократа Д.Д. Минаева [Текст] / И. Гусарева. – Москва, 1964. – 15 с.

68. Ғаффоров, У. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон [Матн] / У. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 96 с.

69. Имомзода, М. Усули таҳқиқ [Матн] / М. Имомзода, С. Маҳдӣ, Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2019. – 200 с.

70. Имомов, М. Хирмани андеша [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2009. – 127 с.

71. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2003. – 134 с.

72. Касумов, М. Боевой революционно-сатирический журнал «Мулло Насриддин» и его общественно-политическое направление [Текст] / М. Касумов. – Баку, 1965. – 83 с.

73. Кучарова, Н. Публитсистикаи Абдулҳамид Самад [Матн] / Н. Кучарова. – Душанбе, 2016. – 192 с.

74. Қосимова, М.Н. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2005. – 234 с.

75. Қуддус, Ҷ. Назарияи эҷод [Матн] / Ҷ. Қуддус, М. Сангов. – Душанбе, 2003. – 100 с.

76. Қутбиддин, Б. Домани наср [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2011. – 96 с.

77. Қутбиддин, Б. Воқеияти тасвир [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2014. – 130 с.

78. Қутбиддин, Б. Роҳ ба сӯи эҷод [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2015. – 108 с.

79. Қутбиддинов, А. Моҳият ва таъйиноти матбуоти маҳаллӣ [Матн] / А. Қутбиддинов. – Душанбе, 2018. – 160 с.

80. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.

81. Мавлонов, А. Ҳаҷв ва мутоиба дар адабиёти нимаи дуввуми садаи бист [Матн] / А. Мавлонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – 284 с.

82. Мавлонов, М. Ҳаҷвиёти адабиёти классикии тоҷик ва журнали «Хорпуштак» [Матн] // Маҷмуаи филологӣ. Мақолаҳои аспирантони факултети филологияи тоҷик. – Душанбе: УДТ, 1971. – с. 45-65.

83. Маъмурзода, Н. Журналистикаи Хатлон [Матн]: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд / Н. Маъмурзода. – Бохтар, 2015. – 205 с.

84. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 268 с.

85. Муллоев, Ш.Б. Идейно-тематические особенности таджикской публицистики периода Великой отечественной войны [Текст] / Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 154 с.

86. Муродӣ, М.Б. Тақриз дар матбуоти даврии тоҷик (1920-1930) [Матн] / М.Б. Муродӣ. – Душанбе, 2023. – 200 с.

87. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2015. – 318 с.

88. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 122 с.

89. Муродов, М. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2007. – 144 с.

90. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн]: нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик / М. Муродов. – Душанбе, 2010. – 248 с.

91. Муродов, М. Луғати мухтарасаи истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – 146 с.

92. Муродов, М. Публицистического сатира в таджикской периодеческой печати [Текст] / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – 336 с.

93. Муродов, М. Аз се шохаи як илм [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 232 с.

94. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.

95. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ. (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.

96. Муродов, М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон [Матн] / М. Муродов, А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев, Қ. Исоев. – Душанбе, 2018. – 200 с.

97. Муъминҷонов, З. Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2013. – 66 с.

98. Николаев, Д.П. Смех – оружие сатиры [Текст] / Д.П. Николаев. – М.: Искусство, 1962. – 223 с.

99. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмурод. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.

100. Покусева, Е. Революционная сатира Салтыкова-Щедрина [Текст] / Е. Покусева. – Москва: Гослитиздат, 1963. – 470 с.

101. Раджабов, З. Из истории общественно – политической мысли таджикского народа во второй половине XIX – начале XX вв [Текст] / З. Раджабов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 460 с.

102. Раджабов, М. Мировоззрение Убайди Зокони [Текст] / М. Раджабов. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1958. – 114 с.

103. Раҳим, Ҷ. Ҳисса аз қисса [Матн]: ҳикояҳои ҳаҷвӣ / Ҷ. Раҳим. – Сталинобод, 1941. – 80 с.

104. Раҷабов, З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] / З.Ш. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 308 с.

105. Садуллоев, А. Горизонты публицистики [Текст] / А. Садуллоев. – Душанбе, 2009. – 308 с.

106. Садуллоев, А. Очерк: генезис, развитие и современное состояние [Текст] / А. Садуллоев, А. Аминов. – Душанбе, 2012. – 216 с.

107. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 138 с.

108. Салихов, Н. Н. История таджикской журналистики [Текст] / Н. Салихов, Ш. Муллоев. – Душанбе, 2014. – 136 с.

109. Самадова, Д. Информационных жанров в региональной прессе Таджикистана периода независимости [Текст] / Д. Самадова. – Худжанд: Нури маърифат, 2024. – 115 с.

110. Сафарзода, Э. Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе: Маориф, 2019. – 228 с.

111. Саъдуллоев, А. Хандаи созанда [Матн] / А. Саъдуллоев. – Кобул, 1967. – 123 с.

112. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 76 с.

113. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 256 с.

114. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши дуюм: жанрҳои таблиғӣ-публитсистӣ [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 72 с.

115. Саъдуллоев, А. Рангҳои зиндагӣ [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2007. – 344 с.

116. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика [Матн] / Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.

117. Солеҳов, С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-30 [Матн] / С. Солеҳов. – Душанбе, 1969. – 144 с.

118. Суфизода, А. Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик [Матн] / А. Суфизода. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 271 с.

119. Табаров, С. Мунзим [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 152 с.

120. Табаров, С. Мунзим ва Беҳбудӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, 2002. – 88 с.

121. Тертичний, А. Жанри периодической печати [Текст] / А. Тертичний. – Москва: Аспект Пресс, 2000. – 310 с.

122. Усмонов, И.К. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997. – 158 с.

123. Усмонов, И.К. Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ. [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1991. – 72 с.

124. Усмонов, И.К. Журналистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – Ҷ.2. – 200 с.

125. Усмонов, И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 280 с.

126. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.

127. Усмонов, И.К. Журналистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – Ҷ.4. – 474 с.

128. Ҳошим, Р. Солҳо дар саҳифаҳо [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.

129. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.

130. Шарифзода, Қ. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 72 с.

131. Шарифзода, Қ. Газета (рӯзнома) [Матн]: аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он / Қ. Шарифзода. – Душанбе, 2016. – 104 с.

132. Шарофати «Бухорои шариф» [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 100-солагии аввалин нашрияи тоҷикии «Бухорои шариф» ва 80 солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2012. – 236 с.

133. Шукуров, М. Анъана, халқият ва маҳорат [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – 231 с.

134. Эльсберг, Я.Е. Теорея советской сатири [Текст] / Я.Е. Эльсберг. – М.: Сов. писатель, 1957. – 427 с.

### III. Мақолаҳои илмӣ-оммавӣ аз матбуоти даврӣ

135. Андрионова-Перец, В.П. У истоков русской сатиры [Текст] / В.П. Андрионова-Перец // Русская демократическая сатира XVII века [Текст]. – Москва-Ленинград: АН СССР, 1954. – С.137-187.

136. Асрорӣ, В. Намунаи рубоиёти халқии замони советии ҳавзаи Зарафшон [Матн] / В. Асрорӣ. – Шарқи Сурх. – 1952. – №4. – С.119-125.

137. Асрорӣ, В. Ҳаҷв ва мазҳака дар адабиёти тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ // Шарқи сурх. – 1957. – №6. – С.84-97.

138. Асрорӣ, В. Ҳаҷв ва мазҳака дар адабиёти тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ // Шарқи сурх. – 1957. – №7. – С.106-128.

139. Асрорӣ, В. Муҳиддин Аминзода [Матн]: дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир / В. Асрорӣ // Баҳори дил. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – С.116-121

140. Гаффаров, Н.У. Из истории джадидского движения в Бухаре (К ранней историографии проблемы) [Текст] / Н.У. Гаффаров // Фаслномаи «Гули мурод». – 1997. – №7-9 (3). – С.22-26.

141. Гулмурод, П. «Бухорои шариф» равзанаи нур [Матн] / П. Гулмурод // Сухан. – 1990. – декабр.

142. Гулмурод, П. Устод Айнӣ ва Абдурауфи Фитрат [Матн] / П. Гулмурод // Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон: Бахши ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 1997. – №4. – С.3-18.

143. Гулмурод, П. Матбуоти тоҷик дар Самарқанд [Матн] / П. Гулмурод // Фаслномаи Рӯдакӣ. – 2007. – №15. – С.43-49.

144. Гулмуродзода, П. «Джадидская школа» и просветительское движение в Бухаре [Текст] / П. Гулмуродзода // Гули мурод. – 1997. – №1-3. – С.48-58.

145. Гулмуродзода, П. Инқилоби фикрӣ ва оғози бедорӣ дар Бухоро [Матн] / П. Гулмуродзода // Рӯдакӣ. – 2007. – №16. – С.105-133.

146. Ғанӣ, С. Устод [Матн]: дар бораи С.Айнӣ / С. Ғанӣ // Шарқи сурх. – 1960. – №157. – С.26-27.

147. Ғаффоров, Н. Беҳбудӣ кӣ буд? [Матн] / Н. Ғаффоров // Ҳақиқати Ленинобод. – 2004. – 5 сентябр.

148. Ғафуров, Б. Барои пешрафти минбаъдаи адабиёти советии тоҷик [Матн] / Б. Ғафуров // Шарқи сурх. – 1954. – №9 – С.53-64.

149. Мирзозода, Х. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Газетаи муаллимон. – 1939. – 30 июл; 12 август.

150. Муқимов, Р. Қайдҳо доир ба маҳорати типҳои сатиравӣ офаридани устод Садриддин Айнӣ [Матн] / Р. Муқимов // Труды Самаркандского госуниверситета. Новая серия. – 1963. – Вып.133. – С.32-41.

151. Мӯсоев, Ш. Бурду бохти ҳаҷв [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 5 октябр.

152. Николаев, Д.П. В защиту специфики сатиры [Текст] / Д.П. Николаев, А. Ушаков // Вопросы литературы. – 1961. – №2. – С.199-202.

153. Номачаи табрикии Анбӯр (Нашри махсуси ҷашнӣ бахшида ба 50-солагии нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1980. – 11 март. – С.3.

154. Нӯъмонӣ, Ш. Натвон гуфтан, ҳар он чи дар хотири мост [Матн] / Ш. Нӯъмонӣ // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 6 август.

155. Памфилова, Е.Н. Некоторые проблемы советской литературной сатиры [Текст] / Е.Н. Памфилова // Ученые записки Московской области пединститута. – 1956. – Вып.2. – Т.40. – С.24-29

156. Раджабова, С. Мирзо Сироджи газета «Бухорои шариф» [Текст] / С. Раджабова // Памятник истории и културы. – Бухара, 1995. – Вып.4. – С.140-145.

157. Расулиён, Қ. Нахустрӯзномаи миллӣ [Матн] / Қ. Расулиён // Адабиёт ва санъат. – 1993. – 24 июн.

158. Раҳмонов, Ӯ. «Бухорои шариф» чи гуна рӯзнома буд? [Матн] / Ҷавонони Тоҷикистон. – 1990. – 15 август.

159. Раҷабзод, Ш. Тақсими мерос [Матн] / Ш. Раҷабзод // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 19-уми март.

160. Сайфуллоев, А. Мухтасар дар бораи Ҷавҳарӣ ва эҷодиёти ӯ [Матн] / А. Сайфуллов // Маориф ва маданият. – 1962. – №3. – С.2.

161. Салимзода, О. Нури маърифат [Матн] / О. Салимзода, П. Гулмуродзода // Фарҳанг. – 2002. – №5. – С.20-27.

162. Самад, В. «Мулло Насриддин» ва худшиносии тоҷикон [Матн] / В. Самад // Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе, 1990. – Ҷ.2. – С.93-108.

163. Самандаров, Г. Повести сатиравии С. Айнӣ «Марги судхӯр» [Матн] / Г. Самандаров // Шарқи сурх. – 1963. – №4. – С.12-17.

164. Салоҳ, С. Баъзе маводҳо доир ба ҳаҷви солҳои бистум ва сийум [Матн] / С. Салоҳ // Шарқи сурх. – 1957. – №10. – С.109-119.

165. Солеҳов, С. Муболиға чун воситаи типсозӣ дар «Марги судхӯр»- и С. Айнӣ [Матн] / С. Солеҳов // Ҷашнномаи Айнӣ. – Сталинобод, 1960. – Ҷ.1. – С.46-58.

166. Салоҳ, С. Фаъолияти ҳаҷвнависони тоҷик дар саҳифаҳои журнали «Хорпуштак» [Матн] / С. Салоҳ // Шарқи сурх. – 1958. – №11. – С.129-157.

167. Солеҳов, С. Ҳаҷв дар журнали «Шуълаи инқилоб» [Матн] / С. Солеҳов // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе, 1969. – Ҷ.4. – С.167.

168. Табаров, С. Адиби дӯстдорамон (Ба муносибати 60-солагии М. Аминзода) [Матн] / С. Табаров // Маориф ва маданият. – 1964. – 4 апрел.

169. Тӯраев, М. Ханда дар фарҳанги мардум [Матн] / М. Тӯраев // Адабиёт ва санъат. – 2008. – 31 июл.

170. Усмон, И. Раҳнамои таърихи инқилоб [Матн] / И. Усмон // Садои Шарқ. – 1988. – №12. – С.120-124.

171. Усмон, И. Чароғи маърифат [Матн] / И. Усмон // Садои Шарқ. – 1991. – №8. – С. 106-114.

172. Усмонов, А. О взаимоотношения таджикской и узбекской сатиры. [Текст] / А.О. Усмонов // Ученые записки по филологии. ЛГПИ им. С.М.Кирова. – Ленинабад, 1968. – С.12-17.

173. Усмонов, И.К. Тарҷумаи ҳоли дил [Матн]: аз таърихи матбуоти тоҷик / И.К. Усмонов // Газетаи муаллимон. – 1987. – 19 май.

174. Фролов, В. Сила сатиры [Текст] / В. Фролов // Литературная газета. – 1954. – 18 ноября.

175. Ҳошим, Р. Айнӣ ва назми тоҷик дар даҳ соли аввали Октябр [Матн] / Р. Ҳошим // Шарқи Сурх. – 1961. – №4. – С.99-112.

176. Ҳусейнзода, Ш. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои эҷодии назми советии тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – Сталинобод, 1957. – №15. – С.70-78.

177. Ҷалил, Р. Устоди садсолаи ман [Матн]: дар бораи А.П. Чехов / Р. Ҷалил // Тоҷикистони Советӣ. – 1960. – 24 январ.

178. Шукуров, М. Ҳаҷв дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ [Матн] / М. Шукуров // Ҷашнномаи С.Айнӣ. – Душанбе, 1963. – Ҷ.2. – С.49-57.

179. Эльсберг, Я.Е. Художественное богатство сатиры [Текст] / Я.Е. Эльсберг // Литературная газета. – 1955. – 29 декабр.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

180. Абдуллаев, М.А. Проблемы национального самосознания в литературоведческих трудах Садриддина Айни [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.03 / Абдуллаев Масрур Ахматович. – Душанбе,

1996. – 26 с.

181. Абдуллаев, М.А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX – первая половина XX веков [Текст]: дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Абдуллаев Масрур Ахматович. – Душанбе, 2011. – 343 с.

182. Азимов, А.Х. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.) [Текст]: автореф. дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Азимов Аъзамджон Холматович. – Душанбе, 2009. – 45 с.

183. Бозорзода, Н.Ш. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия) [Матн]: дис... д-ри илмҳои филологӣ: 10.01.10 / Бозорзода Нуриддин Шодипур. – Душанбе, 2021. – 309 с.

184. Джураева, М.Р. Коммуникативно-прагматический анализ устойчивых формул общения в средствах массовой информации Таджикистана (2010-2016 гг.) [Текст]: дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Джураева Мушаррафа Рустамовна. – Душанбе, 2017. – 320 с.

185. Имомов, М.С. Художественное мышление и поэтика прозы Садриддина Айни [Текст]: автореф. дис... д-ра филол. наук: 10.01.08 / Имомов Махмаисуф Сайдалиевич. – Душанбе, 2002. – 51 с.

186. Қутбиддинов, А.Ҳ. Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод») [Матн]: дис... д-ри илмҳои филологӣ / Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович. – Душанбе, 2021. – 318 с.

187. Мадиев, С. Проблема жанра латифа: на материалах таджикского и узбекского фольклора [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.00.00 / Мадиев Сади. – Самарканд, 1969. – 29 с.

188. Муллоев, Ш.Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945 [Текст]: дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Муллоев Шариф Бокиевич. – Душанбе, 2013. – 313 с.

189. Муродов, М.Б. Публицистическая сатира в таджикской периодической печати (проблемы истории, теории и практики) [Текст]: автореф. дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Муродов Мурод Бердиевич. – Душанбе, 2009. – 39 с.

190. Мухтори, К. Особенности языка СМИ и социальной коммуникации (на материале таджикской периодической печати 1991-2020 гг.) [Текст]: дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Мухтори Кутбиддин. – Душанбе, 2021. – 300 с.

191. Салихов, Н.Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета [Текст]: автореф. дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Салихов Нурали Назарович. – Душанбе, 2010. – 47 с.

192. Самадова, Д.Х. Место информационных жанров в региональной прессе периода независимости (на примере изданий «Хакикати Сугд» и «Вароруд») [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Самадова Дилбар Хасановна. – Душанбе, 2015. – 140 с.

193. Сатторова, З.А. Освещение социально-политических вопросов в региональной прессе Таджикистана (на примере газеты «Хакикати Сугд» 1991-2015 гг.)» [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Саттарова Замира Абдужабборовна. – Душанбе, 2017. – 155 с.

194. Солеҳов, С. Сатира и юмор в таджикской периодике 20-30-х годов [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.00.00 / Салихов Солохиддин. – Душанбе, 1964. – 318 с.

195. Ткачев, П. Памфлет и его форме: теоретические проблемы, исторический опыт, современная практика [Текст]: дис... д-ра филол. наук: 10.01.10 / Ткачев Павел Иванович. – Минск, 1979. – 441 с.

196. Усманов, А. Проблема как положительного героя и характера в советской сатире [Текст]: автореф. дис... канд. / А. Усманов. – Самарканд, 1968. – 21 с.

197. Федосев, Л.П. Фолклорные и литературные источники юмора и сатиры И.С. Нечуя – Левецкого [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.00.00 / Федосов Леонид Павлович. – Киев, 1966. – 22с.

198. Шехов, А.А. Инъикоси масъалаҳои адабиёт дар матбуоти тоҷики ибтидои асри XX (дар мисоли рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина») [Матн]: дис... номзади илмҳои филологӣ / Шехов Абдукодир Абдурауфович. – Хуҷанд, 2011. – 164 с.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРҶАИ ИЛМӢ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Самадова, Д.Ҳ. Воқеият ва тахайюл дар ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / Д.Ҳ. Самадова, М.З. Мавлянова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2021. – №4 (69). – С.117-121.

[2-М]. Мавлянова, М.З. Нақши гӯшаи «Анбӯр» дар таҷассуми камбудиҳои ҷомеа [Матн] / М.З. Мавлянова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Силсилаи илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2024. – №3 (36). – С.264-269.

[3-М]. Мавлянова, М.З. Ҷойгоҳи воқеият ва тахайюл дар гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» [Матн] / М.З. Мавлянова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2024. – №2 (36). – С.150-154.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Мавлянова, М.З. Роль газеты «Хакикати Сугд» в развитии литературных связей. Инновационные подходы в современной науке [Текст] / М.З. Мавлянова // Сборник статей по материалам CLXXXIV международной научно-практической конференции. – М., 2025. – №4 (184). – С.149-154.

[5-М]. Мавлянова, М.З. Нақши Қ. Баҳлулзода дар рушди ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Журналистаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуот. – Душанбе, 2021. – С.183-188.

[6-М]. Мавлянова, М.З. Заминаҳои пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои матбуоти маҳаллии ҳавзаи Суғд дар шароити ҷаҳонишавӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир 2019. – С.130-135.

[7-М]. Мавлянова, М.З. Гӯшаи «Анбӯр» ва нақши он дар рушди анвои ҳаҷвӣ» [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи дуюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С.171-179.

[8-М]. Мавлянова, М.З. Бозтоби падидаҳои номатлуб ба ашъори ҳаҷвӣ [Матн] / М.З. Мавлянова // Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (силсилаи сеюм). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С.118-124.